Маҷаллаи илмӣ-амалии
Агентии назорати давлатии молиявӣ ва
мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИЗОНИ ҚОНУН

№2, 2021

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-АМАЛИИ
АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ
МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МИЗОНИ ҚОНУН

Ба «30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст.

№2, 2021

МУАССИС

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва
мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР

Турсунзода Ш.Х. – сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Агентӣ, подполковники адлия

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР

Раҳмонзода Ф.Н. – нозири калони шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Сарраёсати муқовимат
ба коррупсияи Агентӣ, лейтенанти калони адлия

АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Муовинони сардорони воҳидҳои сохтории Агентӣ

КОТИБИ МАСЪУЛ

Назуруллозода Б.Н. – мутахассис оид ба корҳои матбуот ва
воситаҳои ахбори оммаи Агентӣ

МУТАХАССИСИ ТЕХНИКИ

Фозилзода Ш.Х. – коргузори Агентӣ

НИШОНӢ

734043, ш. Душанбе, хиёбони А. Сино, 126/1.
Тел.: (+992 37) 236-64-72, факс (+992 37) 236-64-53.
Телефони боварӣ: (+992 37) 224-23-23.
Сомона: www.anticorruption.tj. Почтаи электронӣ: info@anticorruption.tj

Ба чоп 01.09.2020 имзо шуд. Коғази ҷилодор. Чопи офсетӣ. Андоза 60x84$^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопӣ 19,5. Адади нашр 200 нусха.

Дар матбааи «Промэкспо» чоп шудааст.
734042, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 13В. Тел.: (+992 37) 227-63-73, 919-76-97-97.
E-mail: promexpo_tj@mail.ru

Маҷалла 5-уми майи соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №152/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

«Мизони қонун» на бо ҳамаи андешаҳои муаллифон мувофиқ буда, ба хотири риояи
гуногунандешӣ ақоиди мухталифро чоп мекунад. Масъулияти саҳеҳии рақамҳо ва санаду
иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.
Нашри матолиби «Мизони қонун» танҳо бо ризоияти хаттии идораи он имкон дорад.

Дар шумора хабару аксу гузоришҳо аз шабакаи интернет,
муаллифон ва бойгонии маҷалла истифода шудаанд.

Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

БАХШИДА БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Султонзода Сулаймон Саид – Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия

Таъсис додани давлати мустақил воситаи муҳими амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ, рушди иқтисодиёт, забон ва фарҳанги ҳар як миллат маҳсуб меёбад. Маҳз Истиқлолият имконият фароҳам меорад, ки давлат нерӯи инсонӣ ва захираҳои табиии худро ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъмини амният равона намуда, устуворӣ ва бардавомии худро таъмин намояд.

9-уми сентябр дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ҳамчун Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, имсол тамоми сокинони кишвар 30-умин солгарди ин санаи муборакро ҷашн мегиранд.

Тавре Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар ҳазорсолаи охир буда, рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандорӣ, нишонаи ҳуввият, озодӣ, ифтихору номус ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоламон мебошад».

Чунин чеҳраҳои сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик Спитамен, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шотемур мебошанд, ки ҳар кадом дар даврони худ аз ҳуқуқи миллат ба истиқлолияти сиёсӣ дифоъ намудаанд.

Бузургони мо Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абдулқосим Фирдавсӣ, Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Имом Ғазолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Имом Абуҳанифа, Имом Бухорӣ ва садҳо дигарон бошанд, дар ҳифзи истиқлолияти зеҳнӣ ва маънавии миллати тоҷик саҳми босазо гузошта, дар ҷодаи илму адаб, ҳуқуқ ва фарҳангу дин ба он шуҳрати ҷаҳонӣ ато намудаанд.

Миллати мо борҳо ба ҷаҳониён намунаи давлатдории мутамаддинро ато намуда, ҳамзамон таҷрибаи талхи аз даст додани Истиқлолияти худро низ чашидааст.

Тантанаи давлатдории миллати тоҷик ба замони Сомониён рост омада, он ба ҷаҳониён намунаи фарҳанги волои давлатдорӣ, аз ҷумла низоми муассири ташаккули ҳокимияти иҷроия (девонҳо), ҷамъоварии андоз, рушди иқтисодиёт, меъморию шаҳрсозӣ, илм, адабиёт ва санъатро ато намуд.

Ин давлати миллӣ баъди 150 соли рушду нумӯъ бар асари муборизаҳои дохилӣ, ба мансабҳои баланди давлатӣ роҳ ёфтани унсурҳои бегона ва пайдоиши зиддият байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ сусту заиф гардида, аз байн рафт.

Боиси ифтихор аст, ки тули чанд садсолаи баъдинаи бедавлатӣ миллати мо ҳуввияти худро аз даст надода, забон, фарҳанг ва таъсири худро дар идоракунии давлатӣ нигоҳ дошт.

Сулолаҳои бегонатабор тарзи идоракунии давлатии Сомониёнро ҳамчун намуна истифода бурда, намояндагони миллати тоҷикро бо назардошти маҳорати баланди роҳбариашон ба вазифаҳои масъули давлатӣ таъин мекарданд.

Намояндагони илму адаб ва руҳониёни тоҷик низ дар дарбор аз эҳтироми хоса бархурдор буда, дар ташаккули сиёсати дохиливу хориҷӣ таъсиргузор буданд.

Ҳамаи ин имкон дод, ки миллати тоҷик дар ин даврaҳои душвори таърихӣ ҳаққи худро барои дар оянда барқарор намудани Истиқлолияти давлатӣ ва миллии худ ҳифз намояд.

Маҳз ҳамин заминаҳо имкон доданд, ки миллати тоҷик дар даврaҳои душвори таърихӣ ҳуввият ва имкониятҳои худро ба эҳёи давлатдории миллии худ нигоҳ дорад.

Бо эътирофи хидматҳои миллати тоҷик дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ ва таҷрибаи бойи давлатдории он баъди ғалабаи Инқилоби соли 1917 ба Тоҷикистон аввал мақоми ҷумҳурии худмухтор ва баъдан ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар оғози асри 20 Тоҷикистон ҳамчун давлат аз нав арзи вуҷуд карда, дар роҳи бунёди давлатдории муосир қадам гузошт.

Новобаста аз дастовардҳои назарраси таърихӣ дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистони онвақта аз истиқлолият ба маънии томи он бархурдор набуд.

9 сентябри соли 1991 Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, ҳамзамон бо ворид намудани тағйирот ба Конститутсия истиқлолияти давлатии он расман эълон карда шуд.

Ин рӯйдод дар ҳақиқат санаи амалӣ шудани ормонҳои ҳазорсолаи ниёгони мо, барқароршавии адолати таърихӣ ва оғози марҳилаи нави таҳаввул ва пешрафти кишвар маҳсуб меёбад.

Дар ин давра таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳаввулоти азими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалӣ карда шуда, вазифаҳои стратегии рушд аз қабили таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар асосан ҳал гардиданд.

Тавассути бунёди шоҳроҳҳои автомобилӣ ва роҳҳои оҳан ҳама минтақаҳои кишвар ба ҳам пайваст гардида, барои таъмини ягонагии забон, фарҳанг ва урфу одатҳои миллӣ заминаҳо фароҳам оварда шуданд.

Бо пиёда намудани тадбирҳои густурдаи маърифатӣ ва тарғиботӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мардуми мо мероси адабию фарҳангӣ ва мақоми тамаддунофарии худро ҳифз намуд.

Кишваре, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳаққи пешбурди сиёсати мустақилонаи хориҷӣ бебаҳра буд, ҳоло узви комилҳуқуқи зиёда аз 120 ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир пайваста масъалагузорӣ менамояд.

Ҳамин тавр, дар давоми ҳамагӣ се даҳсолаи даврони Истиқлолият Тоҷикистон роҳи садсолаҳоро тай намуда, ба кишвари ободу зебо, воқеан ҳам мустақил ва дар сиёсати ҷаҳонӣ таъсиргузор табдил ёфт. Роҳи Истиқлолият ҳамешу тахту ҳамвор набуда, дар ин ҷода моро имтиҳонҳои зиёде пеш омаданд. Аз ҷумла дар оғози ин даврон бо дасисабозии душманони дохиливу хориҷӣ кишвари мо ба гирдоби ҷанги харобиовари шаҳрвандӣ кашида шуд.

Дар даврaҳои баъдина низ гуруҳҳои ифротӣ на як бору ду бор ба Истиқлолият, тамомияти арзии мамлакат ва сулҳу субот дар ҷомеа хатар эҷод намуданд.

Хушбахтона, дар лаҳзаҳои ҳассосу мураккаб ба шарофати хираду азалии миллати тоҷик, истеъдоди фавқулодаи роҳбарӣ ва

ҷасорати шахсии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин имтиҳонҳо пушти сар карда шуданд.

Тибқи баҳогузории коршиносони байналмиллалӣ Тоҷикистон айни ҳол яке аз 10 кишварҳои барои ҳаёт бехавфтарини минтақа маҳсуб ёфта, мардуми он аз паи созандагиву бунёдкорист.

Истиқлолият ҳамзамон дар симои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик шахсияти барҷастаеро ато намуд, ки бо истеъдоди фавқулодаи идоракунии давлат дар лаҳзаҳои ҳассос, бартарафкунии низоъҳои сиёсӣ ва дарки равандҳои глобалии сайёра шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуда, обрӯбардори Ватани худ гаштааст.

Барои мо мояи ифтихор ва сарфарозист, ки Агентӣ ҳамчун намунаи нодир ва муосири ниҳоди махсусгардонидашуда дар самти мубориза бо коррупсия маҳз дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таъсис дода шудааст.

Аз ин лиҳоз мо бояд дар атрофи Пешвои муаззами худ боз ҳам зичтар муттаҳид гашта, дар амалӣ намудани сиёсати инсондӯстона ва созандаву бунёдкоронаи ӯ саҳми арзандаи худро гузорем.

Дар фарҷоми сухан бори дигар Шумоёнро бо 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, бароятон рӯзгори обод ва нишоти умрро таманно дорам.

Бигзор, истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳамеша поянда ва Парчами он чун рамзи сарбаландии мардуми шарафманди мо парафшон бошад!

МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Раҳмон Юсуф Аҳмадзод – Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники адлия

Дар таърихи Тоҷикистони навин волотарин ва пураразиштарин дастоварди сиёсӣ – соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Соҳибистиқлолии давлатӣ шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёрии ҳар як миллату халқ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, танҳо он кафолат медиҳад, ки миллат низоми давлатдорӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш барад ва бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамқадам бошад.

Мо тоҷикон пас аз ҳазор сол Истиқлолияти давлатиро ба даст овардем. Вале нигоҳ доштани ин неъмати бебаҳо барои мо осон нагардид. Зеро маҳз дар рӯзҳои аввалини Истиқлолияти давлатӣ бо таъсири бархе аз нерӯҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ Тоҷикистони азиз ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, хисороти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардид. Ин ҳама появу рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонида, дар кишвар беқонуниятӣ ва бесомониҳоро ба вуҷуд овард.

Дар чунин шароити душвори сиёсӣ, 16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардид, ки онро ҳамватаон ҳамчун «Иҷлосияи тақдирсоз» арзёбӣ мекунанд. Зеро маҳз Иҷлосияи мазкур тамоми масъулиятро ба дӯш гирифта, ба хотири сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳбарияти нави мамлакатро таҳти сарварии фарзанди номбардори халқ Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд ва аз лаҳзаҳои нахустини фаъолият Сардори давлат барномаи мукаммали аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ раҳо бахшидани кишварро ба миён гузоштанд.

Маҳз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши роҳи хатари нобудшавии давлати миллии мустақили тоҷиконро гирифта, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимиятро барқарор сохта, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуданд. Мардуми парешонро сарҷамъ ва садҳо ҳазор гурезагонро ба Ватан баргардонида, заминаи устувори сулҳи миллӣ ва эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро матраҳ намуданд.

Бо талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва ба ҷаҳониён таҷрибаи беназири тоҷикии бо роҳи осоишта хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ бо номи «Сулҳи тоҷикон» тақдим гардид.

Ҳамин тавр, Тоҷикистони мустақил дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, ба Истиқлолияти давлатии худ таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба сӯи оянда ги нек қадами устувор гузошт.

Дар тӯли ҳамагӣ 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт, Конститутсия, Парчам, Нишон, Суруди миллии хешро қабул намуда, пули миллӣ ва шиносномаи миллиро ба истифода бароварда, Парламенти касбӣ, артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадӣ ва дигар рукнҳои давлатдориро таъсис дод.

Соҳибистиқлолиятии давлатӣ, таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистони мустақил дар кӯтоҳтарин мӯҳлат ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ пазируфта шуда, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз 150 кишвари ҷаҳон эътироф намуданд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд.

Мақомоти прокуратура дар ин даврai таърихӣ ва марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди муҳими ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва адолатпарвар арзи ҳастӣ карда, фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, вазифаҳои худро ҷиҳати ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, якпорчагӣ, сулҳу ваҳдат, амният ва соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, саҳми худро дар таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи қонунгузорӣ дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, идораи ҳарбӣ, корхонаю муассисаҳо ва бонкҳо, тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ сарбаландона амалӣ намуда истодааст.

Дар марҳилаи аввали Истиқлолияти давлатӣ ҳизбу созмонҳое, ки дар Тоҷикистон пайдо шуданд, зери ниқоби демократия бо мақсади ғайриқонунӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва бо роҳи зӯрӣ дигар намудани сохти конститутсионӣ дастаҳои мусаллаҳ ташкил намуда, ҷанги шаҳрвандиро дар кишвар оғоз намуданд.

Куштори мардуми бегуноҳ, террори тарафдорони сохти конститутсионӣ, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дуздӣ ва ғоратгарӣ ривоҷ гирифта, даҳҳо ҳазор шаҳрвандони бегуноҳ беному нишон, манзилҳои мардум сӯзонида валангор шуданд. Иқтисодиёти мамлакат зарари беқиёс дида, иншоотҳои ҳаётан муҳиму аҳамияти стратегидошта харобу вайрон гардиданд. Ҳазорон нафар шаҳрвандон гуреза ва ҷумҳурӣ аз садҳо нафар мутахассисони баландихтисос маҳрум гардид.

Кормандони мақомоти прокуратура таҳти роҳбарии аввалин Прокурори генералии давлати соҳибихтиёри тоҷик Нурулло Ҳувайдуллоев мавқеи бетарафиро ишғол накарда, дар ҳимояи сохти конститутсионии кишвар устуворона истодагарӣ намуда, бар зидди ҷиноятқорон муборизаи беамон бурданд. Ин буд, ки гурӯҳи муташаккили мусаллаҳи ҷиноятии мухолифин 24 августи соли 1992 Прокурори генералӣ ва ронандаи автомашинаи хизматии ӯро ваҳшиёна ба қатл расонид.

Ҳолатҳои рухдода шаҳодати бесалоҳиятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ ва дар маҷмӯъ фалаҷгардии ҳокимияти давлатӣ буд.

Бинобар ин, яке аз талабҳои вакилони мардумӣ дар Иҷлосияи таърихии XV1 собиқ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Раиси тозаинтихоб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Прокурори генералӣ иборат аз тафтиши пурраю ҳаматарафаи ҳодисаҳои ғасби ҳокимияти давлатӣ бо роҳи табадуллоти мусаллаҳона, куштори ходимони давлатию ҷамъиятӣ, шаҳрвандон, дигар ҷиноятҳои со-

диршуда ва ба ҷавобгарии қонунӣ кашидани шахсони гунаҳгор буд.

Бригадаи тафтишотии Прокуратураи генералӣ новобаста аз мушкилоти ҷойдошта ва таҳдиду зӯровариҳо ба ҳаёту саломатии аъзоёни гурӯҳҳои тафтишотӣ дар як муддати кӯтоҳ тафтиши 198 парвандаҳои ҷиноятии калонҳаҷму бисёрлаҳзаро нисбати 235 нафар саркардагон ва роҳбарони ташкилотҳои террористӣ ба анҷом расонида, бо фикри айбдоркунӣ ба суд барои баррасӣ ирсол намуд.

Тафтишот муайян намуд, ки танҳо дар соли 1992 ба хоҷагии халқи мамлакат зиёда аз 177,7 млн. доллари ИМА зарари моддӣ расонида, 8 490 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расида, 1 289 нафар бедарак ғайб зада, 1 093 нафар аз силоҳи оташфишон ҷароҳат гирифтаанд.

Новобаста аз барқарор шудани ҳокимияти конститутсионӣ ва ба фаъолият шурӯъ намудани сохторҳои давлатӣ қувваҳои зиддиҳукуматӣ – пайравони онҳо дар дохил ва берун аз марзи кишвар ҷой гирифта, муборизаи сиёсӣ ва низомии худро идома доданд, ки он барои ба эътидол омадани вазъи сиёсию ҷамъиятии кишвар монеъ мегардид.

Роҳбарон ва аъзоёни ташкилотҳои ҷиноятӣ бо мақсади халалдор сохтани тартиботи ҷамъиятӣ, ба таҳлука андохтани мардуми осоишта, барангехтани низоъ ва хусумати динию миллӣ даст ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мезаданд. Танҳо дар ҳудуди шаҳри Душанбе онҳо куштори 70 нафар шаҳрвандони русзабонро аз рӯи эътиқоди динӣ ва муносибаташон ба хизмати ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 феврали соли 1999 дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ соли 1999-ро соли муборизаи беамон алайҳи ҷиноятқории муташаккилона, ришвахӯрӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, соли таъмини волоияти қонун ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ эълон намуданд.

Иқдоми мазкури Пешвои миллат аз ҷониби тамоми кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус прокуратура ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа дар муборизаи ба муқобили ҷиноятқорӣ қабул карда, фаъолият дар ин самт боз ҳам самаранок гардонида шуд. Мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ ва амният дар сафи пеши муборизаи ба муқобили ҷиноятқорӣ қарор гирифта, назорати прокурорӣ аз болои тафтишоти пешакӣ пурзӯр гардид.

Бо тадбирҳои андешидаи мақомоти прокуратура якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқу низомӣ 49 гурӯҳҳои устувору муташаккили ҷиноятқор, ки зиёда аз 366 ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир карда буданд, ошкор ва безарар гардонида шуданд.

Новобаста аз душворию мушкилотҳои ҷойдошта, дар ин давра кормандони мақомоти прокуратура ҳатто ҷони худро дар хатар гузошта, саҳми арзанда дар татбиқи Созишномаи истиқрори сулҳ, барқарории ваҳдати миллӣ, оромии сиёсиву иҷтимоии кишвар, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва манфиати давлати тозабунёди миллӣ гузошта, обрӯю эътибори мақомотро дар назди роҳбарияти сиёсии мамлакат ва сокинони кишвар боз ҳам баландтар бардоштанд.

Мақомоти прокуратура баҳри таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ ва таъмини волоияти қонун чораҳои муассир андешида, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Ба назорати ҳолати риоя ва иҷрои қонунҳои мамлакат дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҷашну маъракаҳои мардумӣ, замин, муомилоти фючерсӣ, асъор, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҳифзи табиат, авф, фармонҳои Президенти кишвар дар самти муборизаи бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ, ришвахӯрӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, халъи силоҳ диққати махсус дода шуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 апрели соли 2001 Низомнома «Дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ» тасдиқ гардид, ки он дар

баландбардории самаранокии фаъолият дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои содиршавии он саҳми босазо гузошт.

Бо ташаббуси Прокуратураи генералӣ бори аввал дар давраи соҳибистиқлолӣ, рӯзҳои 23–24 майи соли 2002 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсия» гузаронида шуд, ки дар кори он намояндагони прокуратураҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ташкилотҳои байналмилалӣ, олимон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқ иштирок намуда, ҷиҳати самаранокгардонии фаъолият дар ин самт тавсияҳои судманд пешниҳод намуданд.

Рӯзҳои 19–21 январи соли 2004 дар Ҷумҳурии Фаронса ҷаласаи Шабакаи зидди коррупсионӣ баргузор гардид, ки дар кори он ҳайати намояндагии Тоҷикистон бо роҳбарии Прокурори генералӣ ширкат варзида, маърӯзаи миллии Тоҷикистонро пешниҳод намуд.

15 июни соли 2005 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул гардида, мавқеи назорати прокурориро дар мустаҳкам намудани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ боз ҳам қавитар гардонид.

Бо истифода аз минбари семинарҳо, конференсияҳои байналмилалӣ, вохӯриҳо, Шӯрои ҳамоҳангсозии прокурорҳои генералии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва узви Ташкилоти ҳамкории Шанхай Прокурори генералӣ ва дигар намояндагони мақомот таҷрибаи ҷумҳуриро ҷиҳати тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба терроризм, экстремизми динӣ, муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар, коррупсия ва дигарҳо ба аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ расониданд.

Дар асоси аризаи Прокурори генералӣ Суди Олии мамлакат 30 марти соли 2006 фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон», «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкар-ут-Тойба», гурӯҳи исломӣ, «Ҷамъият-ут-Таблиғ», Ташкилоти динии миссионерии «Созмони Таблиғот» ва «Тоҷикистони озод»-ро, ки аз ҷониби роҳбарияти қувваҳои зиддиконститутсионии Тоҷикистон созмон дода шуда буданд, дар қаламрави ҷумҳурӣ манъ намуд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори Прокуратураи генералӣ, ки бо қарори собиқ Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 1994 тасдиқ гардида буд, 8 маротиба тағйирот ворид карда шуд.

Дар даврони Истиқлолият 20 прокуратураҳои нав, аз ҷумла Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳри Душанбе, Суғд, Кӯлоб, Қурғонтеппа (айни ҳол Бохтар), Хоруғ ва Рашт, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураҳои нақлиёти Хатлон ва Суғд, прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои Балҷувон, Носири Хусрав, Сарбанд (айни ҳол Левакант), Тоҷикобод, Сангвор, Роштқалъа, Табошар (айни ҳол Истиқлол), Кӯҳистони Мастчоҳ ва прокуратураҳои назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳии вилоятҳои Суғду Хатлон таъсис дода шуданд.

Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон се маротиба, аз ҷумла 20 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии прокурорҳои генералии кишварҳои иштирокчии ИДМ ва вохӯрии прокуророни генералии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай гузаронида шуданд, ки дар онҳо прокуророни генералии 15 давлат ва роҳбарони 6 созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуданд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 2 000 маҷлисҳои ҳайати мушоваравии мақомоти прокуратура ва 500 ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир гардида, дар онҳо вазъи назорати прокурорӣ, ҷиноятқорӣ, мубориза бо экстремизм ва терроризм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, қочоқи молу маҳ-

сулот, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон, қонунгузории замин, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз мавриди баррасӣ ва чораандешӣ қарор дода шуданд.

Вобаста ба самтҳои гуногуни назорати прокурорӣ, тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии судии онҳо унвонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари олии мамлакат танҳо дар соли 2020 2 277 ва дар семоҳаи якуми соли 2021 451 ахбороту маълумот манзур карда шуданд.

Дар 30 соли даврони соҳибистиқлолии кишвар барои хизматҳои шоён ва саҳми арзанда дар таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарбияи кадрҳо ва тарғиби қонунгузорӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 276 нафар кормандони мақомоти прокуратура бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон ва мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла, орденҳои Шараф, Спитамен, медалҳои Ҷасорат, Хизмати шоиста, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Мақомоти прокуратура дорои нерӯи бузурги кадрӣ ва сифатҳои баланди ахлоқиву касбӣ буда, дар давраи соҳибистиқлолӣ 126 нафар кормандони мақомот ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва масъул дар мақомоти олӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ таъин ва интихоб шуданд.

Дар маҷмӯъ, дар 30 соли даврони соҳибистиқлолии мамлакат (аз соли 1991 то семоҳаи якуми соли 2021) аз ҷониби прокуророн 135 743 санҷиши риоя ва иҷрои қонунгузорӣ гузаронида, аз натиҷаи онҳо 229 862 амр дода, 181 066 эътироз, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳо ва қонунвайронкуниҳо 114 025 пешниҳод оварда, 36 857 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. 69 388,6 га қитъаҳои замини ғайриқонунӣ додашуда ва худсарона ишғолгардида ба ҳолати аввала баргардонида шуданд.

Аз натиҷаи баррасии санадҳои эътиноии прокурорӣ 132 962 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 138 288 нафар ба ҷавобгарии моддӣ ва 272 296 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Бо дахолати прокуророн 397 млн. 467 ҳазор 901 рубли тоҷикӣ, 5 млрд. 234 млн. 878 ҳазору 518 сомонӣ, 10 млрд. 365 млн. 276 ҳазору 291 рубли Федератсияи Россия, 21 млн. 802 ҳазору 774 доллари ИМА, 49 908 сар чорвои шохдор ва 16 977 сар парранда ба манфиати давлат барқарор карда шудаанд.

Бо иштироки бевоситаи Прокурори генералӣ ду даври Шарҳи универсалии даврии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон омода гардида, ҳангоми баррасии он Прокурори генералӣ иштирок ва баромадҳо намуда, аз мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур пуштибонӣ намуд.

Ғамхориву дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо кормандони мақомоти прокуратураро водор менамояд, ки аз пештара дида самараноктар дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои халқу Ватан, ҳуқуқу озодиҳои ҳамватанон талош намоем, барои Ватани азизу мардуми шарафманди худ содиқона хизмат кунем, дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии сокинони кишвар саҳми арзандаи хешро гузорем. Ба андешаҳои бегонапарастӣ, ифротгароиву таҳрибкорӣ ва тундравӣ ба тафаккури мардум роҳ надиҳем. Нагузорем, ки сарҷамъии миллати кӯҳанбунёд ва оромии Ватани азизамон халалдор гарданд.

Прокуратураи генералӣ минбаъд низ баҳри ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастовардҳои даврони истиқлолият аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ тамоми чораҳои заруриро андешида, ҷиҳати дар сатҳи баланди омодагӣ истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузорад.

СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

Ба пешвози 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таърихи бою кӯҳан қарни сипаригардида дар арсаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар кишвари мо воқеаҳои сиёсии бузургеро дар бар мегиранд, ки ҳар кадоми онҳо дар марҳилаи худ нақши махсусе доранд. Дар таърихи навини тоҷикон волотарин дастоварди ин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст ва он ҳамчун ҷашни бузурги умумимиллӣ ҳар сол дар фазои бошукӯҳи идона таҷлил карда мешавад.

Доир ба ин рӯйдоди муҳим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: «Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад. Ба шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ халқи мо соҳиби рамзҳои давлатии худ – Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конститутсия шуд ва Тоҷикистони азизи мо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид. Истиқлолияти давлатӣ, инчунин, ҳувияти миллии мардуми тоҷикро ба зинаи комилан нав бардошт ва барои тақвияту густариш пайдо кардани ваҳдати тамоми сокинони Тоҷикистон заминаи пойдор фароҳам овард».

Истиқлолият барои мо мустақилияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин карда, нишонаи барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат ва ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, маҳз таҳти роҳбарии хирадмандонаи Сарвари давлатамон, ки тамоми кӯшишу талош ва захираву имкониятҳои худро ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии озоду осоишта равона сохтанд, пешрафти устувори ватанамон таъмин гардид, мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ боло рафта ва пояҳои давлатдории мустақили тоҷикон тақвият ёфт.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият, таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқиро ба миён гузошт. Дар ин ҷода аввалин санади ҳуқукии Тоҷикистони соҳибихтиёр – Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ва Карори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, №392 «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» мебошад, ки вазъи муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқукии кишварро куллан тағйир дода, ба рушди минбаъдаи он заминаи воқеӣ фароҳам овард.

Тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пояи мустаҳками ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон буда, нисбат ба ҳуқуқи инсон муносибати ҷиддӣ зоҳир карда шуд, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф гардид. Дар таърихи давлатдории тоҷикон дар сатҳи қонуни асосии мамлакат таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон гардид ва мустақилияти ҳокимияти судӣ ҳамчун як шохаи давлатдории демократӣ эътироф карда шуд.

Дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда шуд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешавад ва вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ иборат мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши асосӣ дорад, дар ҳамин радиф ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдори ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфта истодаст.

Адолати судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мавқеи хоса дошта, яъне хусусияти хоси он, аз қабили мустақилияту беғаразии судяҳо ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани онҳо, принсипҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, дар асоси мубоҳиса сурат гирифтани мурофиаи судӣ, баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад.

Тавре аз талаботи Конститутсия ва қонунҳо бармеояд, ягон мақомот ё шахси дигар ҳуқуқи амалӣ намудани адолати судиро надоранд.

Бояд қайд кард, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид. Давра ба давра ин барномаҳо амалӣ карда шуда, баҳри таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, такмили сохтори он, таъминоти моддию техникии судҳо, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии судяҳо нақши назаррас ба анҷом расониданд.

Тибқи барномаҳои қабулгардида дар кишвар як катор қонунҳои муҳим, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз нав таҳия ва қабул карда шуданд, ки барои такмили сохтори судӣ, фаъолияти судяҳо ва дар маҷмӯъ, барои таҳкими ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд оварданд.

Дар ин замина, иҷозати ба ҳабси пешакӣ гирифтани шахсони гумонбаршуда ва айбдоршаванда, тавассути дастгоҳҳои алоқа гӯш кардан ва сабти гуфтугӯҳои чунин шахсон, ҳабси муросилот ва хабарҳои телеграфӣ ба салоҳияти судҳо вогузор гардида, дар Суди Олӣ, судҳои вилоятҳо ва суди шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташкил карда шуданд, ки барои баррасии пурра ва ҳаматарафаи парвандаҳои судӣ ва пеш аз ҳама, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд муҳим мебошанд.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ 21 ноябри соли 2019 бори дигар таъкид намуданд, ки судя дар баробари донишу таҷриба бояд виҷдони пок, одобу ахлоқи ҳамида ва рафтору кирдори шоиста дошта бошад. Ҷиҳати баланд бардоштани касбияти судяҳо чораҳои ҷиддӣ андешида, ҳангоми интихоб

ва ҷобаҷогузории кадрҳо шахсияти онҳоро ҳаматарафа омӯхта, дар баробари донишу таҷриба, инчунин, одобу ахлоқ, масъулиятшиносӣ ва ҷаҳонбинии онҳо низ ба эътибор гирифта шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки баҳри ҳамаҷониба ва беғаразона интихоб кардани номзадҳо ба мансаби судягӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017 Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя таъсис дода шудаст, ки он тибқи низомнома имтиҳони довталабонро ташкил намуда дар асосҳои баробар, холисона судя-коромӯзҳоро барои минбаъд таъин намудан ба ин мансаб тавсия медиҳад.

Давлат барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ мунтазам корҳои заруриро, аз ҷумла бо роҳи ҷудо кардани воҳидҳои кории судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, зиёд намудани маблағгузории ҳамасолаи мақомоти судӣ, таъмини судҳо бо биною таҷҳизоти муосир ва дигар тадбирҳоро анҷом дода истодаст.

Дар натиҷаи ин дастгириҳо сол то сол *шароити корӣ ва моддиву техникии судҳо беҳтар гардида истодаст*. Аз ҷумла, биноҳои маъмурии судҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун, Шаҳристон, Шамсиддин Шоҳин, Кушониён, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Варзоб, Ванҷ, Шуғнон, Балҷувон, Восеъ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Дарвоз ва Данғара аз нав сохта шуда, як қисми биноҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои дигар таъмир гардида, бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуданд.

Ҳоло аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ сохтмони биноҳои нави Суди Олӣ ва суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе идома доранд.

Солҳои охир дар мамлакат як қатор чорабиниҳои муҳим доир гардиданд, ки шаҳодати рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии кишварамон мебошад.

Дар партави даъвату ҳидоятҳои Пешвои миллат мақомоти давлативу тамоми фарди ҷумҳурӣ нақшаву вазифаҳои навбатӣ ва оянда и худро мутобиқ ба ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ба роҳ монда, онро самаранок татбиқ карданд.

Алалхусус кормандони мақомоти судӣ дар самти иҷрои вазифаҳои хизматии худ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, нигоҳдошти дастовардҳои даврони истиқлолият, таъмини волоияти қонуну адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа чораҳои дахлдоро амалӣ намуда истодаанд.

Бо ифтихор бояд гуфт, ки ин ҷашни фархундаро кормандони мақомоти судӣ низ бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегиранд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизмати содиқона ва саҳми арзанда гузоштан дар татбиқи адолати судӣ зиёда аз 60 нафар судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, пешгирии содиршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тоза кардани мақомоти судӣ аз шахсони тасодуфӣ дар Суди Олӣ тамоми чораҳои дахлдор андешида шуда истодаст. Масъалаи мазкур зимни баргузории маҷлисҳои назоратӣ ва машваратҳои корӣ аз ҷониби роҳбарияти Суди Олӣ ба таври ҷиддӣ мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Ҳамзамон, ба раисони судҳо супориши хаттӣ дода шудаст, ки мубориза бар зидди коррупсияро вазифаи ҳамарӯзаи худ қарор дода, дар маҷлисҳои назоратии ҳарҳафтаина ва семинарҳои ҳармоҳа бо судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо ин масъаларо ба таври ҷиддӣ баррасӣ намуда, онҳоро ба масъулиятшиносии шахсӣ ва амалисозии софдилонаву поквиҷдононаи вазифаҳои хизматӣ даъват намоянд.

Ҳамин тариқ, баҳри таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон, бо боварӣ метавон гуфт, ки дар оянда низ кормандони мақомоти судӣ нақши назаррас хоҳанд гузошт.

ИЛМ ВА АМНИЯТ

Ятимов Саймумин – раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз лиҳози сиёсӣ истилоҳи «амният» муродифи калимаи «давлат» аст ва баръакс.

Аввалин тасаввурот оиди ниёзи одам, ҷамъият ба мавҷудияти муҳимтарин ва гаронтарин ҷузъи системаи сиёсӣ таҳти номи «давлат», зарурати таъмини амнияти худи инсон ва ҷомеаро дар назар дорад. Ба ҳамин хотир, «Давлате, ки амнияти хешро таъмин карда наметавонад, ғайримаҷоз» (Томас Гоббс) эълом гаштааст.

«Кишвар» ва «мамлакат» синонимҳои муваффақи истилоҳи «давлат» мебошанд. Аммо аз лиҳози ҳуқуқӣ баробарвазн буда наметавонанд. «Давлат» мафҳуми юридикӣ аст. Истилоҳоти аввалан номбаршуда ишора ба ҷанбаи ҷуғрофиёианд. Кишвар, мамлакат метавонад бошад. Аммо давлат на. Мансубияти ҳокимияти сиёсӣ дар давлат тибқи конститутсия муайян карда мешавад. Он тақсимнашаванда аст. Ягон гурӯҳ, ҳаракати сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ дигар ин ҳуқуқ ва масъулиятро надорад. Дар таърифи классикии давлат унсурҳои асосӣ – миллат ва миллатҳо, қаламрав, ташкилоти сиёсӣ, пойдору мустаҳкам будани қонун, ҳуқуқ ва имконоти қонунии ҳокимияти сиёсӣ оид ба истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди ин воҳиди сиёсӣ муайян карда шудаанд.

Панҷ ҷузъи (нишонаи) давлат, ки номбар гардид, дар маҷмуъ маънои таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлатро дорад.

Ҳамин тариқ, давлат падидаи осмонӣ ё туҳфа нест. Заминӣ аст. Дар асоси қонуниятҳои хоси раванди ҳодисаҳои ҷамъиятӣ пайдо гаштааст. Аз ҷиҳати назариявӣ ва илмӣ арзи вуҷуд мекунад.

Таърихи давлат, таърихи таъмини амнияти он аст. Ин ду мафҳум, тарзе ки хотирасон гардид, якдигарро аз лиҳози мантиқи сиёсӣ ва натиҷаи он – ҳуқуқӣ пурра мегардонад.

Тафсири пайдоиш ва рушди амният, ҳамчун муҳимтарин унсури давлат, дар асоси қонуниятҳои инкишофи ҷамъият заминаҳои илмӣ-назариявӣ дорад. Ҳарчанд эътироф бояд кард, ки дар бораи пайдоиши давлат фарзияҳои гуногун мавҷуданд. Ин падидаро тавассути паҳн кардани тасаввурот, консепсия ва назарияҳо, ашхос, гурӯҳ, ҳизб, ҳаракат ва қишрҳои муайяни сиёсӣ дар олам ва минтақа «соҳибӣ» кардан мешаванд. Ба он тобиши сирф идеологӣ медиҳанд. Аммо чунин тарзи ҷаҳонбинӣ ва амалия ҳам мисли истилоҳоти «давлат» ва «амният» ниёз ба тафсири илмӣ дорад.

Истилоҳоти «дониш» ва «илм» дар қавмияти ниҳоят эътиқодмандонаи семантикианд. Лекин як чиз нестанд. Донишҳо метавонанд рӯзмарра, омӣ, идеологӣ, эътиқодӣ ва монанди инҳо бошанд. Илмӣ набошанд. Аммо барои тафсири система, структура ва функсияи давлату амният, зарурати тавзеҳи

он аз мавқеи шакли шуури ҷамъиятие муҳим аст, ки охирин қудрати шарҳи қонуниятҳои рушди ҷомеаро дошта бошад. Ҳамзамон, ин қонуният на дар асоси афсона, мифология, теология, балки дар ҷараёни ҳаёти чандинасра, таҷрибаи дақиқи дар амалия санҷидашудаи худи Инсон ошкор ва тасдиқ гардида бошад ва ин донишҳо бояд ҳамеша дар ҳолати рушди бемайлон барои манфиатҳои заминии худи Одам хизмат намоянд.

Албатта, назарияи эътиқодии фавқуттабиӣ оид ба пайдоиши давлат ва амният низ вуҷуд дорад. Ба хотири ин ақида ҳар рӯз садҳо, ҳазорҳо нафар ҷони худро қурбон мекунанд. Бегуноҳон ҳалок мегарданд. Мардум бехонумон мешавад. Чунин назария ҳам беасос нест. Он падидаи онтологӣ ва тавлидкардаи ҳадафҳои заминӣ аст, на осмонӣ. Ба хотири манфиат доштан дар сохтани давлати мувофиқ хеле осон асоснок кардан ва нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ – ҳокимият ва, албатта, истифода намудан аз он аст. На бештар аз ин.

Вазъи имрӯзаи олам, минтақа мураккаб аст. Масъалаи аслӣ – таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлат мебошад. Дар маркази баҳс масъалаи ҳифзи сулҳу субот ва амният меистад. Ин мавзӯи дараҷаи аввал маҳсуб мегардад. Ҳар нафаре, ки қудрати фикри солимро дорад, намехоҳад «чеҳра ба гиря бишӯяд ва оҳанги рақс аз оҳу нола бичӯяд» (Ҳофиз). Ҳамзамон маълум аст, посух ба ин асрор корест на осон.

Муҳим ба назар мерасад, ки дар дараҷаи муқаддимавӣ баъзе масъалаҳои амниятӣ аз нигоҳи назариявӣ мавриди баҳс қарор гиранд.

Давлат ва амният

Амнияти давлат мафҳуми системавӣ мебошад. Он аз ячейкаи одии давлат оғоз ва дар олитарин муассисаҳои давлатӣ ба тарзи принсипиалӣ таҷассум меёбад. Муҳтавои ин масъала дар Қонуни асосии ҳар кишвар сабт гаштааст. Тибқи он дар давлат нафар, муассиса, корхонае вуҷуд надорад, ки амали вай берун аз манфиатҳои таъмини амнияти давлат мавриди назар гирифта шавад. Субъектҳои дорои ҳуқуқ, ҳамзамон, вазифаҳои муайян дар самти таъмини амнияти давлатро доранд.

Давлат дар натиҷаи таҳлили дараҷаи самаранокии шаклҳои гуногуни ҳокимият, аз ҷумла бисёрҳокимиятӣ, муҳимтар аз он, дар асоси раванди қонуниятҳои инкишофи ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Он воситаи асосии муташаккилии раҳбарии ҷомеа мебошад. Тавассути он дастгоҳи идорӣ иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташударо таъмин мекунад. Ба тарзи дигар, давлат қувваи марказонидашудаи ҷомеа маҳсуб мегардад. Дар асоси маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷомеа ва худи давлат зарур медонад, арзи ҳастӣ менамояд.

То замоне ки давлат – гаронтарин ҷузъи системаи сиёсии ҷомеа, миллат ва миллатҳо вуҷуд дорад, тақрибан ба ҳамин андоза (қиматнокӣ, арзишмандӣ, баробарвазнӣ) барои фалаҷ кардан, аз фаъолият боз мондан ва оқибат нест кардани он хатарҳо мавҷуданд. Ин таҳдидҳо якранг, дар як сатҳ, бетағйир ва мутлақ буда наметавонанд.

Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошад.

Хатарҳое, ки зидди осудагии як миллат, барои ба гирдоби бало андохтани он тарҳрезӣ мешаванд, зуҳуроти тасодуфӣ ё бетартибона нестанд. Дар асоси нақшаҳои муайян коркардшуда, аз ҷумла таҷрибаи хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдор ва амалияи дастандаркорони ҳамин гуна аъмол дар минтақа ва ҷаҳон роҳандозӣ мегарданд. Эътироф бояд кард, ки тахрибкорӣ, ноором сохтани як давлат, бесаранҷом, бесарусомон кардани як миллат вобаста ба тақдир ё чизи тасодуфӣ нест. Илм аст. Терроризм, экстремизм, дигар намуди тахрибкорӣ ба муқобили ҳар кадом субъекти муносиботи байналхалқӣ,

давоми сиёсати хориҷии кишвари муайян бо роҳ, усул ва методҳои дигар мебошад. Дар он маҷмӯи имконоти давлати ташаббускор, пеш аз ҳама, захираҳои ақлонӣ ва амалии он истифода мешаванд. Бе донистани моҳият (ҷавҳар)-и чунин тахрибкорӣ, ғаразҳои аслии аъмоли душман, раванд ва қонуниятҳои он, мубориза бо чунин зуҳурот номумкин аст. Дар муқобили доноӣ ва амалкарди бадхоҳон, фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омада метавон.

Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ

Тавре ки хотиррасон гардид, масъалаи таъмини амнияти миллӣ хусусияти сирф соҳавӣ, идорӣ надорад. Он умдатарин масъулият дар назди системаи ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, динӣ ва монанди инҳо мебошад. Мафҳуми шахшудамонда, бетағйир, мавҳум нест. Чизи воқеӣ, материалии дар вақт ва фазо мавҷудбуда аст.

Реалияти объективӣ дар шуури инсон чун падидаи зинда ҳама вақт дар тағйир, ивазшавӣ, ҳаракат, зиддиятҳо, ҳамзамон ҳаллу фасли он қарор дорад. То замоне ки давлат, ҷомеа вуҷуд дорад, ин ҷараён зина ба зина такрор мешавад. Раванди таъмини амнияти давлат, миллат дар ҳолати зудтағйирёбандаи фазои минтақавӣ ва олам сурат мегирад. Онро доимо, аз нигоҳи илмӣ ба тарзи системавӣ наомӯхтан, сарфи назар кардан, бо ҷузъиёт ба инобат нагирифтан амнияти миллиро ҷиддан зери суол мебарад. «Дароздастии кӯтаҳостинҳоро» (Ҳофиз) зиёд мекунад.

Диалектика ҳамчун назария ва методология беш аз се ҳазор сол пеш пайдо шудааст. Таҷрибаи инсонӣ онро собит намудааст. Ин падидаи назариявӣ ва илмӣ дар давраҳои гуногуни таърих вобаста ба иштибоҳи мақсаднок ва ғайримақсадноки одам борҳо таҳриф шудааст. Аммо аз чунин бархурд ҷавҳари назарияи илмӣ зарар надидааст. Нигоҳҳо, таҳлилҳо, хулосаҳо осебпазир шудаанд. Ҳамчун натиҷа, тасмимгирҳо зарар дидаанд.

Асоси диалектикаро аксиомаи қонуниятҳои рушди табиат, ҷамъият ва назарияи шинохти ҳақиқати реалӣ, таълимот дар бораи зиддиятҳои ҳаматарафа ва пурра дар рушди таърихӣ ташкил мекунад. Тибқи он, зуҳуроти «ДОИШ», «Ал-Қоида», «ҲНИТ», «Ваҳҳобия», «Салафия», «Ҳизб-ут-Таҳрир» ва монанди ин ҷараёнҳои террористиву зиддимиллӣ қатъан чизҳои нав нестанд. Ин гуна ҳаракатҳо дар таърихи инсоният ҳазорҳо сол вуҷуд доштанд. Вуҷуд доранд. Вуҷуд хоҳанд дошт. Дар шаклҳои дигар. Дар асоси ақидаҳои дигар (динӣ ва ғайридинӣ). Бо пуштибонҳои дигар. Бо истифода аз маблағҳои дигар. Бо номҳои дигар. Бо чеҳраҳои дигар.

Аз нигоҳи таҳлил таърихи миллатҳо, асосан, таърихи зиддиятҳост. Таърихи ҷангҳост. Таърихи муборизаҳост. Аз ин фоҷиа набояд сохт. Ин мушкили моро осон намекунад. Онҳоро ҷиддан бояд омӯхт. Аз нигоҳи илмӣ ҳамчун падидаи воқеӣ нигоҳ карда, зарур аст системаи таъмини амниятро тарзе пешгӯӣ, тарҳрезӣ ва амалӣ намуд, ки аз «гарди хоки нагуни фалак» ва «тӯфони Нуҳи набӣ» (Ҳофиз) ба миллат осеб натавонанд расонидан.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии вазъи ҳаётан муҳим барои таъмини амнияти миллат дар шароити кунунӣ илмро ба қувваи истеҳсолкунанда мубаддал мекунад. Он воситаи муҳимми шинохти воқеият ва сабаби аслии андешидани чораҳои пешгирикунанда мегардад.

Мақсади ҳама гуна назарияҳо, аз ҷумла донишҳои илмӣ дар соҳаи таъмини амният иборат аз он аст, ки тавассути ин шакли шуур маълумоти баробар бо воқеият дастрас гардад. Зеро ки «дар назди илм мундаричаи бой маҳфуз аст. Он дар тӯли асрҳо, ҳазорсолаҳо барои дарки воқеият зам гардидааст. Ин донишҳо барои мо чизи фаромӯшшуданӣ, гузашта нестанд. Онҳо ғизо барои хотираи мо мебошанд. Барои тезфаҳмӣ. Тозаандешӣ. Ҳамчун илме, ки руҳи моро дар самти пайдо намудани ҳақиқат қонеъ мегардонад» (Ф. Гегел. Наука логики.– М., 1975.– С.69).

Бадбахтии мухолифони манфиатҳои миллии мо иборат аз он аст, ки онҳо «ҳақиқат»-и худро доранд. Дурусттар ифода гардад, «ҳақиқат»-е, ки тавассути «хайрия», «грант», пулу моли аҷнабиён дар майнаи онҳо ҷо кунонида шудааст. «Табари тез»-и ҳақиқати илмиро, ки принсипи асосии он ҳаракат аз надонистан ба донистанҳост, чунин «намад» мувоҷеҳ ба кундӣ мекунад.

Меъёри асосии имтиҳони ҳақиқати илмӣ – таҷриба, амали инсонӣ аст. Дар айни ҳол, раванди миллатофаринӣ ва давлатсозии тоҷикон дар назар дошта мешавад.

Муҳимтарин вазифаи мантиқ муайян кардани муносибати тафаккури инсон ба воқеият, ба ҳақиқат мебошад. Дар баробари ҳақиқати илмӣ системаи таъмини амнияти миллӣ кизб, дурӯғ таҳрифи воқеияти таърихиро ҷиддан мадди назар мегирад. Кӯшиш мекунад субъекти аслӣ ва мақсаднокии таҳрифи таҷрибаи гузашта ва воқеияти имрӯзаро муайян кунад. Махсусан, агар он ҳодисот мансуб ба таъмини амнияти миллӣ бошад. Илм дар ин самт корро осон мекунад. Чунки тафсир ва бо далелҳо собит кардани дурӯғ аз муҳимтарин вазифаҳои илм аст. «Дурӯғ метавонад, воқеаи фикр карда баровардашудае бошад, ки вуҷуд надоштааст. Ҳамчунон, бошуурона пинҳон кардани он чизе аст, ки вуҷуд дошт» (Н.И. Кондаков. Логический словарь-справочник.– М.: Наука, 1975.– С.321). Аз тарафи дигар, аз ин ҷиҳат баҳо додан ва ошкор кардани «фаъолияти» ононе, ки ба китобҳои муқаддас савганд мехӯранд, осонтар мегардад.

Баҳодиҳӣ, хулосабарорӣ, муайян кардани муносибат ба рӯйдодҳои олам, рафтор ва амали Инсон баробар ба дониш, таҷриба ва малакаи ӯст. На бештар аз он.

Таҳлили «нутқи хаттӣ ва даҳонӣ»-и ашхоси муайяни мавриди назар тавассути васоити элекронӣ, ки аз дуриҳои дур гоҳ-гоҳе «доди ватанхоҳӣ» мезананд, мисоли ҳамин тасаввуроти сода, омиёна нисбат ба миллат, давлат, давлатсозӣ ва давлатдорӣ мебошад. Онҳо ин корро саҳл шуморидаанд. Мехоҳанд ба ҳар қимате ба он даст дошта бошанд, бо тақдири миллат бозӣ кунанд. Чуноне ки боре кардаанд. Аммо пуштибонон, басаҳнагузорандагон, коргардонони онҳо доноанд. Барои манфиатҳои худашон. Устодона, ҳадафмандона, тахассусмандона кор мекунанд, ки нияти хешро тавассути «ватандорон» амалӣ кунанд. Нақшаҳои террористиро ҳам. Аз лиҳози илмӣ, дар чунин ҳолат субъекти фаъол – дастандаркорон; объекти истифода – бадомафтодагон; муҳит – ба инобат гирифтани вазъи дохилии мамлакат – сарфи раҳгумзадагон; сабаб – каммаърифатӣ, ноогоҳӣ, рӯҳияи бегонапарастӣ, ифротгароӣ, дурӯягӣ, адами масъулият назди Ватану Миллат; оқибат – эҳтимолияти сар задани фоҷиаи миллӣ.

Дар таърихи миллатҳо ин таҷриба (формула, нақша, монандиҳо) миллионҳо бор такрор шудааст. Дар дидгоҳи зикргардида ягон чизи нав нест. «Ҳар миллат ҳамон қадар хушбахт аст, ки ба он мувофиқ ва сазовор бошад. Меъмори тақдири миллат, худи миллат аст» (А. Линколн, президенти ИМА, солҳои 1860–1865). Онон, ки ба дасти бегонагон об мерезанд, донанд, ки «дур аст сари об аз ин бодия, ҳуш дор, то ғӯли биёбон нафиребад ба саробат» (Ҳофиз).

Ҳамзамон, дар муқобили тахрибкории бадхоҳони миллат, воқеияти дохили мамлакатро низ бояд мадди назар гирифт. Намунаҳои ҳақиқатан ватандӯстона ва миллатпарастонаи онро минбаъд ҳам қувват бахшид. Оид ба арҷгузории масъала аз муҳимтарин категорияи фалсафии сабаб – оқибат дар лаҳзаҳои барои таъмини амнияти миллӣ ҳассос истифода кард.

Маълум аст, ки ин категория (сабаб – оқибат) дар давраи муайяни таърихӣ воқеиятро инъикос мекунад. Натиҷаи омилҳои ҳалкунандаро ба намоиш мегузорад. Нақши фаъоли инсонро дар ҳалли мушкилоти бамиёномада нишон медиҳад. Барои мисол, яке аз сабабҳои аслии барқосо хунсо кардани гурӯҳи террористии Назарзода (воқеаҳои 04-уми сентябри соли 2015), руҳияи баланди ватандӯстонаи кормандони сохторҳои махсус, ҳамчунон сарбозони одии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Омили ниҳоят муҳим, рафтори ватанпарастонаи аҳолии ноҳияҳои атрофи

пойтахти кишвар маҳсуб мегардад, ки ба по хестанд. Бидуни силоҳ аз меҳани худ ҳимоят карданд. Шахсан ҷиноятқорони даргурезро кофтуков, дастгир ва ба ҳукумат таслим намуданд. Дар ин ҳолат категорияи сабаб ва оқибат тавассути қонуниятҳои шаклгирифтаистодаи раванди миллатсозӣ ва давлатсозӣ дар Ватани азизи мо хубтар шинохта мешавад.

Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, чунин далериву шуҷоати мардуми одӣ, зуҳуроти қонунияти таърихӣ – баёнгари орзуи миллат барои ҳифзи истиқлолият, дар шакли пешгирии аъмоли дастае буд, ки аз ҷониби аҷнабиён пуштибонӣ мегашт. «Моҳияти масъала – як шудани манфиати амнияти давлатӣ бо амнияти миллӣ мебошад» (М. Давлатов).

Дар пайвастагӣ бо ҳамин мисол, фикри олими бузург, ки зикраш дар оғози ин қисмати мақола рафт, муҳим ба назар мерасад: «Ҳақиқат, яъне расидан ба воқеият то дараҷаи аслияти он аст». Агар касе муносибати миллати тоҷикро нисбат ба мафҳумҳои «Ватан», «Истиқлолият», «Ваҳдати миллӣ» мехоҳад фаҳмад, мисоли боло як далели исботи он аст.

Илм: информатсия ва амният

Яке аз мафҳумҳое, ки аз дунёи қадим то ба имрӯз моҳияти семантикии он тағйир наёфтааст, «информатсия» мебошад. Он аз калимаи informatio-и лотинӣ гирифта шудааст. Тӯли зиёда аз ду ҳазор сол ба маънои шарҳ, тафсир, фаҳмонидан истифода мегардад. Дар маъруфтарин луғати тафсирии С. Ожегов низ, ки дар замони мо чандин маротиба бознашр шудааст, ба ҳамин маъно истифода бурдани ин истилоҳ тасдиқ мегардад.

Дар тамоми соҳа информатсия ҷузъи ҳаётан муҳимми фаъолият ба ҳисоб меравад. Ҳарф сари маълумоти ба талаботи иҷтимоӣ посухгӯянда аст. Ҳангоми истифодаи истилоҳи «информатсия» («маълумот», на «хабар»), маҳз ҳамин талабот ба инобат гирифта мешавад.

Асоси фаъолияти илмиро низ маълумот дар бар мегирад.

Маълум аст, ки метод ва методологияи гирифтани маълумоти илмӣ хусусиятҳои универсалӣ ва соҳавӣ доранд. Хусусиятҳои умумии метод – тарз, роҳ, усул ва воситаҳои тадқиқоти илмӣ – расидан ба ҳақиқати илмӣ, ки аз «субъект, инсон ва инсоният вобастагӣ надошта бошад», шарти муҳим нисбат ба маълумоти илмӣ аст.

Маъруфтарин олим – файласуф, иқтисоддон, таҳлилгар ва назариётчии асри XIX, ки таълимоти ӯ ба раванди тафаккури инсоният таъсири бевосита расонидааст, таъкид месозад: «На танҳо натиҷаи тадқиқот, балки роҳе, ки ба он мебарад, бояд ҳақиқӣ бошад. Тадқиқоти ҳақиқат худаш бояд ҳақиқӣ бошад».

Агар сухан дар бораи маълумот ба ҳар маъное, ки равад ва мақсад аз он дар ҷараёни муносибатҳои ҷамъиятӣ – илм, фаъолияти иҷтимоӣ, фаврӣ, тафтишотӣ таъсиргузорӣ бошад, меъёри аслӣ набояд камтар аз ҳамин талабот (ҳақиқӣ будан) дар назар дошта шавад.

Маълумот (информатсия) вазъро инъикос мекунад. Ҳолати субъектро дар муҳити атроф муайян месозад. Ҷобаҷогузории объекти омӯзиш, ҳолати материалӣ, физикӣ ва табиии онро дар маъраз мегузорад. Барои таҳлили вазъ хулосаи баробар ба воқеиятро муҳайё мекунад. Барои қабули қарори дуруст шароит фароҳам меорад.

Вобаста ба пайдарҳамии истифодаи маълумот, дар илм ҳам онро ба ду қисмат ҷудо мекунанд: рӯзмарра – он чизе, ки ҳамакнун, имрӯз бояд мавриди истифода қарор бигирад. Дуюм, захиравӣ – маълумоте, ки амалӣ кардани он ниёз ба вақт, соат ва лаҳзаи муносиб дорад.

Дар мавриди муносибат ба сарчашмаи иттилооте, ки барои илм хизмат мекунад, академик И.Д. Ковалченко менависад: «Дар маркази диққат масъалаи моҳияти сарчашмаҳо, ҳамчун дорандаи маълумот... оид ба табиати иҷтимоӣ, имконоти информативии он, муносиботи объективӣ ва субъективӣ, баробарвазн будани маълумот ба воқеият... коркард ва таҳлили он сухан меравад» (И.Д. Ковальченко. Методы исторического исследования.– М.: Наука, 1996.– С.121).

Дар бораи назарияи маълумот баҳсҳо идома доранд. Аммо қонуниятҳо ва хусусиятҳои аслии он то ҳадди имкон муайян шудаанд. Асоси маълумотро назарияи инъикос ташкил медиҳад. Тибқи он, шуури инсон ба тарзи субъективӣ реалияти объективиро таҷассум менамояд. Дар ҳамин асос, муносиботи хешро ба табиат, ҷамъият, ҷаҳонбинӣ, арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғайра мушаххас месозад. Бо ангезаи дақиқ, бошуурона ва ё бешуурона аз худ амалҳое содир менамояд, ки дар замон ва макони муайян ба вуқуъ мепайвандад. Аз рафтори худ нишона боқӣ мемонад. «Ҳамин тариқ, информатсия гуфта, натиҷаи хусусияти материяро оид ба инъикоси як объект бар объекти дигар дар шаклҳои тағйирёфта ва ҳамчун натиҷаи муносибот номидан мумкин аст» (Ҳамон ҷо, с.121).

Муаллифи ин сатрҳо мушкили дарки мафҳумоти зикргардидаро аз ҷониби хонандае, ки ба масъала зиёд ошно нест, эҳсос мекунад. Ба тарзи дигар, иброз кардани матлаб боз ҳам нофаҳмотар ба назар мерасад. Аммо кӯшиши одии тафсири истилоҳи «информатсия» аз он иборат аст, ки маълумот натиҷаи амали фаъол ё ғайрифаъол (айни замон инсон) мебошад, ки ҳангоми барҳӯрд, муносибат бо дигар предмет (шахс, ҷамъият, табиат) зуҳур меёбад. Ҳамин тариқ, маълумот муҳимтарин ҷузъи фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Ҳамзамон, хотиррасон бояд кард: маълумоте, ки ба талаботи иҷтимоӣ посухгӯ аст, асос барои самтгирӣ, қабули қарор, танзими система, структура ва таъмини функсияҳои муайян сабаб мегардад, дар чаҳорчӯби «информатсия» мадди назар гирифта мешавад.

Маҳз ба ҳамин хотир, талабот ба информатсия як чизи одӣ дар дараҷаи фаҳм ва муносибати омиёна буда наметавонад.

Маълумот қудрати майнаи инсонро оиди аз ахбори дар муҳити мавҷудбуда гирифта тавонистани чизе, ки номуайяниҳоро аз байн бибарад, дар назар дорад (К. Шеннон. «Назарияи математикии алоқа», соли 1946).

Он чизе, ки дар дараҷаи аввалия аст, ниёзи ҷиддӣ ба бозсанҷӣ дорад, ҳамзамон шубҳа, номуайяниҳоро тавлид мекунад, хабар ном дорад. На информатсия. Онро наметавон «маълумот – донисташуда, мафҳум; аён, ошкор» (Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX), ҷилди 1.– М.: Советская энсиклопедия, 1969.– С.664) номид. Олими номбурда ишора ба он мекунад, ки хабар дар фазо, дар муҳит зиёд аст. Ҷамъ кардани он ҳунар нест. Ақли зиёдро ҳам талаб намекунад. К. Шеннон онро «The tongue and ear‘s gymnastics and opposite» (гимнастикаи забону гӯш ва баръакс) ном мебарад. Маҳз ба хотири ифодаи номуайянии хабар, ки онро бо синонимҳои вазнинтар метавон ном бурд, истилоҳи «энтропия» қабул гаштааст. Барои мисол, агар доштани маълумот дар доираи «эҳтимолият» баробар ба 1 бошад, коэффитсиенти ростӣ (ҳақиқат) дар доираи «энтропия» ба 0 баробар аст.

Аз нигоҳи назарияи илмӣ «хабар» аз «маълумот» ба тарзи принсипиалӣ фарқ мекунад. Барои он ки «Роҳбарӣ кардан, истифода бурдани маълумот (информатсия)-ро дар назар дорад», на хабарро (ниг.: Н.И. Кондаков. Логический словарь-справочник.– М.: Наука, 1975.– С.211).

Аммо таъмини амнияти миллӣ байни ҳама донистанҳо (донишҳо), қатъан ба тасаввурот, донишҳои илмӣ ниёз дорад. На ба дониш, назария ва тасаввуроти дигар.

Бе донишҳои илмӣ таъмини амнияти миллӣ ғайриимкон аст. Бе онҳо (донишҳои илмӣ) ба осонӣ метавон мафтуну пойбанди овозаҳо, суханҳои бофта, беасос, ғаразнок, айбҷӯии бедалели хатарнок, хурофот гашт. Аммо на ба таъмини амнияти миллӣ. Масъулиятнокӣ нисбати маълумоти касбӣ (информатсионӣ), бояд корманди амнияти миллиро аз ашхос ва амалҳое, ки тибқи меъёрҳои дар қонун нишондодашуда мавриди таваҷҷуҳи ӯ қарор мегиранд, фарқ кунонад.

Модоме ки ҷавҳари фаъолиятро дар ин самт таъмини амнияти давлати миллӣ ташкил мекунад, тасаввурот бояд зиёдтар аз дараҷаи фаҳми масъалаҳои фаврӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Донишҳои илмӣ дар ин самт ҷое оғоз мешаванд, ки дар маҷмӯи далел, равандҳои ба амнияти миллӣ ха-

тарнок, дар миқёси миллӣ, минтақавӣ ва олам қонуниятҳои шаклгирии таҳдидҳо муайян ва дар чаҳорчӯби се ҷузъиёти номбаршуда хулосаҳои дақиқ бароварда шаванд. Дар ин асос, кӯшиши пешгӯӣ ва муҳимтар аз ҳама, пешгирии хатарҳо таъйин гардад. Зеро дар системаи таъмини амнияти миллӣ ин се раванд наметавонанд ҷудо аз якдигар бошанд.

Хусусияти фарқкунандаи ҳама гуна донишҳои илмӣ, аз ҷумла оид ба таъмини амнияти миллӣ, аз назарияе иборат аст, ки тибқи он консепсия, роҳ, усул ва ахиран эътиқоди таъмини амният то кадом андоза ҷанбаи амалӣ дорад. Яъне раванд, хатар ё таҳдидҳое, ки миллат аз онҳо бояд ҳифз карда шавад, дар таърихи миллат буданд ё не? Онҳо дар гузашта ва шароити муосир, дар тақдири давлатдории мо ва ба ҳамин монанд зуҳурот дар дигар мамлакатҳои мусулмоннишин чӣ нақше бозиданд? Аниқтараш чӣ фоҷиае ба бор оварданд?

Бояд ба инобат гирифт, ки андеша, фикрронӣ, назария ва дарки ҳастӣ дар шаклгирии маълумоти илмӣ ҷузъиёти муҳим ҳастанд. Назарияе, ки дар равандҳои муҳимми таъмини амнияти миллӣ дар таҷриба санҷида шуда, маҳз тавассути он миллат ба сулҳу субот ва кишвар ба рушду нумӯ расидааст, на танҳо маълумоти илмӣ, балки мояи ифтихор ва ҳимояи он сазовор ба ҷоннисориҳост.

Геополитика: манфиат ва амният

Муҳимтарин вазифаи илм тавассути инфрасохтори махсус – назария, таҳлили таҷриба, озмоиш, бозсанҷиҳо ва истифодаи дурусти истилоҳот, расидан ба дарки моҳияти масъала мебошад. Дигар роҳи гирифтани маълумоти дорои аҳаммияти иҷтимоӣ аз имкон берун аст.

Категорияҳои фалсафие, ки дар ин ҷода – шинохти асли масъала, махсусан, дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба кор меояд, «моҳият ва зуҳурот» аст. Он на танҳо барои мутахассисони соҳаи илм, кормандони самтҳои идеологӣ, таълиму тарбия, балки барои ҳар нафаре мехоҳад фаҳмад, ки ҳама гуна шиорҳо, даъватҳо, гуфторҳо, рафторҳо, тафсири ин ё он масъала, сарфи назар аз «намуди зоҳирӣ», «рангу бор», ҷолиб будан, чӣ маъно дорад, манфиати кадом гурӯҳро ҳимоя мекунад, ниҳоят муҳим аст. Ҳатто барои нафароне, ки дар муқобили Ватани ачдодӣ ва манфиатҳои миллии хеш, худро дар ҳар қолаб ба намоиш гузоштанианд.

Тафсири пурраи категорияҳои номбурда вазифаи ин мақола нест. Фақат ёдовар шуданӣ ҳастем, ки моҳиятро дарк кардан – расидан ба умқи масъала, ба асл, ба ҷавҳар, ба решаи масъала аст.

«Аммо то вақте ки инсон ба ақидаи шахшудамондааш эътиқод дорад, дар ниҳодаш бо ҳамон афкори фарсуда мемонад. Ислоҳнопазирии эшон моҳиятан ногузир хоҳад буд» (Л. Фейербах. История философии.– Т.3.– М., 1967.– С. 81).

Вазъи имрӯзаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, сулҳу суботи Тоҷикистон – воқеият аст. Барои имрӯз. Барои таърих. Онро инкор кардан мумкин нест. «Имрӯза (ҳоло, ҳозир, айни замон – ***С.Я.***) «моҳият» – ҷавҳари ҳақиқат аст» (Л. Фейербах. История философии.– Т.3.– М., 1967.– С.146). Ин воқеият, сарфи назар аз баъзе норасоиҳои объективӣ, дар вазъи ниҳоят мушкил ва ҳассоси таърихӣ, геополитикӣ, боиси ифтихор аст. Моҳият ҳамин аст. Инъикос ва тафсири чунин воқеият дар майнаи инсон вобаста ба дараҷаи фаҳм, идрок, донишҳо, таҷриба, масъулият, инсоф ва албатта, сифати шахсияти ӯст. Дар ҳар шакл вокунишҳо бевосита нисбат ба моҳият (воқеият), зуҳурот ном дорад.

Масъала ниҳоят доманадор аст. Лекин барои ҳарчи кӯтоҳ кардани сухан дар доираи дарки пурраи «моҳият ва зуҳурот» ин нуктаро хотирнишон бояд сохт: истилоҳоти «ҷиҳод», «мубориза ба хотири исломи ноб», «сохтани давлати исломӣ», «шаҳид гаштан дар роҳи ислом», «мубориза бо куффор», «пуштибонӣ аз ислом дар рӯи олам» ва монанди инҳо, ки имрӯз аз номи бозигарони геополитикии сатҳҳои гуногун, ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, пуштибонони онҳо садо медиҳанд, ба дини ислом муносибати аслӣ надоранд. Зеро «дар доираи дин, ислом муъҷизаи осмонӣ,

фавқуттабиӣ аст. Диёнат аст. Имон аст. Боварӣ ва ихлоси маънавию рӯҳонӣ аст. Дар доираи сиёсат – ислом олот, васила, роҳу усул ва воситаи сиёсат аст» (М. Давлатов). Аз ин ваҷҳ, ислом ба манфиати на уммати мусулмон, балки барои гурӯҳе, ҳизбе, ки ба ҷавҳари он бегона аст, хизмат мекунад. Дар чаҳорчӯби нақшаҳои геополитикӣ, дин воситаи таъмини манфиатҳои сирф ғаразҷӯёна, ба хотири даст доштан дар сиёсати глобалӣ ва минтақавӣ, дахолат кардан ба корҳои дохилии давлатҳои мавриди ҳадаф қароргирифта, азхудкунии манбаъҳои ашёи хоми стратегӣ, ноором сохтани вазъи дохилии мамлакатҳо барои тағйири масири роҳҳои транзитии нақлиёт, газ, нафт ба манфиати хеш, эҷоди мушкил ба рақибони стратегии худ ва монанди инҳо хизмат мекунад. Ба хун оғушта кардан, бехонумон, сарсону саргардон намудани миллионҳо одамони бегуноҳ барои ин бозигарон касб, кори ҳаррӯза, чизи одӣ, маъмулист. Бадбахтӣ он аст, ки дар ин масир, хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд. Барои ҳар кишвар аз дохили мардумони он кишвар. Аз ҳамин лиҳоз, гоҳо бояд ба инобат гирифт, ки «Рафтори ғулом на ҳама вақт рафтори худи ғулом аст» (Г. Лихтенберг). Маҷаллаи «Шпигел»-и Олмон дар як таҳлили воқеъбинона вобаста ба ҷавонони мусулмон менависад: «Аҷаб қавмеанд монанд ба соат. Онҳоро пур мекунанд. Рафтан мегиранд. Ва намедонанд: барои чӣ?».

Аз лиҳози илмӣ ин чӣ падида аст?

Ин зуҳурот ба назари мо чизи одӣ аст. Ба шарте сабр ва аз ҳама муҳим, майл ва тавони фаҳмидани он бошад. Бояд донист, ки кураи замин аз давлатҳои хурд ва бузург иборат аст. Назарияи антропоморфизм вуҷуд дорад. Тибқи он давлат ҳамчун организми зинда тасаввур карда мешавад. Ҳамчун мавҷудоти биологӣ. Ҳамчун инсон. Давлат «шахси соҳиби шуур» дар рӯи замин мебошад, рафторҳое аз худ ба намоиш мегузорад, ки дар ин асос тарҳрезӣ ва роҳандозӣ карда мешавад (Аристотел). Вобаста ба вазн, қувва, иқтидор, тавоноии интеллектуалӣ ва физикӣ амал мекунад. «Ба одам деҳ ҳама он чизеро, ки ӯ мехоҳад. Ҳамон дақиқа ӯ ҳис мекунад, ки ин ҳама чиз, ҳанӯз на ҳама чиз аст» (И. Кант). Яъне иҷроиши як талабот, ҳамзамон, талаботи дигарро тавлид мекунад. Ин ҷараён охир надорад. Ва чунин аст талаботи инсон. Чунин аст талаботи давлат. Дар доираи манфиатҳои геополитикӣ (муносибати сиёсӣ ба сиёсати хориҷӣ, ки рафторҳои сиёсӣ ва имконоти ҳарбиро дар муҳити физикӣ пешгӯӣ мекунад ва тафсир менамояд» (J.C. Plano, R. Olton. The International Dictionary.– California, 1982.– P.98), тавре таъкид гардид, ин амал сифати абадиро касб кардааст.

Қуввахои бузурги истеҳсолкунанда, ки тавоноии моддӣ ва молии ҷаҳон мансуби онҳост (дар назар аст қудратҳои ҷаҳонӣ ва бо ном минтақавӣ), ҳамзамон тарроҳ, муаллиф ва таҳиякунандаи системаи муайяни идеологии (ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносӣ, шинохти олам бо айнаки онон сохташуда) дунё мебошанд. Онҳо ин «ҳақ»-ро доранд. Додани ҳуқуқ ҳам моли онҳост. Чунки сохтани идеологияи идора кардани равандҳои геполитикӣ ва амалӣ кардани он – дар майнаи мардуми олам ҷой карда тавонистани ақл, донишҳои илмӣ (на дигар), касбият, технологияи электронӣ, ҳарбӣ ва ғайраро тақозо мекунад. Кишварҳои мусулмоннишин, мутаассифона, ин қудратро надоранд. Баъзе аз онон кӯшиши даступоҷунбонӣ ҳам, ки кунанд, дараҷаи муайянкунандагиро касб накардаанд. Аз ҳамин лиҳоз, «Лашкари Тайиба», «Ҷайши Муҳаммад», «Ҷундуллоҳ», «Ал-Қоида», «ҲИӮ», «ДОИШ», «Ансоруллоҳ», «ҲНИТ», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Қодирия», «Акрамия», «Салафия», «Ваҳҳобия» ва ба ин монанд ҳизбу ҳаракатҳои террористиро тавлид кунонидаанд. Фаъолони ин ҳизбу ҳаракатҳо, ки хеле омиёна, содалавҳона аз даричаи интернет намуди манфури инсониро ба оламиён ба намоиш гузоштаанд, баъзеи онҳо ким-чӣ гуфтанӣ ва ким-чӣ навиштанӣ ҳам мешаванд, танҳо нафратро не, балки афсӯс, надомат, эҳсоси ҳақирӣ, нотавонии ақлӣ, касодии маънавӣ, донишу тасаввуроти одиву омӣ нисбати дарки маънии ҳастӣ – ватандорӣ, давлатсозӣ ва давлатдориро аз худ асар

мегузоранд. Аз ҳамин лиҳоз аст: «ҳар он ки беҳунар афтад, назар ба айб кунад» (Ҳофиз).

Бояд донист, ки ҳар давлат системаи ягонаи таъмини амнияти миллии худро дорад. Ин система аз қисматҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, маданӣ, идеологӣ, динӣ, мазҳабӣ, маъмурӣ иборат аст. Тибқи қонун онҳо қотеона ҳифз ва идора карда мешаванд. Ашхосе, ки дар роҳи хиёнат ба манфиатҳои миллии хеш ворид мегарданд, аз системаи таъмини амнияти миллии Ватани худ берун гашта, дар системаи таъмини амнияти миллии давлати бегона ворид мегарданд ва фаъолият мекунанд. Гумон намеравад, ки ин тезис зиёд нофаҳмо бошад. Зеро «ҳақиқати абстрактӣ вуҷуд надорад. Ҳақиқат ҳама вақт мушаххас аст» (Г.Ф. Гегел).

Барои илм раванд, падида ва структураи ин қабил шахсиятҳо объекти истеҳзо буда наметавонад. Онҳо ниёз ба таҳқиқ, омӯзиш, сабабмуайянкунӣ ва тасмимгирӣ ба манфиати ояндабинию солимгардонии ҷомеаро доранд.

Илм: адабиёт ва амният

Илмро бо адабиёт як донистан мумкин нест. Аммо муқобил гузоштани ин ду шакли ҷаҳонбинӣ ҳам ба ҳақиқат дуруст намеояд. Агар илм тавассути истилоҳот, мафҳумҳо воқеиятро инъикос кунад, адабиёт онро тавассути образҳо таҷассум менамояд.

Ҳодисаҳое, ки дар шароити кунунӣ вобаста ба вазъияти таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат рух медиҳанд, бо метод ва методологияи илмӣ ба пуррагӣ мавриди тадқиқ метавонанд қарор гиранд. Аммо илм фазоеро, ки хулосаи чунин маълумот ба мақсадҳои амалии худ ба таври басанда кор кунад ва натиҷаи мавриди назарро ба бор орад, таъмин карда наметавонад. Фаҳми истилоҳот, мафҳум ва назарияҳои илмӣ ба субъект – объектҳои фаъоле, ки ҳамчун воситаи нигаронӣ дар таъмини амнияти миллӣ ҳастанд, дар аксари вақт, ниҳоят душвор ва номумкин мебошад. Аз тарафи дигар, натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар шакли назария ба ин ашхос нигаронида ҳам нашудааст.

Илм хосияти системаофаринӣ дорад. Аз натиҷаҳои дақиқи тадқиқоти илмӣ ҳар як ҷузъи системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, дар вобастагӣ ба салоҳият, функсия ва вазифаҳояш истифода мекунад. Адабиёт муҳимтарин ҷузъи ин система мебошад. Трансформатсияи (табдили) тадқиқоти илмӣ, ошкор кардани сабаб ва оқибат, моҳият ва зуҳуроте, ки таъмини амнияти миллиро зери хатар мебарад, зарур аст, тавассути инфрасохтори бадеӣ – одӣ, фаҳмо бо образҳо, ҷузъиёти марбути эмотсионалӣ ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ фаҳмонида шавад. Дар ин раванд қудрати каломи бадеӣ дар офаридани ҳар гуна асари одӣ (нақшавӣ, барои ҳисоботдиҳӣ) нест. Он бояд равиши ниҳоят мушкили давлатофаринӣ ва миллатсозии замони навинро давра ба давра таҷассум карда тавонад. Образҳои қаҳрамонон – хирадмандӣ, корнамой, ҷавонмардӣ, хислатҳои олии инсонпарварона, миллатдӯстӣ ва ватанпарастии онон дараҷаи ғоявию эстетикии асарҳои бадеиро ташкил кунад. Ҳамзамон барои ҳаматарафа нишон додани қаҳрамонони мусбат, тарафҳои манфӣ – сабаб ва натиҷаҳои аъмоли ашхосеро, ки роҳи созандаи ҳаёти имрӯзаро сарфи назар мекунанд, муваффақиятҳои бузурги давлати миллии моро дар кӯтоҳтарин давраи таърихӣ нодида мегиранд, ба ифротгароӣ, экстремизм ва терроризм рӯ овардаанд, ба номи давлат ва миллат иснод меоранд, ошкор созанд.

Бузургии тафаккури бадеӣ дар тавони дидани воқеоти реалӣ, ҳодисаҳо, равандҳои ҷомеа дар маҷмуъ, ягонагӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар мебошад. Он чизеро, ки дар ифода карданаш илм мувоҷеҳ бо мушкилот мегардад, сухани бадеӣ хеле сода, одӣ, ба таври оммафаҳм, заминӣ ифода мекунад. Яъне, барои таъмини мақсадҳои амнияти миллӣ аз беҳтарин воситаҳост. Аммо ин кори осон нест. Барои офаридани асаре, ки мардум онро қабул мекунад, хотирмон аст, хонанда (бинанда ва шунаванда)-ро ба фикр кардан ҳидоят менамояд, ба мақсади гузоштаи нависанда (иштирокчии фаъоли системаи таъмини амнияти миллат) наздик мешавад, зарур аст, ӯ масъаларо ҷиддан, аз нуқтаи назари илмӣ дарк ку-

над, худ ба он идея муътақид бошад. Асари ӯ аз тачрибаи дар тарозуи эҳсоси масъулият ва воқеият санҷидашуда сарчашма бигирад.

Маълум аст, ки мубориза барои расидан ба истиқлолият ками дар кам таърихи сеҳазорсола дорад. Бузургтарин Шахсияти даҳ асри ахири Миллати Тоҷик ин ормонро бо қаҳрамонӣ, шуҷоатмандии бемисл, азхудгузаштанҳо, хирадмандӣ, солорӣ тавонист амалӣ созад. Миллатро сарҷамъ намояд. Давлатро бунёд ва Тоҷиконро бо сари баланд ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад.

Эҷодиёти бадеӣ дар як амалиёти фикрӣ метавонад хеле осон сайри таърихӣ анҷом диҳад. Воқеияти имрӯзро тасвир созад. Ояндаро пешгӯӣ кунад. Ҳидоят намояд. Ҳушдор диҳад.

Ба назар мерасад, ки адабиётшиносӣ имкон дорад, мисли замони гузашта аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик барои таҳкими давлатдории миллӣ ва амнияти миллӣ тахассусмандона, бо масъулияти бузурги рукнҳои конститутсионӣ истифода кунад. Аҷдодони бузурги миллати тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абӯалӣ Сино, Носири Хисрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва бисёри дигар адибон ва донишмандон дар фаҳми илмии воқеият, тарғиби хирад, дониш, тачрибаи инсонӣ, мубориза ба муқобили хурофотпарастӣ хизмати бебаҳо кардаанд. Онҳо равшангароии миллатро аз асосҳои муҳимтарини ҳаёти худ донистаанд. Дар ин бобат зарур аст, тачрибаи пешини ба мо маълум (се принсипи реализм) дар мувофиқ кунонидан ба манфиатҳои миллӣ истифода гардад. Осори классикони адабиёти тоҷик ба бисёре аз дардҳои рӯзмарра марҳам шуда метавонанд.

Дараҷаи таъмини амнияти миллӣ бо тамоми роҳу восита наздик гаштан ба илм, маориф, фаҳми воқеии равандҳои ҷамъиятӣ мебошад. Бе адабиёт расидан ба ин мақсад номумкин аст.

Хулоса

Система, структура ва функсияҳои таъмини амнияти давлатӣ ҳамон вақт метавонад вазифаҳои худро дар чаҳорчӯби қонунҳои амалкунанда муваффақона таъмин созад, ки ба илм, маърифат тавассути қатъиян ба инобат гирифтани қонуниятҳои тараққиёти ҷамъият ва тафаккури инсонӣ муносибат намояд. Агар дар тамоми соҳа (сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиб, маориф ва ғайра) доштани маълумот муҳимтарин ҷузъи фаъолият бошад, барои таъмини амнияти давлат, шахс ва ҷомеа ин қисмат ҳаётан муҳим маҳсуб мегардад. Гирифтани маълумоти касбии аҳаммияти иҷтимоидошта ҳаваскорӣ (тавре ки хотиррасон гардид, гимнастикаи забону гӯш ва баръакс) нест. Масъулияти қонунӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, касбӣ ва махсусан ахлоқиву маънавӣ аст. Агар илмӣ ҳам набошад, дар ҳамин асос бояд ташкил, роҳандозӣ ва баҳогузорӣ карда шавад.

Ҳамчунон, субъект, раванд ва фактҳое, ки тибқи салоҳдид мадди назар гирифта мешаванд, ба таҷзия, таҳлил, муқоиса, бозсанҷӣ ва арзёбии ҷиддӣ ниёз доранд. Муайян кардани генезис, этиология, омил ва сабабҳои воқеот ба хотири бартараф ва пешгирӣ намудани онон аз шартҳои асосии фаъолият мебошанд.

Ҷараёни таъмини амнияти миллӣ навъи мусобиқаи интеллектуалӣ байни сохторҳои ин муассиса бо террористҳо, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, объектҳои таҳти назар муайянкардаи қонун нест. Роҳ, метод, усул ва шаклҳои мубориза бо онҳо маълуманд. Аммо ба истифодаи истилоҳи «мусобиқа» бо сохтор арзиш надоранд. Ин мусобиқа, қувваозмоӣ байни органҳои таъмини амнияти миллӣ ва бозигарони пуштипардагии онон дар ҳар сатҳе, ки бошад ва иштироки фаъолонаро дар ҷараёни аз байн бурдани омилҳое, ки зуҳуроти терроризм, экстремизм, фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятиро моҳиятан тавлид, ташкил ва роҳандозӣ мекунанд, дар назар дорад. Донишҳои илмӣ дар ин роҳ, тавони сифат ва самараи корро мушаххас ва муайян мекунанд. Ҳамзамон, таъкид бояд кард, ки ҷавҳари аслии қудрати таъмини амнияти давлати миллӣ мансуб ба фаҳм, дониш ва масъулияти бузурги мардуми сарзамини обод, осуда ва биҳиштосои мост.

ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР СИНГАПУР

Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия

Ғафуров Мехриддин Садриддинович – сардори кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия

«Аз ҳабс кардани се дустатон (дар муқовимат ба коррупсияро) оғоз кунед. Шумо яқинан медонед барои чӣ ва онҳо низ медонанд барои чӣ».

Ли Куан Ю

Давлати муваффақтарин дар миқёси Осиё дар муқовимат ба коррупсия – ин Сингапур мебошад ва аз ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт дар баробари давлатҳои мутараққӣ, дар сафи пеш мебошад. Дар баробари ин, дар аксарияти чорабиниҳои зиддикоррупсионии илмиву амалӣ, таҷрибаи пешқадами Сингапур сармашқ қарор гирифта шудааст. Заро, Сингапур аз як давлати қашшоқ ба як шаҳр – давлате мубаддал гардид, алҳол аз ҳисоби шароити бомуваффақиятиаш дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол намуда, нишондоди бекории аҳолиаш дар даҳсоаҳои охир аз 4% боло нарафтааст. Дар баробари ин, аз рӯи натиҷаҳои тадқиқотҳои имтиҳони байналмилалӣ (IEA), таълим дар мактабҳои Сингапур дар сафи аввал мебошад ва 87% аҳолии он дар хонаҳои истиқоматии шахсии худ зиндагӣ мекунанд[1]. Албатта, ҳамаи ин дастовардҳо дар натиҷаи муқовимати воқеӣ бо коррупсия ба даст оварда шудааст.

Муқовимат ба коррупсия дар Сингапур ҳанӯз аз соли 1871 дар баробари қабули Ко-

[1] Том Плейт. Беседы с Ли Куан Ю. Гражданин Сингапур, или Как создают нации.– Москва: Олимп-Бизнес, 2012.– С.3.

декси ҷиноятии Стрейтс–Сеттлментс, оғоз гардид, ки аллакай коррупсия аз доираи қонунгузорӣ берун баромада буд. Дар натиҷа, коррупсия ҳамчун муаммои ҷиддӣ эътироф гардида буд, ки бо он Сингапур рӯ ба рӯ шудааст ва ҳатто дар замони мустамлика, ҳукумати Британия аз уҳдаи муқовимат ба он баромада натавониста буд.

Соли 1879 Комиссия оид ба тафтиш ва муқаррар намудани сабабҳои паст будани натиҷаи кори политсияи Сингапур таъсис дода шуд, ки сатҳи коррупсия дар байни нозирони аврупоӣ ва онони аз Майлайзия ва Ҳиндустон омада, бештар мебошад. Аммо, ҷиҳати муқовимат ба ин ҳолат коре ба анҷом расонида нашуда буд. Соли 1886 Комиссияи мазкур ҳангоми тафтиши тиҷорат дар самти қиморхонаҳо дар Стрейтс–Сеттлментс, бори дигар баланд будани сатҳи коррупсияро дар байни кормандони маҳаллии ҳифзи ҳуқуқ, мушоҳида намуд. Тибқи маълумоти ҷамъовардани васояти ахбори маҳаллӣ, аз соли 1845 то соли 1921-ум 172 ҳолати зикргардида ба қайд гирифта шуда буд. 109 ҳолати он оид ба пора ва 42 ҳолати дигари он дар бевосита иштирок кардани кормандони политсия дар ғоратгариву дуздӣ, ба қайд гирифта шудаанд.

Сабаби боз ҳам бештар доман паҳн кардани амалҳои коррупсионӣ – дар замони забти Сингапур аз тарафи Япония ба ҳисоб мерафт (солҳои 1942–1945). Дар ин замон маоши хизматчиёни давлатӣ паст арзёбӣ мегардид. Ҳамин тавр, сатҳи коррупсия то рафт рӯ ба афзоиш мениҳод. Коррупсия ба муносибатҳои муътадили ҳаррӯзаи ҷамъиятии Сингапур мубаддал гардида, сохторҳои давлатӣ дар назари мардум беқадр мешуданд ва ҳатто Маъмурияти ҳарбии Британияро, ки августи соли 1945 Сингапурро аз забти Япония озод карда буд, ҳамчун «Маъмурияти бозори сиёҳ» ном мебурданд. Ҳатто, комиссари политсия дар ҳисоботи солонаи худ соли 1950 ошкоро эътироф намуд, ки дар мақомотҳои давлатии Сингапур «порахурӣ» ба як одати маъмулӣ мубаддал гардидааст.

Лесли Палмир се сабаби асосии паҳн гардидани коррупсияро дар Сингапури колониалӣ арзёбӣ мекунад:

Сабаби аввал – маоши ками шахсони мансабдори Сингапур. Агар, маоши моҳонаи шахси мансабдори давлатӣ аз масрафи моҳонааш кам бошад, пас ҳатман ӯ вазифаҳои хизматиашро ба манфиатҳои шахсиаш истифода мебарад.

Сабаби асосии бештар паҳн гардидани коррупсия дар байни кормандони политсияи Сингапур, дар паст будани маоши моҳонаашон баён мегардад. Маоши моҳонаи политсияи Сингапур аз сержанту констебли Аврупоӣ се маротиба камтар буд. ***Миқдори маоши моҳонаи аврупоӣ:*** нозири дараҷаи 1 – 100 доллари сингапурӣ; нозири дараҷаи 2 – 80; нозири дараҷаи 3 – 60; сержант – 50; констебл – 40. Миқдори маоши моҳонаӣ маҳаллӣ: сержант – 15 доллари сингапурӣ; капрал – 12; констебли дараҷаи 1 – 10; констебли дараҷаи 2 – 9; констебли дараҷаи 3 – 8; политсияи дараҷаи 1 – 5; политсияи дараҷаи 2 – 4. Бо ин маоши моҳонаи кам муқовимат ба коррупсия ғайриимкон аст.

Сабаби дуюм – имкониятҳои васеъ ҷиҳати даст задан ба коррупсия. Имкониятҳои васеъ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд, ба шахсони мансабдор ҷиҳати ба манфиати шахсӣ истифода намудани манфиати хизмати давлатӣ, шароити васеъ фароҳам овардаанд. Аз ин ҳолатҳо истифода бурда, хизматчиёни давлатӣ ба ҷиноятҳои сиёҳ имконият фароҳам оварда, ба соҳибкорон монеагӣ эҷод мекарданд. Ҳатто, худи онҳо аз мавқеи доштаашон истифода карда, ба тиҷоратҳои ғайриқонунӣ машғул мешуданд.

Сабаби сеюм – дар сатҳи паст қарор доштани ошкор намудани сабабҳои коррупсия ва додани ҷазо ба содир гардидани амалҳои коррупсионӣ. Дар Сингапури мустамлика коррупсия ба муносибатҳои иҷтимоии муқаррарӣ ҳамчун даромади калон мубаддал гардида буд ва дар сурати таъйини ҷазо ҳам дар баробари ин кирдор назаррас набуд. Кӯшиши британиягиҳо низ дар муқовимат ба коррупсия, бефоида буд, зеро Қарор дар бо-

раи муқовимат ба коррупсия ва звенои зиддикоррупсионии политсия (Anti-Corruption Branch) бесамар буданд[2].

Новобаста аз он, ки ҳанӯз соли 1871 дар Сингапур коррупсия криминализатсия шуда буд, то декабри соли 1937 амал намекард. Декабри соли 1937 аввалин санади меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ қабул гардид – Қарор дар бораи муқовимат ба коррупсия. Моҳияти ин Қарор, дар муборизаи бо порахӯрӣ ва гузаронидани тафтишҳои махфӣ дар мақомоти давлатӣ ва корхонаҳои хусусӣ, ифода мегардид. Қарори зикргардида ҳаҷман хурд буда аз 12 боб (сексия) иборат мебошад. Боби сеюми он се кирдори коррупсиониро муқаррар карда, барои содир гардидани он ҷазо муқаррар менамуд (бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати ду сол ва ҷарима ба андозаи 10 000 доллари сингапурӣ).

Октябри соли 1951 аз тарафи шахсони номаълум афюн ба миқдори 400 000 доллари сингапурӣ тасарруф гардид. Барои тафтиши ин ҳодиса зери роҳбарии афсаре аз Малайзия гурӯҳи махсус равона гардид. Гурӯҳ муайян намуд, ки тасарруфи ин афюн зери роҳбари кормандони политсия амалӣ карда шудааст. Дар охир, на ҳамаи кормандони политсия бинобар нокифоя будани далелҳо, ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шуда буданд. Ҳодисаи бавуқӯъ омада ҳукумати Британияро маҷбур сохт, то ки мақомоти махсусгардонидаеро таъсис диҳад, ки ба сохтори политсия шомил набошад. Соли 1952 ҳукумати Британия Бюро оид ба тафтиши коррупсия (Corrupt Practices Investigation Bureau) таъсис дода шуд[3].

Баъди ба сари ҳокимият омадани ҳизби «Ҳаракати халқ», июни соли 1959 бо дарки он, ки дар сурати муваффақ гардидан дар муқовимат ба коррупсия, мамлакат рӯ ба тараққӣ мениҳад, кӯшиш ба харҷ додан лозим аст. Аммо, агар ба стратегияи зиддикоррупсионии ҳукумати зери мустамликаи Британия фаъолият намоянд, пас дар мақсадҳои зиддикоррупсионӣ муваффақ нахоҳанд шуд. Дар баробари паст намудани коррупсия, чунин вонамуд бояд кард, ки коррупсия на чун даромади бехавф, балки оқибати он хавфи бештарро ба бор меорад. Соли 1960 роҳбарияти ҳизби «Ҳаракати халқ» як қатор стратегияҳои зддикоррупсиониро бо қабули Санад оид ба муқовимат ба коррупсияро амалӣ намуда, фаъолияти Бюро оид ба тафтиши коррупсияро пурзӯр намуд.

Соли 1960 Сингапур яке аз давлатҳои қашшоқтарин дар рӯи олам эътироф мегардид. Ҳукумат, ки маоши моҳонаи хизматчиёни давлатиро боло бардошта наметавонист, бо роҳи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ сиёсати зиддикоррупсиониро пеша кард.

Санад дар бораи муқовимат ба коррупсия, ки 17 июни соли 1960 қабул гардида буд, камбудиҳои Қарор дар бораи муқовимат ба коррупсияро пурра карда, имкониятҳои зиддикоррупсионии мақомоти махсусгардонидаи муқовимат ба коррупсияро васеъ кард. Ҳамин тавр, Санади зикргардида аз 32 боб иборат буда, то рафт ба 37 боб расонида шуд. Бар боби дуюми Санади мазкур туҳфа дар ҳар шакл амали коррупсионӣ баҳо дода мешуд, ки ин бобро худи Бюро оид ба муқовимат ба коррупсия ва директории он пешниҳод карда буд. Ҷарима барои амалҳои коррупсионӣ то 10 000 доллари сингапурӣ ва муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлато то панҷ соли бардошта шуд. То соли 1989 маблағи ҷарима барои амалҳои коррупсионӣ то 100 000 доллари сингапурӣ боло рафт. Ин миқдори ҷарима ҳатто барои бойшавии ғайриқонунӣ таъйин мегардид.

Дар муқовимат ба коррупсия салоҳияти Бюрои зикргардида васеъ гардид: ба кормандони Бюрои иҷозат дода шуд, то ки гумонбарони амалҳои коррупсиониро дастгир намоян ё кофтуков кунанд, дилхоҳ ҳисобҳои бонкиро омӯзанд, доштани иҷозат ба омӯхтани ҳисобҳои бонкии дилхоҳ шахсони мансабдор ва ҳатто дар сурати зарурият – ҳамсар, фарзанд ё шахсони бовариноки онҳо.

[2] Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://www.ru-90.ru/node/1487.

[3] Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый».– М.: Издательство МГИМО(У) МИД России, 2005.– С.103.

Дар замони фаъолияти худ ҳайати шахсии Бюро аз 8 нафар (соли 1960) то 71 нафар (49 муфаттиш ва 22 коргузор) то кунун фаъолият мебаранд. Бюрои мазкур арзу шикоятҳоро оид ба ҳодисаҳои коррупсионӣ дар сохторҳои давлатӣ қабул ва тафтиш мекунад; ҷиноятҳои мансабӣ ва амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдорро тафтиш менамояд; раванди фаъолияти хизматчиёни давлатиро меомӯзад, то ки дар фаъолияти онҳо хавфи коррупсия ҷой надошта бошад.

Ба Санад оид ба муқовимат ба коррупсия, ки онро ҳизби «Ҳаракати халқ» қабул намуд, ҷиҳати муқовимати мақсаднок ба коррупсия, чандин маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Соли 1963 ба он илова гардид, ки шоҳидон уҳдадоран, то ки оид ба ҳодисаи коррупсионӣ шоҳидӣ диҳанд – вобаста ба ин тафтишоти самаранокро ба бор овард. Тибқи тағйироти соли 1966 ба ин Санад, шахси мансабдор барои нияти гирифтани пора ҳатто ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуд. Дилхоҳ кормандони сафоратхонаҳои Сингапур дар дигар давлатҳо, барои содир намудани амалҳои муқаррарнамудаи Санади зикргардида, тибқи қонунҳои Сингапур тафтиш гардида, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Соли 1981 ба Санад оид ба муқовимат ба коррупсия маротибаи сеюм тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он шахси мансабдоре, ки барои ҷинояти коррупсионӣ маҳкум гардидааст, ғайр аз ҷаримаи таъйингардидаи суд, инчунин ҳамаи молу ашёе, ки бо ҷинояти коррупсионӣ ба даст овардааст, мусодира карда шуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешаванд. Касе ин корро карда наметавонистанд, ба онҳо ҷазои вазнинтар таъйин карда мешуд. Ҳамин тавр, 14 декабри соли 1986 Вазири рушди миллии Сингапур Те Чен Ван баъди 16 соати пурсиш аз тарафи кормандони Бюро, даст ба худкушӣ задаст. Сабаби тафтиши Вазири рушди миллии Сингапур – Те Чан Ван дар он будааст, ки ӯ солҳои 1981–1982 дар ду ҳолат ба маблағи 1 000 000 доллари сингапурӣ пора гирифтааст. Те Чан Ван қабл аз пурсиш хостори мулоқот бо сарвазири Сингапур Ли Куан Ю кардааст, аммо баҳри шаффоф ба роҳ мондани тафтишот, Ли Куан Ю хостори ӯро рад кардааст ва дар ҷавоб гуфтааст, ки баъди ҷамъбасти тафтишот бо ӯ мулоқот хоҳад кард. Те Чен Ван қабл аз маргаш ба сарвазири Сингапур дар шакли зайл мактуб навиштааст: «Таи ду ҳафтаи охир манн бисёр ғамгин ва дар ҳолати руҳафтодагӣ қарор доштам. Ман ҷавобгарии худро ҷиҳати ҳодисаи бавуқуъомада эҳсос мекунам ва эътироф менамоям, ки барои он бояд ба тамоми ҳастияш ҷавоб гӯям. Ҳамчун ҷавонмард, ман қабул медорам, ки аз рӯи адолат мешуд, агар баҳри кирдори содиркардаам, арзишмандтарин дороиямро супорам. Содиқ ба Шумо, Те Чин Ван»[4].

Қонунгузории Сингапур муқаррар менамояд, ки ҳатто агар гунаҳгор дар содир кардани ҷинояти коррупсионӣ айбдор бошаду вафот кунад, дороии ӯ ба фоидаи давлат гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, ҳукумати Сингапур то рафт сатҳи коррупсияро паст намуд, ки ин бо роҳи баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ ва фароҳам овардани шароити хуби корӣ амалӣ гардидааст, зеро солҳои 1980-ум иқтисодиёти мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳода буд. Аз соли 1972 маоши хизматчиёни давлатӣ ба болоравӣ шурӯъ карда буд: бар замми маоши хуб, хизматчиён бо кумакпулиҳои солона таъмин карда мешуданд. Дар умум, кӯшиши ҳукумат баҳри он равона карда мешуд, ки сатҳу шароити кории хизматчиёни давлатӣ аз сатҳу шароити хизматии корхонаҳои хусусӣ боло бардошта шаванд.

Марти соли 1985 сарвазири Сингапур – Ли Куан Ю сиёсати зиддикоррупсионии худро бо роҳи баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ оғоз намуд – маоши моҳонаи онҳо бояд аз ҳама баланд бошад, то ки фаъолияти босифат дар кори онҳо кафолат дода шавад. Агар маоши моҳона нокифоягӣ кунад, пас хизматчии давлатӣ хоҳу нохоҳ баҳри даромади иловагӣ кӯшиш мекунад.

[4] Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый».– М.: Издательство МГИМО(У) МИД России, 2005.– С.106.

Ли Куан Ю зикр менамояд, ки барои Сингапур маъмурияте зарур аст, ки ба коррупсия эҳтиёҷ надошта бошанд ва дорои сиёсатмадороне бошад, ки манфиатҳои аз он болотарро баррасӣ намоянд. Чунин маъмурият бояд аз беномусӣ, шахсиятпарастиву лагандбардорӣ, ки ба амалҳои коррупсионӣ оварда мерасонанд, холӣ бошад. Ӯ январи соли 1994 дар парламенти кишвараш зикр намуд, ки барои ҳукумат мутахассисони дараҷаи олӣ зарур аст ва ҳукумат омода аст ба онҳо маоши арзанда пардохт намояд. Дар баробари ин, ӯ иловатан зикр менамояд, ки агар инсон порахури авлодӣ (решаӣ) бошад, умед кардан ба он, ки бо баланд бардоштани маошаш тозакор мешавад, беҳуда аст.

Ли Куан Ю бо сиёсати зиддикоррупсионии худ дар байни тамоми сиёсатмадорони мамлакатҳои ҷаҳон мавқеи ба худ хос дошт. Ҳатто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ҳамчун «муъҷизаи сингапурӣ» эътироф намуда, аз ҷумла 23 марти соли 2015 дар барқияи тасаллият ба Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Сянлун ҷиҳати вафоти собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Куан Ю зикр намуда буд:

«Ҷаноби Олӣ,

Бо эҳсоси андӯҳ хабари даргузашти собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур, падари миллат – Ли Куан Юро, дарёфт намудам.

Шодравон ходими барҷаставу муваффақи сиёсиву давлатӣ, офаринандаи «муъҷизаи сингапурӣ» ва яке аз бузургтарин шахсиятҳои мамлакат, минтақа ва ҷаҳон буд. Маҳз бо шарофати фаъолияти ислоҳотгаронаи пурсамари ин абармарди олами сиёсат ҳангоми ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Сингапурро аз кишвари ақибмонда ба як давлати мутараққӣ ва пешрафтаи Осиё табдил дод.

Дар ин лаҳзаҳои сангин, аз номи Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ҳамдардии амиқи худро бо ин талафот ба мардуми дӯсти Сингапур изҳор медорам. Ба Шумо Ҷаноби Олӣ, наздикон ва пайвандони падари марҳуматон тасаллиёти амиқу самимии хешро баён менамоям»[5].

Ҳамин тавр, муқовимат ба коррупсия дар Сингапур дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда шудаанд:

1. Чораҳои муқовимат бояд ба ҳарду тараф баробар андешида шаванд: ҳам ба порадиҳанда ва ҳам ба порагиранда;

2. Риояи ҳатмии принсипи ҷавобгарии фардӣ: амалҳои коррупсионӣ чӣ ба таври ҷавобгарии маъмурӣ ва чӣ ба таври ҷавобгарии ҷиноятӣ чораандешӣ карда шаванд;

3. Бояд ҳудуди манфиатҳои хизматӣ аз манфиатҳои шахсӣ ҷудо карда шавад. Вобаста ба ин принсип, Ли Куан Ю ишора менамояд, ки уҳдадории конфутсиявии ҳамаи мо ин кумак ба оилаи худ, хешовандон ва дӯстон аз ҳисоби дороии худ мебошад, – на амволу манфиатҳои давлатӣ;

4. Таъмини волоияти қонун. Мардум воқеан эҳсос намоянд, ки Бюро оид ба муқовимат ба коррупсия ва сохторҳои судӣ танҳо дар асоси қонун амал менамоянд;

5. Муқовимат ба коррупсия бояд воқеӣ бошад ва дар забон ё қоғаз набошад. Инчунин, кӯшишҳои зиддикоррупсионӣ фавран амалӣ карда шаванд;

6. Элитаҳои (зубдаҳои) сиёсӣ бояд бо рафтору кирдори худ ҳамеша намунаи ибрат бошанд, то ки обрӯ ва нуфузи худро нигоҳ доранд ва дар баробари ин, супоришҳои зиддикоррупсионии онҳо амалӣ мегарданд;

7. Эътирофи хизматҳои шахсӣ ва мутахассисии худи шахси мансабдори хизмати давлатӣ, на хешовандону наздикони ӯ. Ба фаъолияти хизматӣ мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки дониш ва таҷрибаи хуб дошта бошанд. Хешу таборчигӣ, ёру рафиқбозӣ ва маҳалгароиву миллатгароӣ бадтарин амали коррупсионӣ эътироф мешавад;

8. Ли Куан Ю зикр менамояд, ки қоидаи асосӣ ин риояи қатъии принсипи фурӯхтанашавӣ ва озод намудани мансабдорони бо коррупсия алоқаманд мебошад. Васояти ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия

[5] Барқияи тасаллият ба Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Сянлун // http://president.tj/node/8497.

мавқеи аосиро ишғол менамояд ва набояд амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор аз онҳо пинҳон дошта шавад. Ин ҳолат бовари мардумро ба сохторҳои давлатӣ боло мебарад;

9. Ба хизматчиёни давлатӣ бояд маоши моҳонаи арзанда пардохт;

10. Фароҳам овардани шароити корӣ бо иродаи софдилӣ;

11. Бояд имзогузориро ба ҳуҷҷатҳо то ҳаддалимкон кам карда шавад.

Кӯшишҳои ҳукумати Сингапур ҷиҳати баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ аз соли 1989 то 1994 ба он оварда расонид, ки хизматчиёни давлатии сатҳи болоии Сингапур аз ҳамин мансабҳои давлатҳои дигар, дар ҷаҳон аз ҳама боло мебошад. Мисол, маоши моҳонаи Котиби доимии дараҷаи 5 ба 51 000 доллари сингапурӣ (30 000 доллари ШМА) боло рафт, ки қариб 4 маротиба аз маоши дараҷаи GS-18 (7 000 доллари ШМА), ки маоши болотарини мансабдори Мақомоти федералии ШМА эътироф мешуд, зиёд буд.

Маоши моҳонаи афсарони калони Маъмурияти Сингапур аз рӯи котибони доимӣ, муовинони онҳо, ҳамчунин аз рӯи дараҷаҳо вобаста ба мансабҳо фарқ карда мешуданд. Котиби доимӣ: хизматчии дараҷаи 5 – 30 100 доллари ШМА, хизматчии дараҷаи 4 – 25 800; хизматчии дараҷаи 3 – 21 500; хизматчии дараҷаи 2 – 18 600; хизматчии дараҷаи 1 – 15 800; хизматчии дараҷаи А – 13 500; хизматчии дараҷаи В – 11 400; хизматчии дараҷаи С – 9 400. Муовини котиб: хизматчии дараҷаи D1 – 8 000 доллари ШМА; хизматчии дараҷаи D – 7 300; хизматчии дараҷаи Е1 – 6 400 ва ғайра .

Аз таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ин ҷо ҳолатҳои зерини муқовимат ба коррупсия сармашқи фаъолият қарор дода шудаанд ва онҳо самарабахш эътироф мешаванд:

Сармашқи аввал. Сиёсатмадорони сатҳи болоӣ сидқан дар муқовимат ба коррупсия фаъолият бурдаанд;

Сармашқи дуюм. Барои муқовимати самарабахш ба коррупсия бояд кӯшишҳои ҳамаҷониба роҳандозӣ карда шаванд. Кӯшишҳои ҳамаҷониба, инчунин ҳам дар мураттабсозии санадҳои меъёрии холӣ аз меъёрҳои ҳуқуқии ба коррупсия шароит фароҳамоваранда;

Сармашқи сеюм. Мақомоти махсусгардонидаи мубориза бар зидди коррупсия бояд худ аз амалҳои коррупсионӣ дур бошанд. Ба ин мақомот нафаре бояд назорат барад, ки сиёсатмадори намоён буда, худ аз амалҳои коррупсионӣ пок бошад;

Сармашқи чорум. Мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия бояд, бе тобеият ба ягон вазору кумитаҳои давлатӣ амал намояд;

Сармашқи панҷум. Барои паст намудани сатҳи коррупсия, ҳатман дар мақомотҳои давлатӣ таҳлили хавфҳои коррупсионӣ гузаронида шавад;

Сармашқи шашум. Таъсир расонидан ба хизматчиёни давлатӣ бо роҳи баланд кардани маоши моҳона, то ки онҳо баҳри пешбурди зиндагӣ барои дарёфти маблағҳои иловагӣ, машғул нашаванд.

Таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур вобаста ба мавқеи географӣ, сиёсӣ ва демографӣ дар ҳамаи давлатҳо ягона ба инобат гирифта шуданаш ғайриимкон аст. На ҳамаи давлатҳо хизматчиёни давлатиашонро бо маоши баланди моҳона таъмин карда метавонанд. Дар муқовимат ба коррупсия мавқеи асосиро иродаи баланди сиёсиву ватандӯстӣ зарур аст. Агар, сиёсатмадорони баландпояи Сингапур танҳо дар сухан ва қонунгузориашон ба коррупсия муқовимат мебурданд, пас ҳеҷ гоҳ дар ин роҳи хайр муваффақ намешуданд.

РИСОЛАТИ БУЗУРГИ ДАВЛАТДОРӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло – Директори Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории навин, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ беш аз пеш саъю талош намуданд, ки ба сӯйи дастовардҳои бештар қадамҳои устувор гузоранд ва нуфузу эътибори мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоранд.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ миллати куҳанбунёди мо бо таҷрибаву собиқаи давлату давлатдорӣ марҳалаи тақдирсози расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро паси сар кард ва дар шоҳроҳи амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ, ки ҳадафашон бо тақдири наслҳои имрӯзаву оянда пайванди мустақим дорад, қадамҳои устувор гузошт. Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мо барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллиамон ҳамаи заминаҳои заруриро фароҳам овардем. Бинобар ин, Истиқлолият барои ҳар як шаҳрванди миллати тоҷик, муқаддас ва азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муборизаро дар баробари дигар самтҳои ҷиноятқорӣ ба хусус коррупсия ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд. Чунончи бо роҳбарии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушишҳои пай дар пай ҷиҳати қабул ва амалинамоии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгуи манфиатҳои умумимиллӣ ва мукаммалгардонии онҳо ба тасвиб расиданд.

Қабули Конститутсияи нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсими ҳокимият ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, таъсиси ниҳоди президентӣ, парламенти дупалатагӣ ва Суди конститутсионӣ, инчунин бисёр равандҳои дигари сохтори давлатӣ, асосан унсурҳои пешрафтаи давлатдории кишварамон маҳсуб меёбанд. Ғайр аз ин як қатор қарорҳое, ки баҳри гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қабул гардиданд, қобили таҳсин мебошанд. Аз ҷумла ғайримилликунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ, озодкунии иқтисодӣ, эътироф ва кафолати ҳифзи шаклҳои гуногуни моликият ва ғайраҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Аз дигар тараф паёмҳои солонаи Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ худ як ҳуҷҷати барномавии раҳнамунсоз ва тақдирсозе мебошанд, ки самтҳои асосии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро дар ҳамдастӣ бо ташкилотҳои

ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин вазифаҳои мушаххаси онҳоро муайян менамоянд.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ оғоз шуд. Ҷанги граждании баъди он ба амал омада боиси пайдоиш ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти таъсир расонидани омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ гардид, ки муайянкунандаи коррупсия мебошанд.

Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалин Паёми худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2001 қайд намудаанд, ки «Вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад» [1].

Дар ин самт, Роҳбари давлат ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдорро ҳамон замон вазифадор намуда буданд, ки иҷрои санадҳои амалӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионии ҷомеаро баланд бардоранд.

Ҳамин тариқ, таъкидҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат дар паёмҳои ҳамасола ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, бахусус оид ба гирифтану додани пора, азонихудкунии маблағҳои давлатӣ, истифодаи мақоми хизматӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайра аз ҷониби кормандони соҳаҳои мухталифи давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва суд ба кам кардани монеаҳо дар роҳи рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани низоми оддӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ба танзим овардани сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмиллалӣ барои мубориза бо коррупсия, хатари эҳтимолияти фасодшавии бисёре аз соҳаи фаъолияти давлатӣ ва шаклҳои ҳаёти ҷамъиятиро ба воқеъият табдил дод.

Татбиқи чорабиниҳои мазкур дар самти мубориза бо коррупсия дар кишварамон басо аҳамиятнок мебошанд, зеро дар шароити гузариш ба идоракунии самарабахши демократӣ, яке аз вазифаҳои муҳими давлат таъмини эътимоди шаҳрвандон ба муассисаҳои мавҷудаи давлатӣ буда, ин як шарти муҳими эҳёи давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, «Татбиқи сиёсати муттасил ва ҳамоҳангшудаи мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои таъхирнопазири сохтмони давлат аст» [2].

Дар замони истиқлолият тавассути қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат як қатор татбирҳои зиддикоррупсиониро андешидааст, ки барои пешгирӣ кардани коррупсия нақши муҳим мебозанд. Чунин татбирҳо асосан дар якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудаанд, ки заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро дар кишвар муҳайё намуд. Бо фароҳам гардидани ин санадҳо мақомоти махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, дар пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия натиҷаҳои мусбиро ба даст оварад.

Албатта пушида нест, кирдорҳои коррупсионие, ки рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор менамоянд, боиси нигаронии шаҳрвандони мамлакат мегарданд. Аз ин лиҳоз, муқовимати дастаҷамъонаи ин омили номатлуб метавонад, ба пешгирӣ ва бартараф намудану паст кардани сатҳи коррупсия дар мамлакат мусоидат намояд. Бинобар ин дар ин мубориза ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бетараф набошад, то ин, ки коррупсия дар мамлакат коҳиш ёбад. Дар ин самт таъкидҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодати он аст, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад» [3].

Бояд қайд намоем, ки коррупсия барои ҳар давлат зуҳуроти басе хатарнок аст, зеро он ба содиркунии ҷиноятҳои мансабию хизматие алоқамандӣ дорад, ки барои давлатдории миллӣ хавфнок мебошад. Барои ҳамин коршиносон коррупсияро яке аз падидаҳои

манфии ҷаҳони муосир ҳисобида таъсири онро ба фаъолияти мӯътадил ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат манфӣ арзёбӣ намудаанд. Дарвоқеъ, ин намуди ҷиноятқорӣ ба волоияти қонун, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таҷовуз намуда, таъмини адолати иҷтимоиро коста мегардонад, ба рақобат ва рушди иқтисод монеъ шуда, фаъолияти дурусти иқтисоди бозорӣ, устувории институтҳои демократиро вайрон месозанд. Аз ин бармеояд, ки коррупсия як зуҳуроти иҷтимоӣ аст ва дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутаррақӣ ва чи дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Сабаб дар ин аст, ки коррупсия падидаи на фақат миллӣ, балки байналмилалиест, ки шаклҳои зоҳиршавиаш аксаран ба худшиносии миллат вобаста буда, он албатта дар қонунгузории амалкунанда инъикоси худро меёбад.

Бинобар ин зарур аст, ки ҳар як инсон пеш аз ҳама дар шинохти давлати худ оҷиз набошад ва аз таъриху тамадун ва шебу фарози роҳи тайкардаи миллати хеш комилан огоҳ бошад, худшиносию худогоҳии миллиро фаромуш накунад.

Дар ин самт, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «Барои мо худшиносӣ дар тарозуи замон баркашидани бурду бохтҳои давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангиву маънавӣ ва муайян намудани дурнамои оянда ва ҳадафҳои созандагӣ мебошад.» [4].

Ҳамин аст, ки худогоҳию худшиносӣ насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таъриххиву фарҳангии ниёгон ва дастовардҳои умумибашарӣ ҳидоят мекунад ва онҳоро чун ҳомиёни воқеӣ ва номбардори миллати хеш ба камол мерасонад.

Ба шарофат, талошу заҳмат, ҷонфидоиву ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имсол мардуми шарафманди Тоҷикистон бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллии худ, 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегиранд. Таҷлили ин ҷашни пуршукӯҳ аз фазои тинҷиву оромӣ ва сулҳу суботи кишвар бозгӯ мебошад.

Имрӯз мардуми шарафманди Тоҷикистон хуб дарк намудаанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист, дар як муҳлати кутоҳтарин бо ба ҷо овардани рисолати бузурги давлатдорӣ, яъне роҳбарӣ кардани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, таъмин намудани фаъолияти муназзаму босамари рукнҳои давлатдорӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, волоияти қонун, рушди бомароми иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва муҳимтар аз ҳама, боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагиву рӯзгори сокинони мамлакатро бамаротиб баланд бардорад.

Агар ба дастовардҳои бузурги таърихии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон назар афканем, мо бо ташаббусу заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои муаззами миллат дар ҳама самтҳо ба натиҷаҳои баланд ноил гардида истодаем.

Барои мисол, агар соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас ин рақам дар соли 2020 ба 2 274 адад расидааст, ки аз ин шумора 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ танҳо дар соли 2020 сохта, ба истифода дода шуданд. Тибқи ҳадафҳои пешбининамудаи Президенти мамлакат шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ҳафт соли оянда ба зиёда аз 3 500 адад расонида мешавад, яъне беш аз 54 фоиз афзоиш меёбад [5].

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои илму маориф ва тандурустӣ бошад, ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар ин самт барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардида, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгорон боз ҳам баланд шуда истодааст. Умуман, аз

соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3 020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шудааст, ки ҳамаи ин аз шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Дар ин самт, бояд ёдовар шавем, ки то замони истиқлол дар Тоҷикистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 000 донишҷӯ фаъолият менамуд. Имрӯз бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41, донишҷӯён ба 245 ҳазор ва бо иловаи донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ба 285 ҳазор нафар расидааст [6].

Гузашта аз ин, зикр намудан ба маврид аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар пояҳои моддиву техникӣ, озмоишгоҳӣ ва кадрии муассисаҳои илмии мамлакат пайваста таҳким ёфта истодааст. Масалан, агар соли 1991 дар зинаи аспирантураи Академияи миллии илмҳо ҳамагӣ 148 нафар ҷавонон таҳсил карда бошанд, соли 2020 шумораи онҳо ба 1200 нафар расида, қариб 8 баробар зиёд шудааст [7].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба рушди варзиш ва оммавигардонии он, инчунин тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳли ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, шумораи иншоотҳои варзиширо, ки дар соли 1991 қариб ҳазор ададро ташкил медоданд, дар даврони соҳибистиқлолӣ беш аз нӯҳ баробар зиёд намуда, дар соли 2020 ба 10 220 адад расонидааст [8].

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ соҳаи роҳу нақлиёт низ дар Тоҷикистон бомаром рушд намуд, дар натиҷа кишвари азизи мо ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ноил гардид.

Бо ин мақсад, дар ин давра дар соҳаи нақлиёти кишвар 53 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 20,3 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, беш аз 2 200 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд. Танҳо дар 7 соли охир беш аз 1 500 километр роҳҳои мошингард, 190 пул, 50 километр роҳи оҳан бунёд гардида, имкониятҳои транзитии кишвар васеъ гардиданд [9].

Бо ташаббусҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, дар замони соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи кишоварзӣ мамлакат боз ҳам афзун гардид. Дар ин давра дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ майдони боғу токзори кишвар ба беш аз 200 ҳазор гектар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991-ум 2,2 баробар зиёд мебошад ва ин ба ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат, бо ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолӣ, рушди содирот ва бо ашёи хом таъмин кардани саноати хӯрокворӣ нақши назаррас мебозад.

Дар маҷмуъ, дар доираи иқдомоти некбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назар дошта шудааст, ки то таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар беш аз 25 ҳазор [10] иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ ва сайёҳӣ бунёд ва ба истифода супорида мешавад, ки ин боиси ташкили даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ва ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ мегардад.

Инкишоф ва рушди дигар соҳаҳои мухталифи ҷомеа дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат, аз ҳадафҳои муназзами дурнамои Роҳбари давлат шаҳодат медиҳад. Ҳамаи ин ташаббусҳо бо мақсади аз имрӯза беҳтар ва бо дастовезҳои арзандаи миллати некномамон расидан, равона гардидааст. Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои мухталифи ҷомеа, яке аз иқдомҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар доираи таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии мамлакат мебошад.

Бояд зикр кард, ки иттифоқу якдилӣ дар ҳаёти инсоният нақши калидӣ бозида, ҳар миллат маҳз дар фазои сулҳу осоиш ва ваҳ-

дату иттиҳод метавонад ба ҳадафу мақсадҳои худ бирасад. Зеро ваҳдат ҳамчун арзиши ҷовидонии миллати тоҷик, ормони ба воқеият табдилёфтаи мардум ва ҷавҳари асосии Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Тавре Пешвои муаззами миллат таъкид доштаанд: «Имрӯз ҷавҳари асосӣ ва моҳияти Истиқлол бояд маҳз ваҳдати миллӣ бошад, зеро истиқлолиятро бе ваҳдат ва ваҳдати миллиро бе истиқлолияти комил тасаввур кардан имкон надорад» [11]. Ин андеша моро вазифадор менамояд, ки ба сифати таълиму тарбияи фарзандонамон бо назардошти таблиғу ташвиқи арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ аз рӯи масъулияти ватандорӣ муносибат дошта бошему сазовори боварии Пешвои муаззами миллат гардем.

Вазъи ҷомеаи ҷаҳони солҳои охир нишон медиҳад, ки як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили таҳдиди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятkори трансмиллӣ қувват мегиранд. Ҳамаи ин метавонад ба оромиву суботи минтақа ва амнияти мамлакат таъсири ногувор расонад.

Имрӯз дар баробари дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ ва ҷиноятkориҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо мубориза бар зиддӣ муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, яке аз омили муҳими пешрафт дар роҳи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияту бехатарии давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Дар ин робита, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо эҳсос намудани хатари оқибати ногувор доштани гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ба генофонди миллат ва амнияти миллӣ, заминаҳои ташкилию ҳуқуқиро барои пурзӯр намудани муборизаи беамон бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор муҳайё намудааст.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба Пешвои муаззами миллат ва зикри дастовардҳои солҳои даврони Истиқлолият кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо мақсади ҳифзи суботи мардуми кишвар дар доираи санадҳои қонунгузорӣ баҳри пешгирӣ ва муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, паст намудани сатҳи амалҳои нашъамандӣ ва коррупсионӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои бо ҷиноятkорӣ алоқамад, фаъолиятро боз ҳам тақвият бахшад.

Гузашта аз ин, мо итминони комил дорем, ки ояндаи Тоҷикистон дурахшон аст, бинобар ин барои боз ҳам ободу зебо ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвар сарбаландона фаъолият намуда, Истиқлоли давлатии Ватанро чун гавҳараки чашм ҳимоя менамоем ва аз гузаштаи пурифтихори миллати ободгару созандаи худ сабақи мардонагӣ гирифта баҳри фардои дурахшони Тоҷикистони азиз талош меварзем.

Хулоса имрӯз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ояндаи тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ, амнияти давлат, пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа равона гардидааст, ки ин яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлолият ба ҳисоб рафта, давлати тоҷиконро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ наҷот додаст.

РИСОЛАТИ БУЗУРГИ ДАВЛАТДОРӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола саъю талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба сиёсати ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия, дастовардҳои қонунгузории зидикоррупсионии даврони соҳибистиқлолӣ, таъсири коррупсия дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа оварда шуда, роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда зери таҳқиқ

фаро гирифта шудааст. Инчунин, дар мақола як қатор таклифҳо баҳри мукаммалгардонии санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: коррупсия, давраи соҳибистиқлолӣ, пора, шахси мансабдор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷараёни коррупсионӣ, муқовимат, субъект, зуҳуроти коррупсия.

ВЕЛИКАЯ МИССИЯ ГОСУДАРСТВА ВО ВРЕМЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье описываются усилия Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона о правовой политике по предупреждения коррупции и борьбе с ней, достижения антикоррупционного законодательства периода независимости, влияние коррупции на различные слои общества, способы предотвращения и устранения факторов способствующих коррупции. В статье также предлагается ряд предложений по совершенствованию законодательства Республики Таджикистан.

Ключевые слова: коррупция, периода независимости, взятка, должностное лицо, уголовный кодекс, правоохранительные органы, процесс, антикоррупция, субъект, коррупционные действия.

GREAT MISSION OF THE STATE DURING STATE INDEPENDENCE

The article is based on the efforts of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan his excellency Emomali Rahmon on legal policy to prevent and combat corruption, achievement of anti-corruption legislation in the period of independence, the impact of corruption on various sectors of society, and to prevent and eliminate factors, contributing to corruption many ways are investigated. The article also offers a number of proposals for improving the legislation of the Republic of Tajikistan.

Keywords: corruption, period of independence, bribe, official, criminal code, law enforcement, process, anti-corruption, subject, corrupt actions.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло* – Директори Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 52. Тел.: 234-64-20, факс: (992 372) 34-81-29, e-mail: dca@tojikiston.com.

Сведения об авторе: *Вохидзода Хабибулло Сайдулло* – Директор Агентства по контролю за наркотиками при Президент Республики Таджикистан, генерал-майор юстиции. Адрес: г. Душанбе, ул. Немата Карабоева, 52. Тел.: 234-64-20, факс: (992 372) 34-81-29, e-mail: dca@tojikiston.com.

Information about the author: *Vohidzoda Habibullo Saidullo* – Director of the Drug Control Agency under the President of the Republic of Tajikistan, Major General of Justice. Address: Dushanbe, 52, Nemat Karaboeva str. Phone: 234-64-20, fax: (992 372) 34-81-29, e-mail: dca@tojikiston.com.

Номгӯи адабиёт (маъхазҳо) феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2001 с. [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node (санаи дастрасӣ: 17.07.2021 с.).

2. Капинус О.С. Современные проблемы противодействия коррупции // Вестник Академии генеральной прокуратуры Российской Федерации.– 2015.– №3(47).– С.3.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с. [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи дастрасӣ: 10.06.2021 с.).

Суханронӣ ба муносибати 17-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ аз 08.09.2008, шаҳри Душанбе [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/269 (санаи дастрасӣ 26.07.2021 с.).

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 с. [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи дастрасӣ: 10.06.2021 с.).

5. Ҳамин Паём, ...

6. Ҳамин Паём, ...

7. Ҳамин Паём, ...

8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2020 с. [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/269 (санаи дастрасӣ 26.07.2021 с.).

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 с. [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005 (санаи дастрасӣ: 10.06.2021 с.).

10. «Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2021, №145 [захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/system/files/Legislation (санаи даст.:15.07.2021 с.).

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ, КОРРУПСИЯ ВА ТАДБИРҲОИ ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ ДАР МУБОРИЗА БА ОН

Идрисзода Илёс Мумин – Роҳбари дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тӯли сӣ сол аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои Истиқлолияти давлатӣ устуворона қадам мегузорад. Ҳарчанд дар ин давра мушкилоту монеаҳо кам набуданд, вале бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои азими созандагӣ замина гузошта, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муҳими стратегӣ, аз қабили таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ корҳои назаррас анҷом дода шуд. Ҳоло Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар фаъолона кӯшиш намуда истодааст ва умед дорем, ки солҳои наздик он аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил меёбад.

Қобили зикр аст, ки таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 170 давлати дунё ба расмият шинохта, робитаҳои дипломатӣ барқарор кардаанд. Ҳамчунин, кишвари мо узви ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ иштироки фаъол ва дар қатори кишварҳои абарқудрат овози ҳалкунанда дорад.

Ин нуктаро ҳам таъкид кардан ба маврид аст, ки пас аз соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, амалан хисороти бузурги иқтисодӣ дид. Бо дарназардошти ҳолати баамаломада, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло яке аз кишварҳои рӯ ба инкишоф шинохта шуда, иқтисодиёти мамлакат рушд ва маҷмӯи маҳсулоти дохилии он рӯз то рӯз афзоиш меёбад.

Табиист, кишварҳое, ки ба сӯи тараққиёту пешрафт қадам мегузоранд, ба мушкилӣ низ рӯ ба рӯ мегарданд. Яке аз он мушкилиҳо коррупсия ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа монеи рушди иқтисодии давлатҳо гардида, мушкилии зиёди дигарро ба бор меорад.

Коррупсия ҳанӯз дар аҳди бостон вуҷуд дошта, ба маънои фасод, вайронкунанда, зараррасонанда маънидод ва ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиати шахсӣ фаҳмида мешуд. Афроди фасодкор ва ё ба амалҳои коррупсионӣ дастзада бошанд, дар ҳама давру замон аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.

Ин зуҳуроти номатлуб барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боис

ба поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Коррупсия дар ҷаҳони муосир аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб ёфта, ҳамчун зуҳурот номатлуб ба вайроншавии мувозинати байни рукнҳои ҳокимият боис гардида, боварии халқро ба давлат коста гардонида, байни ҷомеа ва давлат фосила ба вуҷуд оварда, заминаҳои ягонагии миллиро аз байн мебарад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад. Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд[1]».

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ оғоз намуд. Бо ин мақсад 21 июли соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» қабул гардида, дар он самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ муайян карда шуданд.

Барои таъмини шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ кардани чунин амалҳо аз тарафи Ҳукумати мамлакат заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуданд. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии мубориза ба коррупсия «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия»-ро 25 сентябри соли 2006 пазируфта, онро 16 апрели соли 2008 тасдиқ намуд. Дар ин бобат меъёрҳои қонунгузории кишвар ба талаботи конвенсияи мазкур мутобиқ гардонида шуда, чанд санади меъёрии ҳуқуқии дигар ва барномаву стратегияҳои давлатӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории кишвар ва ҷиҳати фарогирии масъалаҳои марбут ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шуд, ки ба рафъи омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо мусоидат менамояд.

Илова ба ин, дар даврони истиқлолият ду стратегияи миллии муқовимат бо коррупсия – «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» ва «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» қабул карда шуд, ки дар онҳо чорабиниҳои маҷмӯии ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ вобаста ба муқовимат бо коррупсия пешбинӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, се маротиба дар бораи мубориза (муқовимат) бо коррупсия қабул гардидани қонунҳо, инчунин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 таҳти №968 таъсис ёфтани Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ноил гардидан ба муборизаи дастаҷамъона бар зидди зуҳуроти номатлубро таъмин намуда, боиси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо гардидааст.

Бо мақсади муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат ва муборизаи бевосита алайҳи коррупсия, ҷалби

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас – http://president.tj.

ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба раванди муқовимат ба он, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки вазифаҳои асосии он аз татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо коррупсия, амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо иборат аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки тайи фаъолияти начандон зиёд Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти сиёсӣ ва иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат, мубориза бо ҷиноятқорӣ, хусусан кирдорҳои коррупсионӣ ва аз байн бурдани ҳама гуна омили бавуҷудоварандаи он натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда, ба яке аз мақомоти бонуфузи қудратии кишвар табдил ёфт. Бегуфтугӯ, дар ин ҷода талошҳои шабонарӯзӣ ва ташаббусҳои созандаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муҳим доранд.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун палатаи болоии парламенти кишвар дар татбиқи сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ нақши муассир дорад.

Маҷлиси миллӣ дар самти амалисозии фаъолияти қонунгузорӣ, зимни баррасии қонунҳои аз Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷонибдорӣ воридгардида, мутобиқатии онҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо, аз он ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳамзамон, аъзои Маҷлиси миллӣ мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо роҳи таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва таклифи қонунгузорӣ дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муқовимат ба коррупсия саҳми назаррас доранд.

Тайи солҳои охир, дар асоси якчанд лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ таҳиягардида ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии милиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дар робита ба онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Инчунин, аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ мустақиман ва якҷо бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии омилҳои коррупсионӣ лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар бораи интихобот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккилона, кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таҳия гардида, минбаъд қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд.

Дар баробари фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия дар кишвар ҷиҳати аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб, ҳамчунин, татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолнокӣ ва муборизаи дастаҷамъонаи аъзои ҷомеа низ зарур мебошад. Зеро бо вусъат ёфтани доираи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва сари вақт наандешидани чораҳои пешгирии содиршавии онҳо, ин намуди ҷиноятҳо шакли ошкоро, рӯйрост ва худсаронаро пайдо мекунанд. Ба ибораи дигар, коррупсия ва фасодкориҳо ҳамчун одат вориди ҷомеа гашта, мавқеи бисёр категорияҳои ахлоқии ҷомеа ба мисли «виҷдон», «адолат»,

«покӣ», «ватандӯстию меҳанпарастӣ»-ро маҳдуд менамояд.

Илова ба ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат, барои мубориза бо коррупсия саҳми шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро бе иштироки фаъоли онҳо муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб номукаммал боқӣ мемонад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳамкориҳо дар ин самт тақвият ёфта, таҷрибаи пешрафтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гирад. Зеро маҳз бо амалӣ намудани чорабиниҳое, ки хусусияти фаҳмондадиҳӣ, огоҳкуниву пешгирикунанда доранд ва ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон равона шудаанд, инчунин иҷрои талаботи қонуну қарорҳо ва стратегияву барномаҳои давлатӣ метавон дар самти пешгирии коррупсия муваффақ шуд.

ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА САБАБУ ОМИЛҲОИ ГУСТАРИШИ ОН ДАР ФАЗОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Хоҷаев Ҳикматулло Ҳиммatович – Ходими илмии шуъбаи ИДМ Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки ифротгароии динӣ бо номҳои гуногун ва шаклҳои мухталиф дар ҳаёти инсон аз замонҳои қадим ҷой дошт. Ифротгароии динӣ вобаста ба раванди тамаддуни инсоният, ки қиёмҳо, ҷангҳои шадид, зулму истибдод, инқилобҳо, таҳқири муқаддасотро ва ғайраро аз сар гузаронидааст, пайдо шудааст.

Моҳияти асосии онро даст задан ба амалҳои номашруъ бо роҳи зӯроварӣ, тарсонидани одамон ташкил медиҳад ва он бо терроризм дар алоқамандии зич қарор дорад. Бинобар ин, дар даврони муосир ифротгароии динӣ ба яке аз воситаҳои асарбахши идоракунии одамон бо роҳи тарс табдил ёфтааст.

Дар замони муосир ифротгароии динӣ рушд ва характери глобализатсионӣ ҷаҳонишавӣ пайдо карда, ба амнияти тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври ҷиддӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Осиёи Марказӣ ба унвони минтақаи дорои аҳамияти махсуси сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ, ҳамчунон мавриди таваҷҷуҳи назарияпардозон ва тарроҳони сиёсӣ боқӣ мемонад. Чи таҳлилгарони сиёсии дохилӣ ва чи хориҷӣ дар бораи ин минтақа тарҳҳои ҷиддиеро матраҳ менамоянд, ки ҳар яке сарнавишти дигареро барои минтақа пешбинӣ мекунад. Машҳуртарин тарҳҳои даҳсолаҳои охир тарҳҳои «Осиёи Марказии Бузург», «Роҳи Абрешими Нав», «Камарбанди иқтисодӣ дар Роҳи Абрешим», «Корпоратсияи рушди Осиёи Марказӣ» ва ғайра ҳастанд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари мавридҳо дар пушти тарҳҳо масъалаи тавсеаи нуфуз дар Осиёи Марказӣ, дастёбӣ ба манбаъҳои саршори он ва таъйини сарнавишти ин минтақа ниҳон мсбошад.[1]

Вазъият дар Осиёи Марказӣ солҳои охир бо афзуншавии хатару таҳдидҳо тавсиф карда мешавад. Таъсироти манфии ихтилофоти Шарқи Наздик, аз ҷумла, ба воситаи механизми ҷалби террористон – ҷангиёни байналмилалӣ, ки тачрибаи ҷангӣ андӯхта, барои фаъолияти харобкорӣ ва бесуботсозӣ ба ватан бармегарданд, тақвият меёбад. Маблағгузории ифротгароии динӣ аз тарафи фондҳои гуногуни бунёдгароии исломии қарордошта дар Шарқи Наздик меафзояд. Ифротиҳо ва террористон технологияи навро ба таври муассир истифода мебаранд, аз ҷумла ҷалбкунӣ ба воситаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ густариш ёфтааст.

Омили муҳими таъсиррасони манфӣ ба Осиёи Марказӣ вазъияти Афғонистон мебошад. Воридшавии сохторҳои террористии байналмилалӣ, аз ҷумла ДИИШ ба Афғонистон бештар шудааст. Сохторҳои «Ал-Қоида»

[1] Ходжаев Х.Х. Проблема экстремизма в современных обществах государств Центральной Азии // Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии Наук Республики Таджикистан.– 2017.– №1.– С.82–85.

ва гурӯҳҳои гуногуни террористии қавмӣ, аз ҷумла аз аҳли Осиёи Марказӣ ва Шимоли Қафқоз, ки дар кишвар қарор доранд, тақвият меёбанд. Дар чунин вазъ имконияти нуфузи гурӯҳи силоҳбадаст аз қаламрави Афғонистон ба минтақаҳои марзии кишварҳои пасошӯравӣ (аз рӯи намунаи ҷанги Боткент дар соли 1999 дар Ҷумҳурии Қирғизистон ё барҳурдҳои мусаллаҳона дар марзи Тоҷикистону Афғонистон дар солҳои 1990) аз эҳтимол дур нест.

Барои густариши ифротгароии динӣ ва терроизми дорои ҷанбаи исломӣ дар фазои Осиёи Марказӣ як силсила сабабҳои объективии зерин вуҷуд доранд:

Якум. Пас аз шикасти идеологияи коммунистӣ, холигоҳи идеологӣ ба вуҷуд омад. Дар кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Марказӣ анъанаҳои исломӣ ривоҷ доштанд. Аз ин лиҳоз, ин холигоҳ дафъатан бо идеологияи исломӣ пур шуд. Ҷомеаи мусулмонӣ ҳамчун неруи боаҳамияти ҷамъиятӣ ба рушд ва худшиносии ба худ хос оғоз кард.

Дуюм. Рушди босуръати худшиносии миллии халқҳои ба истиқлолиятрасида сурат гирифт. Дар шароити сермиллатии чунин кишварҳо, монанди Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон омили исломӣ яке аз нишонаҳои асосии асолати граждани гардид. Бинобар ин, роҳбарияти ин кишварҳо раванди эҳёи анъанаҳои исломиро ҳамаҷониба дастгирӣ карданд. Дар айни замон, лаҳзаҳои манфии ин раванд ба қадри кофӣ дар назар гирифта нашуд. Дар баъзе кишварҳо таъсири рӯҳониёни исломӣ ба ҳадде афзуд, ки онҳо на танҳо иддаои роҳбарияти рӯҳонӣ, балки даъвои ҳокимияти сиёсиро мекарданд.

Сеюм. Аз байн рафтани қисмати ҷанубии «пардаи оҳанин» дафъатан боиси ба минтақа сарзер шудани идеологияи беназорат аз ҷаҳони ислом гардид. Доираҳои муайяни кишварҳои мусулмонии хориҷаи дур ба ғайр аз ҳадафи густариши таъсири фарҳангӣ, ҳамчунин, мақсадҳои комилан моддиро ба миён мегузоштанд. Алоқамандии доираҳои муайяни тиҷоратии ҷаҳони ислом ба манбаъҳои ғании табии минтақаи Осиёи Марказӣ бо «либоси» идеологии «ҷаҳони исломи ягона» пардапӯш мешуд.

Чаҳорум. Мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он дучор шуданд ва ақибмонии иқтисодии баъзе аз онҳо ба густариши ҳаракатҳои эътирозӣ мусоидат мекард ва баъзе шиорҳои «сотсиализми исломӣ» – ба кор бурда мешуданд. Иқтисоди бозорӣ бо бад шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, тазоди шадиди иҷтимоӣ, афзоиши тафовут дар сатҳи зиндагии ин кишварҳо ҳамроҳ буд. Мурочиат ба аҳкоми ислом аксуламали бошууронаи аҳолӣ нисбат ба раванди замонасозӣ буд.

Панҷум. Дар аксарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ меъёрҳои содатарини давлати ҳуқуқӣ аз байн рафт. Беқонунӣ аксаран ба меъёр ва хусусияти муносибатҳои ҷамъиятӣ табдил ёфт. Ба сифати ҷавоб ба беқонунии комил, аҳолии мусулмони як қатор давлатҳои осиёӣ маҷбур шуданд ба меъёрҳои исломӣ рӯ гардонанд. Дар натиҷа, дар зеҳни оммавии аҳолии мусулмон нохудогоҳона майл ба ислом шакл гирифт, ки дар нақши ҳуқуқи алтернативӣ баромад мекард.

Шашум. Яке аз сабабҳои асосии дигар густариши шаклҳои гуногуни экстремизми исломӣ дар як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки сохтори қавмии аҳолии мусулмони ин кишварҳо мебошад. Баъди аз байн рафтани идеологияи интернатсионализми коммунистӣ ва сиёсати миллии дахллдор, ки то андозае манфиатҳои қавмҳои алоҳида дар Осиёи Марказиро дар замони Шӯравӣ мувофиқа мекарданд, ҷомеаи қавмии мусулмонӣ бе чунин танзимгари муҳими ҷамъиятӣ монданд.

Дар чунин шароит идеологияи исломӣ, ки одамонро аз рӯи тааллуқоти қавмӣ ҷудо намекунад, дар Осиёи Марказӣ чун неруи муттаҳидкунанда баромад мекард. Таҳти парчами ислом дар ҷомеаи қавмии мусулмонӣ раванди беихтиёронаи худтанзимкунии ҷамъиятӣ оғоз шуд. Бадин тартиб, ислом чун василаи танзими муносибат байни қавмҳо гардид.

Ҳафтум. Омили нисбатан назарраси сиёсатсозии ислом истифодаи фаъолонаи он аз тарафи доираҳои алоҳидаи сиёсии як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои гурӯҳии худ гардид.

Дар мавридҳои алоҳида дини ислом бо фаъолияти сиёсӣ ё дигар фаъолиятҳо сахт пайванд пайдо кардааст, ки баъзан ҷанбаи ҷиноятиро гирифтааст. Аз ҷумла, дар ихтилофоти бавуҷудомада дар ҳудуди Осиёи Марказӣ, ки дар он ифротиҳои динӣ даст доштанд, баъзан муайян кардани ҳадде, ки масалан, бояд идеологияи ваҳҳобияро аз ҷинояткории вобаста ба иштирок дар гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ, рабудани одамон ё қочоқи маводи мухаддир ҷудо мекард, мушкил буд.

Дар натиҷа, дар як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ доираҳои ҷинояткор имконият пайдо карданд, ки ба гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҳукуматӣ ворид шаванд, ки ба ин ё он шакл бо ифротгароии динӣ алоқаманд буданд.

Ҳаштум. Омили дигари сиёсатсозии ислом коҳиши муассарияти низоми сиёсии мавҷуда мебошад. Дар ин иртибот идеяи таъсиси «Давлати исломӣ – хилофат» чун алтернативаи режимҳои мавҷуда ба миён омад. Масалан, дар чунин минтақаи Ӯзбекистон, монанди водии Фарғона нуфузи ифротгароии динӣ ҷанбаи ҷудоиталабиро гирифт. Амали ифротиҳои Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ) таҳти парчами таъсиси давлати мустақили исломӣ дар қаламрави ин минтақа сурат гирифт. Бинобар ин, комилан табиист, ки пешвоёни ифротиҳо дар муқобила бо Тошканд шиорҳои исломиро дастак карданд.

Ин ҷо бояд таъкид намуд, ки фаъолияти ҲИӮ дар қаламрави Ӯзбекистон, дар баробари ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон ва рӯйдодҳои Боткенд дар Қирғизистон, далели ин гардид, ки нуфузи ифротгароии динӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ симои воқеиро мегирад.

Нуҳум. Камаҳамият ҷилва додани хатари густариши ифротгароии динӣ, на андешидани тадбирҳои саривақтӣ барои муқобила бо ин раванд аз тарафи роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба амиқшавии мушкилот мусоидат кард.

Тамоюл ба қатъи робитаҳои анъанавӣ байни ИДМ ва аз ҷумла, байни кишварҳои Осиёи Марказӣ сабаб шуд, ки баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ ба танҳоӣ тавони муқобилаи муассир бо густариши ифротгароии динӣ дар ҳудуди худро надоштанд.

Раванди сиёсатсозии ислом, ки ба густариши тадриҷии экстремизм ва терроризм дар қаламрави Осиёи Марказӣ мусоидат кард, шартан дар се марҳалаи асосии замонӣ гузашт.

Марҳалаи аввал, ки давраи аз охири солҳои 80 то ибтидои солҳои 90-ро фаро гирифта, бо эҳёи миқёсноки дини ислом дар қаламрави як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ тавсиф карда мешавад. Зимни шабоҳати зоҳирии эҳёи анъанаҳои динӣ дар ҳар як аз ин кишварҳо, он бо хусусиятҳои хоси бармеомада аз менталитети аҳолӣ, сохти ҷамъиятӣ ва рушди таърихӣ – фарҳангии давлат тафовут дорад.

Марҳалаи дуввум, давраи аз оғоз то охири соҳои 90-ро дарбар гирифта, дар он тақвияти омили динӣ дар Осиёи Марказӣ дар натиҷаи ихтилофоти ҳарбӣ ба мушоҳида мерасад. Авҷи ин омил ихтилофоти мусаллаҳона дар Тоҷикистон буд, ки зоҳиран ба муборизаи наруҳои дунявӣ бо гурӯҳҳои динӣ, ки кӯшиш мекарданд давлати исломӣ барпо намоянд, шабоҳат дошт. Вале дар асл, ин ҷанги дохилӣ буд.

Марҳалаи севвум, давраи аз охири солҳои 90 то аввали солҳои 2000-ро фаро мегирад, ки бо тақвияти гурӯҳҳои динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тавсиф мешавад. Гурӯҳҳои гуногуни исломӣ дар миқёси геополитикӣ ба бозиҳои сиёсӣ кашонида шуданд. Ин раванд дар он инъикос ёфт, ки дар харитаи геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ махсусан, манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ равшан ҳувайдо шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади пешгирии ифротгароӣ роҳи дигарро интихоб кард. Масалан, ба рӯҳониёни расмӣ, имом – хатибон аз ҳисоби буҷети давлатӣ маош

таъйин шудааст ва ин гувоҳи он аст, ки ҳукумат барои ҳаллу фасли проблемаҳо талош мекунад. Гурӯҳҳои дорои ақоиди бунёдгароёна ва ифротӣ кӯшиш мекунанд, ки ҷомеаи шаҳрвандиро ба қафо кашанд. Бинобар ин, Пешвои миллат дар Паёми худ ба парламенти кишвар чунин таъкид намудаанд: «Бо назардошти вазъи мураккаб дар ҷаҳони муосир, олимон бояд идеологияи миллиро тавсеа диҳанд, рушди иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаро таҳким бахшанд, иттиҳодияҳои эҷодиро инкишоф диҳанд, манфиатҳои стратегии Тоҷикистонро ҳимоя кунанд, бо терроризми байналмилалӣ ва экстремизм мубориза баранд, ба рушди демократия дар кишвар ҳаққи авлавият ниҳанд». [2]

Дар доираи мубориза бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016–2020» қабул гардидааст, ки бар асоси он мубориза бар зидди ифротгароӣ ва зӯроварӣ тақвият дода мешавад. Стратегияи мазкур тамоми паҳлуҳои равандҳои асосии ифротгароии диниро, ки ба терроризм мебаранд, дарбар мегирад.

Бадин тартиб, ба мақсади таъмини амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо, давлат ба ҳадафи роҳ надодан ба густариши ифротгароии динӣ дар ҷомеа, яъне рафъи мушкилоти иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тадбирҳои лозимаро амалӣ месозад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин мешуморанд, ки маҳз ифротгароии динӣ ва терроризм душмани асосии суботу амният дар кишварҳо ва дар минтақаҳо мебошанд, бинобар ин, онҳоро бояд ба куллӣ решакан кард.

Дар хотима ҳаминро қайд карданиам, ки ҳар фарди кишвар, аз ҷумла, ҷавонон бояд Ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва Истиқлолияти давлатии Ватани азизамонро ҳамаҷониба қадр намуда, ба чунин арзишҳои муқаддас арҷ гузоранд.

[2] http://www.president.tj/node/19088.

Религиозный экстремизм, причины и факторы его развити на пространстве Центральной Азии

Ходжаев Хикматулло Химматович – Научной сотрудник отдела Центральной Азии Иностута изучения проблем государств Азии и Европы НАНТ.

В настоящей статье автором с научной точки зрения проанализирована одна из важных и злободневних проблем человечества – религиозный экстремизм. По мнению автора, в современном мире религиозный терроризм развиваясь, приобркел глобализационный характер и серьезнейщим образом негативно влияет на безопасность мировой общественности.

Как и прежде, на военно-политическую ситуацию государств региона представляет афганский кризис, т.к. все современные вызовы и угрозы в т. ч. религиозный экстремизм, терроризм исходят именно из этой страны. Постепенно увеличивается внедрение на территорию Афганистана международных террористических структур, как ИГИЛ. Усиливаются структуры «Аль-Каиды» и различные племенные террористические группы, включая из числа выходцев из Центральной Азии и Северного Кавказа, находящиеся в этой стране.

Автор на основании сделанного анализа, указал на ряд существующих субъективных причин развития религиозного экстремизма и терроризма с исламским аспектом на пространстве Центральной Азии.

В заключении охарактеризованы реализуемые мероприятия по борьбе с религиозным экстремизмом в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: *религиозный экстремизм, глобализация, национальное самосознание, человеческая цивилизация.*

Religious extremism, causes and factors of its development in Central Asia

Khodjaev Hikmatullo Himmatovich – Scientific problem of the Central Asia department of Inistuta study of states Asia and Europe NANT.

In this article, the author has scientifically analyzed one of the most important and pressing problems of mankind – religious extremism. According to the author, in the modern world, religious terrorism, while developing, has acquired a globalization character and has a serious negative impact on the security of the world community. As before, the military-political situation of the states of the region is represented by the Afghan crisis, since all modern challenges and threats, including religious extremism and terrorism, emanate from this particular country. The introduction of international terrorist structures like ISIS into the territory of Afghanistan is gradually increasing. Al-Qaeda structures and various tribal terrorist groups, including those from Central Asia and the North Caucasus, located in this country, are being strengthened. Based on the analysis made, the author pointed out a number of existing subjective reasons for the development of religious extremism and terrorism with an Islamic aspect in Central Asia.

In the conclusion, the implemented measures to combat religious extremism in the Republic of Tajikistan are described.

Keywords: religious extremism, globalization, national identity, human civilization.

Адабиёт

1. Ходжаев Х.Х. Проблема экстремизма в современных обществах государств Центральной Азии // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии Наук Республики Таджикистан.– 2017.– №1.– С.82–85.

2. Эмомали Раҳмон. Паём аз 20.04.2021, http://www.president.tj/node/19088.

КОРРУПСИЯ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Қодирзода Далер Сайфулло – н.и.ҳ., дотсент, декани факултети дипломатия ва сиёсати АИД назди Президенти ҶТ

Коррупсия ва омилҳои он яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ, алалхусус илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки мавҷудияти ин амали номатлуб ба таъмини амнияти миллӣ хатари ҷиддӣ дорад. Омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурияти объективӣ табдил ёфтааст. Зеро он ба яке аз таҳдидҳои навини олам табдил ёфтааст, ки амнияти давлатҳо, махсусан давлатҳои миллӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро зери хатар мегузорад. Ин хатари омили коррупсиониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта, ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунииҳои коррупсиониро ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ эътироф намудааст. Моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» афзоиши ҷиноятҳои коррупсиониро ҳамчун таҳдид ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад[1]. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст[2].

Ҳамзамон дар илм бошад, намояндагони илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ кушиш ба харҷ медиҳанд, то ки сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсияро вобаста ба давру замони мушаххас ошкор созанд. Имрӯз зарурати тадқиқу таҳлили сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсия ба миён омадааст. Он метавонад ба рушди ҷомеаи демократӣ монеа гардад.

Дар ҷаҳони имрӯза коррупсия яке аз масъалаҳои умумибашарӣ ба ҳисоб рафта, дар роҳи муваффақона амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар рушди умумимиллӣ, болоравии иқтисодиёт ва некуаҳволии иҷтимоӣ халал ворид месозад. Коррупсия ҳамчун фаъолияти ҷиноятқорона дар тамоми соҳаҳои гуногуни ҷомеа дониста шуда, аз ҷониби шахсони мансабдор ва хизматчиёни дигари давлатӣ бо мақсади дорошавии шахсӣ ва ғаразҳои дигар воқеӣ мегардад. Дар вақти таҳқиқи масъалаи мазкур фаҳми таҷассуми мафҳумии он пеш меояд.

Мафҳуми коррупсия аз калимаи лотинии «corruptio» гирифта шуда, маънои харидан, ришвахӯриро дорад. Коррупсия фақат ҳодисаи ҷиноӣ набуда, ҳамчун раванди иртиҷоии иҷтимоӣ заминаҳо ва хосиятҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳоро ба ҳам пайвандад.

Зеро мафҳуми «коррупсия» на танҳо ришвахӯрӣ, балки амалҳои дигари иртиҷоӣ, аз қабили порадиҳӣ, харидани шахсони мансабдор, тӯҳфаҳо ба роҳбарон, протексионизм (хешутаборчигӣ) ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва пешбарии одамон ба вазифаҳои идораи давлатӣ ва

[1] Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

[2] Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

ҷамъиятӣ, бештар дар заминаи афзалияти аломатҳои хешу таборӣ, табақавию қавмӣ, иштироки бевоситаи шахсони мансабдор дар тақсими даромадҳо ба манфиатҳои шахсӣ, иштироки ҳокимон дар фаъолияти ғайриқонунӣ ба воситаи шахсони дигар, иттиҳодияҳои дигар фаҳмида мешавад[3]. Ҳамзамон, мафҳуми коррупсия дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ба таври амиқ муқаррар шудааст, ки мутобиқи он коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад[4].

Дар ҷаҳони имрӯза дар санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ мафҳумҳои гуногуни коррупсия низ истифода мешаванд, ки нисбатан серистеъмолашон дар айни замон чунин таърифи пешниҳодкардаи Конгресси нӯҳуми СММ мебошад. Коррупсия – сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба манфиатҳои шахсӣ аст[5].

Бояд қайд кард, ки коррупсия дар ҳар як соҳа фаҳми махсуси худро дорад. Масалан, дар фаҳми сотсиологӣ маънои хоси худ ва дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маънои дигарро баён мекунад. Аз ин рӯ, онро мебояд дар маҷмӯъ як навъи амали фасодсози ҷамъият ва давлат номид.

Доираи таҳлили илмҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ имкон медиҳанд, ки коррупсияро ҳамчун амали номатлуби ҷомеа дар категорияҳои зерин тавсиф намоем:

1) Аз нигоҳи ҳуқуқӣ коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки он тавассути пора содир намудани амале ба манфиати порадиҳанда, ки ба кормандони давлатии дорои ваколатҳои махсус пешниҳод мегардад, фаҳмида мешавад.

2) Дар фаҳми сиёсӣ дар зери мафҳуми коррупсия пеш аз ҳама таҳдиде ба фазои ҳокимияти давлатӣ, амнияти миллӣ ва идоранамоӣ ҳангоми пайвастшавии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти судӣ, байни гурӯҳҳои ҷинояткор баҳри мақсадҳои дар пеш гузошта ва назорату идоранамоӣ аз болои захираҳои муайян ва зердастон, инчунин ба даст овардани манфиати муфт дониста мешавад.

Ҳар қадаре, ки дар ҷомеа сатҳи ташаккули демократия паст бошад, ҳамон қадар дараҷаи коррупсияи сиёсӣ инкишофи баландро соҳиб аст. Махсусан дар ҳамин давлатҳо коррупсия дар давлат дар муносибатҳои кормандони дастгоҳи давлатӣ ба вуҷуд меояд, ки ин раванд ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии давлатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро муносибати субъектони ҳокимияти давалатӣ хосияти ғайриқонуниро касб менамоянд.

Ба таври дигар иброз намоем, коррупсия ин гирифтани фоидаи шахсӣ аз ҳисоби ҷамъият мебошад. Чуноне ки қайд кардем, коррупсияи сиёсӣ амалияи худро дар ҳамаи давлатҳо ва дар тамоми ҷамъият дорад. Дар он ҷомеае, ки намояндагони маданияти халқҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, дар ба амалбарории фаъолият хоҳу нохоҳ ба коррупсияи сиёсӣ дучор мешаванд, ки бевосита ба амнияти миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Амали мазкурро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ ба хотири таъмини амнияти давлату ҷамият ба инобат гирифта, дар сатҳи конститутсия ба танзим даровардааст. Тибқи сархати 3-юми моддаи 6 Конститутсияи ҶТ халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар сархати 2-юми моддаи 27 Конститутсияи ҶТ ин меъёр пурра мегардад, яъне шаҳрвандон ба хидмати давалатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Таҳлили масалаи мазкур дар идоранамоӣ дар

[3] Зокиров Г.Н. Коррупсия.– Душанбе, 2005.– С.6.

[4] Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», аз 07.08.2020, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

[5] Лунёв В.В. Коррупсия, учтённая и фактическая // Государство и право.– №8.– 1996.– С.81.

мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҳалли худро ёфтааст. Яъне содиршавии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ бо ин тарз ба назар намерасад.

Хатари дигари коррупсия ба амнияти миллӣ бо сиёсат омехта шудани он мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо коррупсияи сиёсӣ хати нави муносибатҳоро дар сиёсат ба вуҷуд меорад, ки муносибатҳои объективии идоранамоӣ аз байн рафта, хосияти субъективиро доро мегардад.

Сабаби дигари коррупсия ин хоси давраи модернизатсияи сиёсии ҷомеа ба шумор рафта, дар натиҷаи гузариш ва инкишофёбии идоракунии давлатӣ хосиятҳои навро доро гашт. Масалан либераликунонии ҳаёти ҷомеа, гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, пайдоиши шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ самтҳо ва имкониятҳои нави коррупсияро ба амал оварданд.

Махсусан, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа имконият, шароит ва омилҳои нави ташаккул ва рушди равандҳои коррупсионӣ пайдо гаштаанд, ки метавонанд дар муддати кӯтоҳ сатҳи коррупсонии ҷомеаро хеле баланд намоянд, ки ин бевосита ба амнияти миллӣ таъсири ҷиддӣ дорад. Ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои лоббистӣ (манфиатхоҳ) ҳам дар таркиби ҳокимияти қонунбарор ва ҳам дар таркиби мақомоти иҷроия ва судӣ, ки ваколати қабул ва ё иҷрои талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқиро доранд, таъсиргузоранд, ки ин метавонад дар инкишофи ҷомеаи коррупсионӣ нақши барҷаста бозанд ва омили бевоситаи таҳдид ба амнияти миллӣ бошанд. Раванди мазкурро Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ба хотири ҳифзи манфиатҳои умумии шаҳрвандон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар сатҳи олиаш танзим намудааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳои бартараф намудани ин омилҳоро танзим менамояд[6]. Яъне мақсади қонуни мазкур танзими қабули қонунҳо вобаста ба доираи манфиати умумии шаҳрвандон аст, ки ин яке аз омилҳои асосии таъмини амниятмиллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, қонуни мазкур ворид шудани фаъолияти гурӯҳҳои манфиатдорро дар раванди қабули санадҳои меъёрӣ манъ намудааст.

Масъалаи дигаре, ки бевосита дар таъмини амнияти миллӣ метавонад таъср дошта бошад, ин ҳамгироӣ бо олами ҷиноятқории муташаккилона амал намудании омилҳои коррупсионӣ мебошад. Махсусан, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир, гардиши ғайриқонунии силоҳ интиқоли молу маҳсулот аз сарҳади давалатӣ (контрабанда) бо коррупсия алоқаи қавӣ пайдо намудааст.

Вобаста ба дараҷаи хавфнокию зоҳиршаваии коррупсия ва таъсирии он ба амнияти миллӣ онро ба чунин соҳаҳо ҷудо намудаанд:

а) Мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афазаиятноки идораи давлатӣ дар партави сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат имкониятҳои зиёди рушдро доро аст. Бинобар ин, мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар фаъолияти ин соҳа бевосита таъсир ба амнияти миллӣ дорад. Дар тафаккури субъектони соҳаи мазкур мавҷуд будани амалҳои коррупсионӣ бевосита ноуҳдабарориро дар идораи соҳаи маориф ба миён миёрад. Ҳамин навъи мушкилотҳо дар нисбати ҷо нагардидани вазифа ва салоҳиятҳо таъсир ба идораи самараноки соҳаи маориф мерасонад, ки ин норасоиҳо метавонад такягоҳи асосии таъсири амалҳои коррупсионии соҳаи маориф ба амнияти миллӣ бошад, зеро ташаккули умумияти миллӣ ва тафаккури созандагию ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар такмили амнияти давлатӣ заминаҳои воқеиро ба вуҷуд меорад;

[6] Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.12.2012, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

б) Мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи тиб ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти миллӣ» мафҳуми амниятро ҳимояи шахс, ҷомеа ва давлат муқаррар мекунад. Пас, мавҷуд будани амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи тиб ва беҳдошти мардум бевосита таъсир ба амнияти шахсият дорад. Номуташаккилӣ ва аз уҳдаи вазифавӣ набаромадани субъектони соҳаи тиб аксаран қурбониҳои зиёди ҷониро ба вуҷуд меорад, ки ин асоси таъсир ба амнияти миллӣ гаштааст. Ҳамзамон, дар қабул намудани кадрҳои баландихтисос ва қобили қобилияти муккамал даст ба протексионизм задан номуккамалиро дар соҳаи беҳдошти шаҳрвандон ба вуҷуд меорад, ки ин навъи коррупсия дар натиҷа таъсири манфии худро дар соҳаи идоранамоии тандурустӣ таъсири манфур расонидан ба шӯури ҷамъиятӣ ва бевосита ба амнияти миллиро ба вуҷуд меорад;

в) Мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва андоз ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Навъҳои муосир ва ташаккули технологияи навъи иқтисодӣ ва андозбандӣ моҳиятан коррупсияро шакли дигар додааст. Инкишофи манополизми иқтисодӣ ва рақобати носолим таъсир ба низоми андозбандӣ дорад, зеро субъектоне, ки чунин амалҳоро содир менамоянд, ҳамзамон аз супоридани андоз саркашӣ менамоянд. Муккамалии соҳаи андоз ин муккамалии низоми амнияти миллӣ аст. Дар ҳолате, ки меъёрҳои мушаххаси андоз дар доираи субъективизм ташаккул меёбанд, пас омили таҳдид ба амнияти миллӣ мегарданд, ки инро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк намуда, ҳангоми ба низоми идоракунӣ ворид шудани кадрҳо аз онҳо маълумотномаи моликият аз амвол талаб карда мешавад;

г) Мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ чашму дили ҳокимияти давлатанд. Мавҷуд будани амалҳои коррупсионӣ дар фаъолияти субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ин нобоварии мардумро дар нисбати қонун (нигилизми ҳуқуқӣ) ба вуҷуд меорад. Амали ҳар як субъекти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳамбастагӣ бо таъмини амнияти миллӣ дорад. Пас, бояд ҳамин навъи муносибати коррупсионӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ решакан гардад;

д) Мавҷудияти амалҳои коррупсиони дар соҳаи мудофия ва ҳифзи сарҳадот ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Ҳифзи сарҳадот ва мудофиаи кишвар омили асосии оромӣ ва таъмини амнияти миллӣ аст. Мавҷуд будани амалҳои коррупсионӣ дар ин соҳа шаҳодат аз беамниятӣ ва ноороми дар ҷомеа аст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки коррупсия ҳамчун амали номатлуб аз лаҳзаи пайдоиш то ин сатҳи инкишофёбиаш ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ буда, монеаи бевоситаи инкишофи давлат ва ҷамиъият мегардад. Аз ин рӯ, пурзур намудани сиёсати зидди коррупсионии давлат нисбати ин падидаи номатлуб метавонад амнияти миллии давлатро таъмин созад.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

2. Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 07.08.2020, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.12.2012, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

5. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020, www.mmk.tj (санаи мурочиат 19.05.2021).

6. Зокиров Г.Н. Коррупсия.– Душанбе, 2005.– С.6.

7. Лунёв В.В. Коррупсия, учтённая и фактическая // Государство и право.– 1996.– №8.– С.81.

РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Салимзода Шероз – сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар даврони муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккули низоми нави ҳуқуқиро дар шароити нави рушди мустақил аз сар мегузаронад. Татбиқи ислоҳоти бунёдии гузариш ба низоми нави иҷтимоию давлатӣ бидуни фароҳам овардан ва такмил додани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ, заминаи мустаҳками қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноӣ ғайриимкон аст.

Дар марҳилаи кунунӣ, дар шароити рушди демократии давлат, қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ амал намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз ҷиноятқорӣ муҳофизат мекунад Ҷаҳонишавӣ, пайдоиши шаклҳои нави ҷиноятқорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ аз давлат тақозо менамояд, ки қонунгузории ҷиноии худро мунтазам такмил диҳад ва он бояд барои мубориза бо чунин падидаҳо омода бошад.

Омӯзиши ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон барои дар оянда самараноктар инкишоф додани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сахми назаррасро мегузорад. Қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, дар таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои вазифаҳои вобаста ба гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва татбиқи меъёру принсипҳои Конститутсияи нави ҷумҳурӣ нақши фавқулодда муҳим дорад, ки роҳҳои рушди халқи тоҷикро дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ муайян мекунанд [1].

Аз замони ба даст овардани истиқлолият то қабули кодекси нави ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1961 қабул шуда буд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо амал менамуд. Ворид намудани тағиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии соли 1961, ки то қабули Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998 амал мекард, барои мутобиқ кардани он ба воқеиятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳолати ҷиноят дар даврaҳои муайян пешбини шуда буданд. Ворид намудани тағирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 дар се марҳила ба амал омаданд (якум – аз 1961 то 1985; дуюм – аз 1985 то 1991; сеюм – аз 1991 то 1998) ва ҳар яке аз ин марҳилаҳо хусусиятҳои худро доштанд [2, с.59–65].

Пас аз ба даст даровардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, иқтисоди бозорӣ, ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон шурӯъ намуд.

Радди низоми тоталитарӣ-авторитарӣ ва гузариш ба сохтори ҷомеаи демократӣ, аз як тараф, зарурати таҷдиди назарияи асосҳои ҳуқуқии давлатро такмил дода, тамоми шохаҳои қонунгузории онро такмил дод. Аз тарафи дигар, шарти иҷтимоии чунин ислоҳотро дар шароити муосири сиёсӣ ва иқтисодӣ амр мекард, ки Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1961 он кӯҳна шуда, бо Конститутсияи нави кишвари соли 1994, мафҳуми иқтисоди бозорӣ, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон менамуд. Он ба талаботи амалияи мубориза бо ҷиноятқорӣ пурра ҷавобгӯ набуда, тағироти сифатии дар даҳсолаҳои охир дар таркиб ва динамикаи ҷиноятқорӣ дар ҷумҳурӣ ба амаломадаро инъикос намекард.

Сабаби дигаре, ки ба таҳия ва қабули Кодекси нави ҷиноятӣ мусоидат кардааст, дар он буд, ки аз рӯзи қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1961 то он даме, ки дар соли 1998 бекор карда шуд, ба он бештар аз 600 тағйирот ва илова дохил карда шуд. Кӯшиши мутобиқ кардани қонунгузории ҷиноятии кишвар тавассути воқеияти имрӯза тавассути ворид намудани тағирот ва иловаҳои сершумор ба он муваффақ нашуд, балки баръакс, ин мушкилотро боз ҳам шадидтар намуд, боиси бархӯрдҳо ва номутаносибии муносибатҳои ҳуқуқӣ, зиддиятҳои байни меъёрҳо ва санксияҳои Кодекси ҷиноятӣ гардид.

Зарурати қабули Кодекси нави ҷиноӣ инчунин аз он сабаб ба амал омадааст, ки дар тӯли 30–35 соли охир ҷиноят миқдори хеле назарраси дигаргунихоро аз сар гузаронидааст ва ин хусусан тағироти сифатӣ хусусияти васеи муташаккил пайдо кардааст.

Хусусиятҳои дар боло зикршуда имкон доданд, ки Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро аз соли 1961 дар маҷмӯъ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшуда арзёби намуда, зарурати таъхирнопазири таҳия ва қабули қонунгузории нави мукаммали ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба консепсияи конститутсионии волоияти ҳуқуқ мувофиқ аст пешбини намудааст. Бо ин ҳама, эҳтиёҷи шадиди ин намуди қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, бо шароити комилан нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавии ҳаёти ҷомеаи мо, ниёзҳои такмили тамоми низоми ҳуқуқии давлат, мутобиқ сохтани он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 мебошад ва табиист, ки ба кори минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба Кодекси ҷиноятӣ таъсири бунёдӣ гузоштааст.

23 сентябри соли 1995 бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Барномаи давлатӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ барои соли 1996–1997 таҳия карда шуд. Яке аз самтҳои фаъолияти Барномаи мазкур татбиқи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ, яъне ташкили заминаи қонунгузорӣ, барномарезӣ, иттилоотӣ-таҳлилӣ, ҳамоҳангсозӣ, ҳисобкунӣ, меъёрӣ ва илмӣ буд. Бо мақсади такмил додани заминаи ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, вазифаи таҳияи 26 лоиҳаи қонун гузошта шуд, ки яке аз онҳо тахияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Барои омодасозии саривақтии лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби олимон ва мутахассисони соха гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Дар натиҷа, кори чандмоҳаи гурӯҳи кории ҳукуматӣ ба итмом расид ва лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ омода ва барои баррасӣ ва қабул дар Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Бояд таъкид кард, ки гурӯҳи корӣ зимни коркарди лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар якҷоягӣ бо Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният якчанд вохӯриҳо бо вакилон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, устодон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар масъалаи такмили лоиҳаи кодексро гузаронид. Дар ҷараёни мулоқотҳо пешниҳодҳои зиёде ворид шуданд, ки аксари онҳо ба назар гирифта шуданд. Масалан, ба вакилон зиёда аз 50 чунин пешниҳод, Вазорати корҳои дохилӣ, прокуратура ва суд қариб 100 пешниҳод ворид намуданд. Инчунин пешниҳодҳои зиёде аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос пешниҳод карда шуданд ва дар

маҷмӯъ тақрибан 200 пешниҳод пешниҳод карда шуданд.

21–22 майи соли 1998 Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум баргузор гардид, ки дар он вакилони Маҷлиси Олӣ лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳокима ва қабул карданд. Дар лоиҳа таҷрибаи пешқадами фаъолияти қонунгузории бисёр давлатҳои хориҷӣ, ғояҳои пешқадам, ки дар Кодекси намунавии ҷиноятӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ, кодексҳои ҷиноятии баъзе давлатҳои ИДМ, махсусан Кодекси ҷиноятии Федерацияи Россия ва дигар мамлакатхо ба назар гирифта шуданд.

Қабули Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 ибтидои ислоҳоти қонунгузории ҷиноятиро гузошт, ки барои амалисозии он ҳалли бисёр масъалаҳои дигар зарур аст. Ислоҳоти ҷомеа як раванди тӯлониест, ки ногузир ва дар ибтидо такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онро дар назар дорад. Зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ворид намудани тағирот ва иловаҳо қонунгузорӣ мутобиқи талаботи муборизаи муассир бар зидди ҷиноятқорӣ ба ворид намудани қонунҳои ҷиноятии миллӣ равона карда шудааст[3, с.77–82].

Кайд намудан ба маврид аст, ки як қатор ғояҳои консептуалӣ дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар меъёрҳои мушаххаси он баён ва мустаҳкамкунии бомуваффақиятро ба даст овардаанд, таҷассум ёфтаанд. Кодекси мазкур ба принсипхое асос ёфтааст, ки мазмун ва мундариҷаи меъёрҳои мушаххаси кодексро муайян мекунад, самти ниҳоии возеҳи тамоми мундариҷаи кодекс ба эҷоди нави арзишҳои иҷтимоие, ки қонуни ҷиноятӣ мутобиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аҳамияти афзалиятноки ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, шаъну шарафи шахс ва дигар ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои барҷастаи шаҳрвандонро хифз менамояд.[4, с.71–74].

Тақрибан 20 соли фаъолияти ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки он асосан ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, фазои ягонаи ҳуқуқиро дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҷазо фароҳам меорад. Аммо дар марҳилаи кунунӣ бо дарназардошти вазъи дохилӣ ва хориҷии сиёсӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими рушди устувори кишвар зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноии кишвар ва мутобиқ кардани он ба талаботҳои нав пайдо шудааст.

Асоси ворид намудани тағирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ инчунин он аст, ки вобаста ба рушди ҷомеа ва давлат баъзе амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок аҳамияти худро гум мекунанд ва декриминализатсияро талаб мекунанд. Дар баробари ин, амалҳои дигаре низ пайдо мешаванд, ки барои ҷомеа хатарнок мешаванд ва онҳо бояд дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд.

Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин аз зарурати татбиқи принсипҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва конститутсионии ҳуқуқи ҷиноятӣ, зарурати аз нав муайян кардани доираи ҷиноятҳо, яъне муқаррар намудани низоми ҷазоҳо ва санксияҳое, ки ба маърифати ҳуқуқии муосири ҷинояткорӣ ҷавобгӯ буда, ба самаранокии қонуни ҷиноятӣ мусоидат мекунанд, воситаҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷинояткорӣ алокаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи асосии масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими қонунгузории ҷиноятӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 №492 тасдиқ шудааст инъикос ёфтааст. Консепсия моҳият, мақсад, самтҳо, афзалиятҳо ва меъёрҳои самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ ва амалисозии қонунро дар ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз амалҳои ҷиноятӣ тавассути қонунгузории ҷиноятӣ зарурати таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои мавҷуда, омӯхтан ва муайян кардани он мувофиқати қонунҳои қабулшуда ба

талаботи замон ва ҷомеаро ифода менамояд. Барои татбиқи Консепсия барномаҳои дахлдори давлатӣ таҳия карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои барномавӣ як навъ дастур барои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла барои парлумон дар татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ барои таъмини риояи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли мушкилоти мубрами низоми қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Дар айни замон, бояд шаклҳо ва зуҳуроти нави чиноятии қаблан номаълум аз ҷумла, ҷиноятҳои компютерӣ, чиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, дар соҳаи хусусигардонии моликият, бонкдорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шаванд.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии он мебошанд. Кодекси ҷиноятӣ принсипҳои афзалиятноки шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятиро ба танзим медароранд, муқаррар кардааст.

Инҳо хусусиятҳои хоси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 мебошанд. Дар маҷмӯъ, онҳо шаходат медиҳанд, ки санади ҳуқуқии баррасишаванда қадаме ба пеш дар рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон буда, дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд саҳми назаррас дорад.

Таҷрибаи таърихи рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки камбудиҳо дар хама даврахо буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд. Бо чунин ақида розӣ шудан мумкин аст, ки ҳама гуна, ҳатто комилтарин қонунгузорӣ аз камбудиҳо холи нест ва ин ба рушди ҷомеа ва давлат вобаста аст.

Раванди такмили Кодекси нави ҷиноӣ идома хоҳад ёфт, зеро амалия доимо мушкилоти нави истифодаи онро ба миён меорад.

Раванди таҳияи қонунгузории ҷиноятӣ пайваста ва пойдор аст. Нишондиҳандаи самаранокии Кодекси ҷиноятӣ ин устувории он мебошад ва барои он ки қонунгузорӣ устувор бошад ва натиҷаи дилхоҳ диҳад, он бояд доимо такмил дода шавад.

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон тавассути қабули қонунҳо бо мақсади ворид намудани тағиротҳои дахлдор ба он амалӣ карда мешавад.Далели он, ки қонунгузории ҷиноӣ аз камбудиҳо холӣ нест, пеш аз ҳама бо тағирот ва иловаҳои сершумор шаҳодат медиҳад, ки аллакай ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд [5].

Сиёсати ҳуқуқӣ, мутобиқи консепсияи пешбинишуда, рушди қонунгузории ҷиноятиро дар самтҳои зерин пешбинӣ кардааст: мутобиқ кардани Кодекси ҷиноятӣ ба талаботи санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, аз ҷумла Конвенсияҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди ҷиноятқории муташаккилонаи фаромиллӣ ва мубориза бо коррупсия; хориҷ кардани такрори ҷиноятҳо аз Кодекси ҷиноятӣ; тақвияти масъулияти ҷиноятӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ; декриминализатсияи ҷиноятҳои алоҳида ва муқаррар кардани ҷарима барои ҷиноятҳои иқтисодӣ; таҳлили такрори ҷиноятҳо ҳамчун аломати пайвасткунанда; сабук кардани ҷазо барои категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон, алахусус ноболиғон; истисно кардани маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун намуди ҷазо аз Кодекси ҷиноятӣ ва ба ҷои он ҷорӣ намудани намуди дигари ҷазо, ки ба ҳабс алоқаманд нестанд.

Дар айни замон, сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти рушди қонунгузории ҷиноятӣ ба сатҳи сифатан нав расида истодааст. Зарурати аз нав дида баромадани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ бо дарназардошти муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва баъдан ба миён омадани чунин таҳдидҳо ва чолишҳои ҷаҳонӣ, ба мисли терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, киберҷиноятӣ ва ғайра зарур аст.

Гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ яке аз рукнҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҷиноии давлат боқӣ мемонад. Ин тамоюл, ба ақидаи М.М. Махмудов аз замони ба даст овардани

истиқлолият кишвари мо барои ташаккули низоми муосири ҳуқуқие, ки ба принсипҳои асосии давлати демократӣ мувофиқат мекунад, фаъолона қадам мегузорад. Маънои воқеии гуманизатсия дар ҷумҳурӣ на танҳо сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятиро дар назар дорад, балки ташкили низоми фарқкунанда ва фасеҳи ҷазои ҷиноятиро мефаҳмонад, ки ба давлат имкон медиҳад, ки воситаҳои ҷазоро сарфа кунад ва дигар усулҳои ҷазои ҷинояткорро васеъ истифода барад [10, с.67].

Ҳамин тариқ, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, парлумони кишвар дар соли 1998 яке аз қонунҳои мукаммали худро қабул кард, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тақрибан 20 соли фаъолияти ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки он асосан ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, фазои ягонаи ҳуқуқиро дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҷазо фароҳам меорад. Аммо дар марҳилаи кунунӣ бо дарназардошти вазъи дохилӣ ва хориҷии сиёсӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими рушди устувори кишвар зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятии кишвар ва мутобиқ кардани он ба талаботҳои нав пайдо шудааст.

Ба сифати заминаҳои тағйир додани қонунгузории ҷиноятӣ инҳо баромад менамоянд: трансформатсияи ифодагардидаи сатҳ, сохт ва динамикаи ҷинояткорӣ; пайдошавӣ, тағйирёбӣ ё аз байн рафтани таҳдидҳои бо рафтори одамон алоқаманди амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат; арзёбии ҷамъиятӣ ва давлатии натиҷаҳои самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: Қонуният, 2017.– 406 с.

3. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 1961.– Душанбе: Ирфон, 1988.– 216 с.

4. Кодекси намунавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ // Правоведение.– 1996.– №1.– С.16–28.

5. Азизов У.А. Развитие уголовного законодательства Республики Таджикистан: 1961–2017 гг. Дисс. н.и.х.– Душанбе, 2008.– Саҳ.3.

6. Бахриддиов С.Э., Шарипов Т.Ш. О технике построения уголовного законодательства // Государство и право.– Душанбе, 2003.– №2.– С.59–65.

7. Сатторов Г.С. К вопросу о новом Уголовном кодексе Республики Таджикистан// Давлат ва ҳуқуқ.– Душанбе, 1999.– №2.– С.71–74.

8. Шарипов Т.Ш. Институти маҳкумият дар ҳуқуқи ҷиноятӣ: Рушд. Табиати ҳуқуқӣ. Татбиқ.– Душанбе, 1997.

9. Шарипов Т.Ш., Солиеев К.Х. Қонуниятҳои тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2005.– №1.– Саҳ.77–82.

10. Махмудов М.М. Обязательные работы как вид уголовного наказания // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества.– Душанбе, 2005.– С.66–78.

АННОТАТСИЯ

Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ

Пас аз ба даст даровардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, иқтисоди бозорӣ, ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон шурӯъ намуд. Омӯзиши ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон барои дар оянда самараноктар инкишоф додани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сахми назаррасро мегузорад.

Дар мақолаи мазкур рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон даар даврони соҳибистиқлолӣ таҳлил карда шудааст.

АННОТАЦИЯ

Развитие уголовного законодательства в период независимости

После обретения независимости Республика Таджикистан встала на путь строительства правового, демократического госу-

дарства, основанного на верховенстве закона, рыночной экономики, приоритетной охране прав и свобод человека и гражданина. Изучение становления и развития уголовного законодательства Таджикистана в период независимости призвано обеспечить более плодотворное развитие уголовно-правовых норм в будущем.

В настоящей статье рассматривается развитие уголовного законодательства Республике Таджикистан в период независимости.

ANNOTATION

Development of criminal legislation during the period of independence

After gaining independence, the Republic of Tajikistan embarked on the path of building a legal, democratic state based on the rule of law, a market economy, priority protection of human and civil rights and freedoms. The study of the formation and development of the criminal legislation of Tajikistan during the period of independence is designed to ensure a more fruitful development of criminal law in the future.

This article examines the development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence.

Калидвожаҳо: *Истиқлолият, қонунгузорӣ; қонунгузории ҷиноятӣ; кодекси ҷиноятӣ.*

Ключевые слова: *Независимость; законодательство; уголовное законодательство; уголовный кодекс.*

Keywords: *independence; legislation; criminal legislation; criminal code.*

ДАСТОВАРДҲОИ СИСОЛАИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИКИСТОН

Шарипов А.Н., Мирзоев Ҳ.Т. – устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиёсати хориҷӣ ин ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар ба манфиати кишвари худ: самти умумии кишвар дар умури байналхалқӣ ба шумор меравад. Сиёсати хориҷӣ равобити кишвари мазкурро бо кишвар ва халқҳои дигар мутобиқи асл ва ҳадафҳои он танзим менамояд, ки тавассути истифодаи усул ва василаҳои мухталиф ба даст меояд. Воситаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ дипломатия маҳсуб мегардад.

Сиёсати хориҷӣ бо сиёсати дохилӣ алоқамандии зич дорад [1].

Сиёсати хориҷии ин ё он кишвар принсипҳои асосии сиёсати байналхалқии давлатро муаррифӣ менамояд, ки аз ҷониби вазорати корҳои хориҷӣ (ё идораи мутаносиби сиёсати хориҷӣ) ба таври мушаххас ва амалӣ татбиқ гардида, ҳадафи инъикоси манфиатҳои миллиро дорад.

Мавзӯи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ аслан манфиатҳои миллии давлат мебошанд, ки алоқаи наздики онҳоро исбот месозад [7].

Ҳамагон медонанд, ки ҳадафи ниҳоии ҳар як сиёсати давлатӣ – ҳифзи манфиатҳои миллии давлат мебошад. Аз ин рӯ сиёсатшиносони воқеӣ бояд дар миқёси давлатӣ тавозуни одилона ва оқилонаи манфитаҳои гуногунҷонибаи давлатҳоро ёбанд [4, с.119].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва муаррифии давлати тоҷикон дар саҳнаи байналхалқӣ равона гардидааст. Бояд таъкид намуд, ки дар тӯли си соли истиқлолият сиёсати хориҷии кишвари мо марҳилаҳои ташаккул, рушд ва таҳаввулро сипарӣ намудааст, ки бо сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад. Тайи ин муддат дар самти сиёсати хориҷӣ ва дипломатия тоҷикон ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд, ки дар таърихи халқи мо назир надоранд.

Агар мо хоҳем, ки дастовардҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи халқи тоҷикро дар даврони истиқлолият баррасӣ намоем, пас метавонем ба чунин натиҷагирӣ расида бошем:

Дастоварди якум – Касб ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ дар шароити мураккаби шиддати муносибатҳои байналхалқӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва осебпазириии кишварҳои миллӣ арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик ба шумор меравад. Дар воқеъ, дастёбӣ ба ин неъмати волотарин, ки барои ҳар як халқу миллат азизу муътабар аст, як сарчашмаи бебаҳоест, ки тамоми равандҳои дигари ҳаёти давлату миллатҳоро муайян месозад. Имрӯз дар саҳнаи ҷаҳонӣ халқу миллатҳое мавҷуданд, ки таърихи бою куҳан ошта, барои касби истиқлолият садсолаҳо мубориза мебаранд, вале аз ин неъмати илоҳӣ бархурдор нестанд. Аз ин рӯ, мебояд ба қадри истиқлолияти давлатӣ расида, тамоми кӯшиш ва талоши худро барои ҳифзи ин неъмати воло равона намоем.

Дастоварди дуюм – Эътироф дар саҳнаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дарёфти ҷой-

гоҳи хосса дар он. Миллати тоҷик ба шарофати соҳибистиқлолӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ ба сифати иштирокчии комилҳуқуқ фаъолият намуда, орзуву ормони ҳазорсолаи халқашро амалӣ менамояд. аз замони дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, узвият ба Созмони Милали Муттаҳид, ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро 192 давлати дунё чун кишвари соҳибистиқлол расман эътироф кардааст [3, с.16]. Ворид шудан ба саҳнаи ҷаҳонӣ аз Муроҷиатномаи аввалини Сарвари давлат ба мардуми шарифи Тоҷикистон [5, с.6] маншаъ гирифта, ҳадафҳои дар он муайяншуда пайгирона ва тадриҷан амалӣ мегарданд. Зиёда аз он Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 зимни баромади нахустин аз минбари Созмони Милали Муттаҳид, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҳадафи сиёсии сулҳҷӯёна ва таҳкиму тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани асноди робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Ҳелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳо зербинои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бунёд намуда, эълон кард, ки инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ арзиши олӣ мешуморад [2]. Маҳз ин арзишҳо заминаи рушди сиёсати хориҷии кишвар ва эътирофи он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дастоварди сеюм – Истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Яке аз омилҳои асосии хотима ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Сарвари давлат мебошад, ки истиқрори сулҳ, баргардонидани гурезаҳо ва таҳкими ваҳдати миллӣиро ҳамчун ҳадафҳои олӣ қарор дода буд. Дар раванди татбиқи ин ҳадафҳои олӣ сарвари давлат иродаи қавӣ, мардонагӣ, ҷасорати бемаҳдуд ва дурандеширо ба хотири миллат нишон дод. Ҳамагон медонанд, ки зимни музокироти байни тоҷикон таҳдиду суиқасдҳои зиёд аз дохилу хориҷ, хатари табдили кишвар ба майдони рақобати мансабталошон ва бозингарони минтақавию ҷаҳонӣ возеҳ буд. Устуворӣ ва қатъият новобаста аз душмании рӯйрости қуввaҳои дохиливу хориҷӣ, мулоқоту вохӯрӣ бо роҳбари мухолифин дар Кобулу Хусдеҳ, гузашт ба хотири миллат аз нотакрории шахсияти Пешвои тоҷикони ҷаҳон шаҳодат медиҳад[8. С. 293]. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст [2]. Ҳамчун нишони эътирофи ин заҳматҳо раёсати ҷаласаи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон вогузор гардид [9, с.85].

Дастоварди чорум – Интихоби дуруст ва пешбурди сиёсати хориҷии «дарҳои боз», ки расман аз 31 декабри соли 2002 эълон гардидааст. Зарурати эъломи он бо омилҳои зерин алоқаманд буданд: – мавқеи муҳимми стратегии кишвар, ки яке аз нуқтаҳои калидии фазои Осиёи Марказиро дар бар гирифта, баъди оғози амалиёти байналхалқии зиддитеррористӣ дар Афғонистон мақоми хосса касб менамояд; – зарурати ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ, умқи равандҳои фаҳонишавӣ ва зуҳури хатарҳои муосири ҷаҳонӣ; – инъикоси арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва суннатии халқи тоҷик яъне дӯстӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ дар сиёсати хориҷии кишвар; – нигоҳ доштани тавозун дар самти афзалияти самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар; – ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ барои эҳёи иқтисоди кишвар ва татбиқи ислоҳот дар самти рушди ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон. Ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари сиёсати хориҷии кишварро ташкил медиҳад, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшад. Натиҷаи ин сиёсати воқеъбинона дар истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо 179 кишвари ҷаҳон, ифтитоҳи қариб 50 намояндагиҳои ди-

пломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва дар назди созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ифтитоҳи беш аз 30 намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар Тоҷикистон [6], мубодилаи ҳамасолаи молу маҳсулот бо 100 кишвари ҷаҳонӣ (нисбат ба соли 1991 тақрибан 35 маротиба афзоиш ёфтани гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ, ки бо арзи хориҷӣ ҳисоб шудааст) ва аз ҳама муҳим ироаи ташаббусҳои байнамилалӣ ба хусус дар масъалаи об, ҳамкорӣ дар соҳаи он ва табдили он ба омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ инъикос меёбад. Тоҷикистон, бо истифода аз асли сиёсати «дарҳои боз» ва бисёрсамтӣ робитаи худро бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷанубу Шарқи Осиё, кишварҳои арабӣ, олами ислом густариш дода, аз имконият ва мавридҳои муносибе, ки имрӯз ва дар оянда пеш хоҳанд омад, ба манфиатҳои миллии хеш истифода мебарад [2].

Ба шарофати ин сиёсат Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ мустаҳкам сохта, бо назардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибат ва манфиатҳои худро таъмин кард. Сиёсати «дарҳои боз» меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҷассум мекунад.

Зиёда аз он ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ табдил ёфтани пойтахти кишвар ва ҳамчун бренди миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалӣ эътирофи ҷаҳонӣ касб намудани «Раванди Душанбе» [6]; натиҷаҳои дигари сиёсати дарҳои боз бо сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат ба шумор мераванд.

Дастоварди панҷум – Ташаккули хадамоти дипломатии касбӣ дар кишвар. Анъанаҳои давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ ва дипломатия, тартиби фиристодани расул, таҷрибаи сулҳ ва миёнаравӣ ҳамоҳанги таърихи ташаккули халқи тоҷик буданд. Вале бунёди хадамоти дипломатӣ ҳамчун инъикоси механизми татбиқи ҳадафҳои миллии тоҷикон, инъикоси мустақилияти сиёсӣ ва фароҳам овардани шароити рушди дохилӣ танҳо бо касби истиқлолияти давлатӣ ба даст омад. Муваффақияти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик, пеш аз ҳама аз маҳорати барномарезӣ ва дурандешии сарвари он, анъанаҳои давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангию маънавӣ ва касбияти кормандони хадамоти дипломатӣ вобаста мебошад. Маҳз дар зимни ташаккули ин мактаби дипломатӣ чунин дипломатҳои забардаст, аз қабили Эмомалӣ Раҳмон, Талбак Назаров, Рашид Олимов ва дигарон ба саҳна омаданд, ки бо маҳорати дипломатӣ ва хусусиятҳои фардӣ намунаи дипломатияи муваффақ дар ҷаҳон эътироф шудаанд. Яке аз заминаҳои устувори рушди хадамоти дипломатии тоҷик дар даврони истиқлол ин эътироф ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти пешбурди сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатии Тоҷикистон мебошад. Ҳамроҳ шудан ба Эъломияҳои байналхалқӣ дар самти равобити дипломатӣ ва консулӣ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» (солҳои 2002, 2014 ва бо тағйироти нав дар соли 2019) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2001, 2013 ва 2016) дар таҳрири нав қабул гардиданд. Барои тақвияти заминаи меъёриву ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ 27 январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №332 Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он бо дарназардошти таҳаввулоту тағйироти дар арсаи байналмилалӣ бавуҷудомада, ҳадафу мақсадҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар муайян карда шудаанд [3, с.17]. Аз ҷониби дигар, бинобар возеҳ гаштани нақши иқтисод ва тиҷорат дар сохтори Вазорати корҳои хориҷии кишвар Раёсати иқтисодӣ ташкил шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №657, аз 30.12.2019 дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №593, аз 26.12.2006 «Дар бораи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Инчунин, вобаста ба намояндагони тиҷоратии ҶТ дар хориҷи кишвар қарори дахлдори Ҳукума-

ти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 қабул гардид, ки махсусиятҳои муосири рушди касбӣ-соҳавии анвои гуногуни хадамоти дипломатӣ ва заминаи ҳуқуқии рушди онро инъикос менамоянд.

Дастоварди шашуми дипломатҳои тоҷик ин эъломи 29 сентябр ба унвони «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» дар Тоҷикистон мебошад, ки далели нуфузи соҳа, эътирофи он дар низоми хизмати давлатии кишвар мебошад [10, с.14]. Дар баробари ин, хадамоти консулӣ ҳачун ҷузъи таркибии хизмати дипломатӣ рушд намуда, инкишофи он дар заминаи узвият ба Эъломияи Венагӣ оид ба раовбити консулӣ, қабули Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1998 ва таҳаввули хизмати консулӣ бо роҳандозии шабакаи электронии фарогири масоили додугирифти раводид ва рафтуомади шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ пайгирона ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар ин радиф барномаи судури раводиди электронӣ (e-visa) ба кор андохта шуд, ки айни замон шаҳрвандони зиёда аз 80 кишвари дунё метавонанд аз он истифода кунанд. Ин иқдом дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар ва рушди соҳаи сайёҳии давлат нақши бузург дорад [3, с.18].

Дастоварди ҳафтум ташаккул ва рушди дипломатияи фарҳангӣ мебошад. Дар зимни ташаккули дипломатияи касбии тоҷик, нақши ҷанбаи фарҳангии он возеҳ мегардад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои миллӣ – ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ ба шумор меравад. Дар ин қарина дипломатияи фарҳангии тоҷик бо сарварии Пешвои миллат бо муаррифии мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии ҳалқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ, бузургдошти доимии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони баруманди миллат ва таърихи қадимаи миллати тоҷик дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Ин дастовардҳои мардуми тоҷик аз ҷониби ниҳоди бонуфузтарини ҷаҳонӣ дар самти илм,маориф ва фарҳанг ЮНЕСКО эътироф шуда, ба Феҳристи Мероси фарҳангии умумибашарии он ворид гардиданд. Дар ин радиф, ворид шудани Саразм (соли 2010), Боғи миллии Тоҷикистон (соли 2013), ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил гардидани «Шашмақом» (соли 2008), Наврӯз (соли 2010), «Оши палав» (2016) ва «Чакан» (соли 2018), бо қарорҳои ЮНЕСКО арҷгузорӣ намудани як қатор шахсиятҳои фарҳангии тоҷикон ва рӯйдодҳои таърихии миллат дале-ли ҷавҳари фарҳангии миллати тоҷик, моҳияти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи он маҳсуб мегардад.

Дастоварди ҳаштуми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши робитаҳо бо сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, созмонҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Дар даврони истиқлолият Тоҷикистон ба узвияти 57 созмони минтақавию байналхалқӣ пазируфта шуда, яке аз муассисони Иттиҳоди далватҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, ва Раванди Истамбул ба шумор меравад. Табдили шаҳри Душанбе ба маркази баррасии масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ, раисии бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ироаи ташаббусҳои муҳим дар самти пешгирии хатарҳои муосир, эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон, баргузории ҳамоишҳои илмиву амалӣ дар самти мубориза бо падидаҳои номатлуби муосир далели эътирофи кишвар ба ҳайси муайянкунандаи мавзӯи рӯз дар самти мубориза алайҳи хатарҳои муосир ва меҳвари афкори байналмилалӣ дар ин самт аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дастоварди нуҳум, ин ташаккули сатҳи нави ҳамкорӣ – шарикии стратегӣ мебошад, ки аз самаранокии сиёсати хориҷии кишвар ва дипломатии мо дарак медиҳад. Ташаккули тадриҷии муносибатҳо бо кишварҳои дӯст ва ҳамсояи заминаи ба стаҳи стратегӣ расилани шарокати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин,

Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Беларус гардиданд, ки аз оғози марҳилаи нави сифатӣ дар самти таҳкими муносибатҳои мутақобила ва сиёсати дӯстона бо ин давлатҳо шаҳодат медиҳад. Дар ин радиф як нукта боиси тазаккур аст, ки маҳз сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат дар муносибат бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз Мурофиатномаи аввалин ба мардуми шарифи Тоҷикистон ибтидо ёфта, тадриҷан дар асноди дуҷониба ва меъёрӣ – ҳуқуқии кишвар дар қиболи Консепсияҳои сиёсати хориҷӣ ва Паёмҳои солона ифода меёфт, изҳори анъанаҳои ҳамсоягӣ ва камоли инсонӣ зимни вафоти аввалин Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, ширкат дар маросими такфини ӯ аз суннатҳои неки мардуми тоҷик шаҳодат медод, ки минбаъд заминаи то сатҳи стратегӣ расидани ҳамкориҳои ду кишвари дӯсту ҳамсоя гардиданд.

Дастоварди ниҳоӣ ин оромӣ, субот ва амнияти фарогир дар шароити тағйиротҳои бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ бо ивазшавии усулҳои рақобати абарқудратон ва минтақаҳои геополитикӣ: – зуҳури ғояҳои нави ифротӣ ва иртиҷоӣ, аз қабили ифротгароии динӣ, миллатгароии нав (неофашизм) ва осебпазирии давлатҳои миллӣ, терроризми дорои инфрасохтори давлатӣ ва худкифо (аз раванди ҷаҳонишавӣ бештар созмонҳои ғайридавлатӣ ва террористӣ истифода бурда, мутобиқ шудаанд); – таъсири манфии хатарҳои иттилоотӣ (шустушӯйи мағзҳо, ҷалби ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ ва паҳн намудани ғояҳои ифротии динӣ) ба шумор меравад. Тавре маълум, ташкили Артиши миллии Тоҷикистон дар шароити мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ аз сифр оғоз шуда, фаъолияти муваффақ ва ҳамоҳанги он бо сохторҳои иҷтимоӣ тадриҷан заминаи ба як кишвари амнтарини ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон ва ба сегонаи аввалин давлатҳои амни ҷаҳон дар раддабандиҳои байналмилалӣ ворид гаштани он ба шумор меравад.

Миллати мо тӯли солҳои истиқлол рӯзҳои сангинро паси сар кард ва аз онҳо барои ояндаи худ таҷрибаи арзишманд бардошт, ба гирдоби офату сахтиҳо гирифтор шуд, вале бо тадбиру хирадмандиву дурандешии Пешвои маҳбуби худ аз миёни амвоҷи пурталотуми ҳаводис солим берун омад. Инак, Тоҷикистон ба оромтарину босуботтарин кишвари минтақа табдил ёфта, бо азму иродаи матин ба сӯйи ояндаи шукуфон роҳ мепаймояд [2].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаҳон чун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанд. Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро истеҳком бахшид ва дар оянда низ бо қадамҳои устувортар дар паҳнои олам нақшофарӣ хоҳад кард.

Дастовардҳои халқи тоҷик дар даврони истиқлолият таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёданд, вале инъикоси самти сиёсати хориҷии онҳо далел аз самаранокии дипломатияи тоҷик, талоши ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эъмори давлати пешрафта шаҳодат медиҳад. Новобаста аз ин, мо набояд ба ин дастовардҳо иктифо намуда, барои рушди бештари кишвар, татбиқи ҳадафҳои стратегии он талош ва афзоиши нуфуз ва мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар саҳнаи ҷаҳонӣ талош намоем.

Аз ин рӯ, мардуми кишварро зарур аст, ки барои ободии кишвар, сулҳу ваҳдат, таҳкими арзишҳои динию маънавӣ ва фарҳангӣ дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид гардида, баҳри татбиқи нақшаҳои нек – ҳифзи истиқлолият, дину оин, номуси ватандорӣ ва таъмини шароити хуб барои ояндаи миллат саҳмгузор бошем.

Рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда:

1. Внешняя политика. Электронный ресурс. URL https://ru.wikipedia.org/wiki/Внешняя_политика (санаи мурофиат 11.02.2020).

2. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://mfa.

tj/tg/main/view/12/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи мурочиат 26.05.2021).

3. Муҳаммадзода П.А., Малангова И.И. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013–2020 // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир.– 2020.– №4(72).– С.15–23.

4. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации.– Том 1-й.– Душанбе, 2004.– 358 с.

5. Рахмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносии миллӣ.– Душанбе, 1995.

6. Сӣ дастоварди муҳимми Тоҷикистон дар сӣ соли истиқлоли давлатӣ. [манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2021/06/vymyvmiys-dastovardi-mu-immi-to-ikiston-dar-s-soli-isti-loliyat-davlat-mutahassisoni-markazi-tad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-on-oro-zikr-kardaand/ (санаи мурочиат 06.11.2021).

7. Тюрина И.А. Системный подход к изучению взаимосвязи внешней и внутренней политики Электронный ресурс. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/sistemnyy-podhod-k-izucheniyu-vzaimosvyazi-vneshney-i-vnutrenney-politiki (санаи мурочиат 12.05.2021).

8. Шарипов А.Н. Махсусият ва омилҳои маҳбубият касбнамудаи Пешво // Паёми ДМТ.– 2019. – №1.– С.292–296.

9. Шарипов А.Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии ҶТ // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир». Душанбе, 11 декабри соли 2019, 256 с.– С.79–88.

10. Шарипов А.Н. Ташаккули хизмати дипломатӣ дар Тоҷикистон // Ба қуллаҳои дониш.– №15–16(1443), 4 октябри соли 2018.– С.14.

Аннотатсия ба мақолаи «Дастовардҳои сӣ солаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон»

Дар мақола масъалаи дастовардҳои сӣ солаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Маълум аст, ки дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ дуруст муайян намудани самти сиёсати хориҷӣ яке аз ҷанбаҳои асосии дарёфти ҷойгоҳи шоиста дар саҳнаи байналхалқӣ ба шумор меравад, ки заминаи асосии муваффақият ва дастовардҳо мебошад. Дар мақола нақши Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик инъикос гардидааст. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки эътирофи кишвар дар саҳнаи ҷаҳонӣ маҳз бо шарофати сиёсати воқеъбинонаи хориҷӣ ба даст омадааст, ки асоси сиёсати дарҳои бозро ташкил менамояд.

Инчунин, дар мақола зарурати ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дастёбӣ ба дастовардҳои нави сиёсати хориҷӣ таъкид гардидааст.

Калидвожаҳо: муносибатҳои байналхалқӣ, Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, Пешвои миллат, истиқрори сулҳ, хадамоти дипломатӣ, дипломатияи фарҳангӣ, вазорати корҳои хориҷӣ.

Аннотация на статью «Тридцатлетние достижения внешней политики и дипломатии Таджикистана»

В статье рассмотрены тридцатлетние достижения внешней политики и дипломатии Таджикистана. Известно, что в сложнейших условиях международных отношений правильное определение направлений внешней политики является одним из основных факторов нахождения достойного места на международной арене и главной основы успеха и достижений. В статье освещена роль Лидера нации в формировании внешней политики и таджикской дипломатии. На основе этого, подчеркивается, что признание страны на мировой арене стало возможным именно благодаря прагматичной внешней политики, которая составляет основу политики открытых дверей.

Также, в статье подчеркивается необходимость защиты и укрепления государственной и приобретения новых достижений внешней политики.

Ключевые слова: международные отношения, Таджикистан, внешняя политика, Лидер Нации, установление мира, дипломатическая служба, культурная дипломатия, Министерство иностранних дел.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Шарипов Амриддин Нуридинович* – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатияи ва сиёсати хориҷии ҶТ ДМТ. Тел.: (+992) 988-50-10-11, e-mail: amrsharif@mail.ru; *Мирзоев Ҳабибҷон Табрикҷонович* – ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 933-60-94-94, e-mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

Сведения об авторах: *Шарипов Амриддин Нуридинович* – кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики РТ ТНУ. Тел.: (+992) 988-50-10-11; e-mail: amrsharif@mail.ru; Мирзоев Хабибджон Табрикджонович – ассистент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского Национального Университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 933-60-94-94, e-mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

Information about the authors: *Sharipov Amriddin Nuridinovich* – candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy RT TNU. Tel.: (+992) 988-50-10-11, e-mail: amrsharif@mail.ru; *Mirzoev H.T.* – Assistant department's of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave. Tel.: (+992) 933-60-94-94, e-mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ДАР СОҲАИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Маҳмадзода Маҳмад Фаридун – Сардори раёсати субъектҳои хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ ва қарзҳои давлатии Сарраёсати назорати давлатии молиявии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Воқеан ҳар давлатро таҳдидҳое фаро гирифта метавонад, ки хусусиятҳои дохилӣ ва берунӣ доранд… Ба гурӯҳи таҳдидҳои дохилӣ: экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона, коррупсия, нашъаҷаллобӣ ва дигар зуҳуроти ба ин монанд шомиланд, ки метавонанд амнияти давлат ва ҷомеаи моро халалдор созанд».

Эмомалӣ Раҳмон

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз 9 сентябри соли 1991 дар таърихи халқи тоҷик давраи нави инкишофи давлатдорӣ оғоз гардид. Аз ҳамин давра сар карда, дар ҷомеаи навбунёди давлати тоҷикон равандҳои демократикунонии ҷомеа, ислоҳотҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодиву-иҷтимоӣ, фарҳангиву маънавӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ оғоз меёбанд. Давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба авҷи муқовиматҳои сиёсие, ки баъдтар ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал шуд, рост омад. Бинобар ин, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, бунёди пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ яке аз мақсадҳои олитарин дар солҳои аввали мавҷудияти Тоҷикистони тозаистиқлол ба ҳисоб мерафт.

Таърихи инсоният шаҳодат медиҳад, ки сулҳу ризоияти миллӣ омили бузурги тамаддунсозу созанда буда, барои инкишофи ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, инчунин ҳаёти ҳуқуқӣ заминаи мусоид фароҳам меовард. Таърихи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки рушди ҳаёти ҳуқуқии давлат, аз ҷумла таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рушди қонунгузорӣ, мураттабсозӣ ва татбиқи босамари он дар ҳамон вақт муяссар мегардад, ки агар дар ҷомеа сулҳу ваҳдати миллӣ ҳукмрон бошад ва Конститутсияи худро дошта бошад.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бе шубҳа ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба ҳаёти ҳуқуқии ҷумҳурӣ як падидаи ҳаётбахш буд. Дар ин марҳила ҳаёти ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ рӯ ба инкишоф овард. Дар чаҳорчӯбаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар парлумони касбӣ, ки аз ду палата иборат аст ва яке аз палатаҳои он касбӣ ва доимамалкунанда мебошад, ташкил карда шуд ва ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ вусъати нав бахшид. Яке аз равандҳои

даврони истиқлолият ин ташкили низоми нави қонунгузорӣ, ки ҷавобгӯи талаботи муносибатҳои ҷамъиятии нав мебошанд, баромад мекард. Низомнокии қонунгузорӣ яке аз шартҳои асосии самаранокии он мебошад.

Низоми қонунгузорӣ – ин низоми қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ аст, ки вобаста ба мавзӯи танзим ва эътибори ҳуқуқияшон ба соҳаҳои ҷудогона ва воҳидҳои дигари комплексӣ тақсим шудаанд.

Низоми ҳуқуқ дар даврони истиқлол ва низоми қонунгузорӣ чун шакли ифодаи ҳуқуқ куллан тағйир ёфтанд. Гузариш ба низоми нави сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, яъне иқтисоди бозорӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурияти тағйироти куллиро дар танзими ҳуқукии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён овард. Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ васеъ гардид. Васеъгардидани муносибатҳои иқтисодӣ, тағйир ёфтани низоми сиёсию ҳуқуқии давлат боиси он гардид, ки дар низоми қонунгузорӣ институт ва соҳаҳои анаъанавӣ ташаккул ёфта, инчунин соҳа ва институтҳо нави ҳуқуқ ба вуҷуд омада, соҳаҳои комплексиинқонунгузорӣ, ё воҳиди комплексӣ дар низом қонунгузорӣ ташкил гардиданд. Дар байни онҳоба вуҷуд омадани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия ба ҳисоб меравад.

Ташаккули низоми қонунгузорӣ дар соҳаи назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, маҳз баъд аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ба назар мерасад. Қабули аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (1999), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» (1999) ва даҳҳо дигарҳо маҳз ба ҳамин марҳила рост меоянд. Дар ҳамон замон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қонуни ягона ва мураттабгаштае, ки тавассути он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирӣ ва қатъи коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ, таъмини амнияти миллӣ ва фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ равона шудааст муносибатҳои ҷамъиятиро бевосита ва бонизом ба танзи медарорад, чун санади марказӣ дар соҳаҳои алоҳидаи низоми қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия баромад мекард. Назорати молиявӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти молиявиро фаро гирифта, қисми таркибии идоракунии иқтисодии давлатӣ мебошад. Нақши он аз мусоидат намудани татбиқи сиёсати молиявии давлат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, таъмини ҷараёни ташкилшавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, инчунин ҷараёни такрористеҳсоли васеъ иборат аст.

Аз ҷумла бо мақсади истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 қабул гардид. Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқӣ, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, хизмат дар мақомоти Агентӣ, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст. Дар моддаи 3-и ин қонун чунин вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ, пеш аз ҳама дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат, муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия

дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ва ғайраҳо.

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ назорати молиявӣ барои таъмини истифодаи самараноки захираҳои молиявии ҷомеа ва рушди тамоми бахшҳои иқтисодии мамлакат равона карда шудааст. Раванди назорати молиявӣ тамоми соҳаҳои истеҳсолоти моддиву ғайримодиро дар бар гирифта ба баланд бардоштани ҳавасмандии иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи тамоми захираҳо (моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, боигариҳои табиӣ) ва сарфаи хароҷот ва роҳ надодан ба талафот мусоидт менамояд. Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, мақсади назорати молиявӣ таъмини қонуният ва мувофиқи мақсад будани фаъолияти молиявии мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон такия менамояд. Ба хотир меорем, ки бо мақсади ба низоми ягона овардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №359 «Дар бораи таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манбаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ» қабул гардида дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифагузорӣ шуд, ки мураттабгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, ба он ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ворид намуда, бақайдгирӣва нашри минбаъдаи онҳоро тибқи тартиби муқарраргардида таъмин намояд. Бо ин мақсад низ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар таснифи номбурда ҷой дода шудааст. Бо мақсади амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №359 «Дар бораи таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манбаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ» маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқии «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуд, ки самти афзалиятноки он расонидани маълумоти фаврӣ ба доираи васеъи табақаҳои ҷамъият оиди санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия буда, имконияти ба онҳо дастрас будани маълумоти ҳуқуқии боэътимодро таъмин намояд. Маҷаллаи Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» нашрияи расмӣ эътироф гардид.

Манбаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ ва дастрас будани маълумоти ҳуқуқии боэътимод барои тамоми субъектҳои хоҷагидор имконият медиҳад, ки тамоми санадҳои қонунӣ риоя карда шавад. Зеро қонунвайронкунӣ ва тадбиқи ғайрмақсадноки санадҳои қонунгузорӣ аслан такия ба истисмори иттилои номуаяйн ва ғайришафоф суръат мегирад. Бояд таъкид кард, ки санадҳои қонунӣ ба хотири зери назорат қарор додани алоқаву муносибатҳои чомеа рӯи майдони расмӣ меояд. Пас, муаяйн кардани майдони расмии фаъолият ва паст кардани сатҳи номуайянӣ дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа дар маркази ҳадафу вазифаҳои асосии Агентӣ қарор мегирад. Ин кор бо воситаи риояи меъёри қонуну қоидаҳои муайяни рафтор ва ошкор намудани номуаяйниҳо ва баррасии иттилоҳои шафофу дақиқ ба иҷро мерасад. Иҷрои ин вазифаҳо, яъне сатҳи риояи ниҳодҳои барпошуда, аз назорат алоқаманди дорад. Агар сатҳи амали ин фишангҳои назорати паст ва ё нокифоя аст, пас имконияти васеи суистеъмоли санадҳои қонунӣ, такия ба гумроҳ кардани

муҳит нисбат бо тавсияи воқеиӣ, рӯи кор меояд. Агар, чунин косташавӣ ва ё вайроншави хусусияти оммавӣ мегирад, пас эътимоди мардум ва субъектҳои иқтисод ба қонунҳо ва ниҳодҳои давлатӣ коҳиш меёбад.

Ба шарофати саъю кӯшиши пайваста ва ҳаракатҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар низмои идоракунӣ ба яке аз самтҳои сиёсати доимии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфта, рушди қонунгузории кишвар дар соҳаи назорати молиявӣ нақши сазоворро мебозад. Он баҳри рушди минбаъдаи сиёсати дохиливу хориҷии давлати тозаистиқлоли тоҷикон, интихоби самтҳои дурусти рушди минбаъдаи кишвар, таъмини амнияти дохиливу хориҷӣ ва ниҳоят барои имрӯзу фардои халқу миллат, ҷомеа ва давлатдории тоҷикон заминаҳои ҳуқуқиву сиёсӣ ба вуҷуд овард. Ғояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ки решааш сулҳу осудагӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошад, назар ба ҳуқуқ ва низоми қонунгузории соҳаи назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия давлат рушд кард ва муносибатҳои ҷамъиятиро бештар фаро гирифт.

Барои баланд бардоштани сифати танзимкунии қонунгузории амалкунанда дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бояд якчанд корҳо дорои характери техники-ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сиёсимаъмурӣ ба анҷом расанд, аз ҷумла:

1) Аз байн бурдани мухолифат байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) Саривақт қабул кардани санадҳои зерқонунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия баҳри иҷроиши ҳолатҳои алоҳидаи санадҳои қонунгузорӣ;

3) Бартараф намудани нуқсонҳо ва мухолифатҳо дар қонунгузории амалкунандаи ҶумҳурииТоҷикистон;

4) Ислоҳи нуқсонҳои забони дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи техникаи қонунгузорӣ дар рафти фаъолияти қонунэҷодкунӣ;

5) Мубориза бо коррупсия дар ҳамашакл, аз ҷумла дар шакли протексионизм;

6) Мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон;

7) Таъмини ҳимояи ҳуқуқ, озоди ва манфиати шаҳрвандон дар мақомти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ;

8) Ҷудо ва муайян намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар худи санади қонунгузорӣ;

9) Баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатии дар сатҳи маҳаллӣ, беш аз ҳама дар сатҳи ҷумҳурӣ дар қабули ариза, мурочиат ва шикояти шаҳрвандон ва қабули чораҳои зарурӣ барои таъмини манфиати онҳо;

10) Тартиб додани нақша, барномаи иҷрои қонунҳои алоҳида ва муайян намудани мақомоти давлатӣ баҳри таъмини иҷроиши қонун ва вогузоштани масъулият ба ин мақомот дар риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар таъмини иҷроиши санади қонунгузорӣ.

Ҳамин тариқ, маҳз самараи соҳибистиқлоли буд, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти ташкил намудани низоми нави қонунгузорӣ ба дастовардҳои арзишманд ноил гардид, аз ҷумла дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири инкишофи давлатдории тоҷикон пеш аз ҳама барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, такмил ва мустаҳкамгардонии асосҳои сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияту оромӣ халқи Тоҷикистон аз хатарҳои ҷаҳонӣ ба монанди коррупсия, ҷиноятҳои трансмиллӣ, таъмини иқтисодиёти давлат аз натиҷаҳои манфии бӯҳронӣ иқтисодию молиявӣ ва пандемия бояд равона карда шавад.

Аннотатсия:

Мақолаи мазкур ба масъалаи рушди қонунгузорӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар замони соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Дар мақола нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикисон дар рушди қонунгузории миллӣ дар соҳаи

назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия баҳогузори карда шудааст. Инчунин, қайд карда мешавад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири инкишофи давлатдории тоҷикон пеш аз ҳама барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, такмил ва мустаҳкам гардонии асосҳои сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияту оромӣ халқи Тоҷикистон аз хатарҳои ҷаҳонӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бошад ба асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва бегаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Калидвожаҳо: *коррупсия, назорати молиявӣ, қонунгузорӣ, конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, истиқлолияти давлатӣ, қонунгузории миллӣ, рушди қоннугузорӣ.*

Адабиёт

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АМОҶТ, с.2008, №3, мод.193; с.2009, №5, мод.323; с.2010, №3, мод.154; с.2011, №6, мод.459, с.2013, №7, мод.517; с.2014,№11,- мод.645; с.2016, №3, мод.137).

2. Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008.– №1.– С.25.

3. Ҳаёт ва қонун (маҷаллаи назариявӣ ва сийсию ҳуқуқӣ). Нашрияи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, 2014.– №3.– С.48.

4. Мирсаидов А.Б., Хасанов Ш.К., Коррупция в системе административной ренты // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.– 2015.– №2–6(175).– С.110–115.

ИСТИҚЛОЛИЯТ – МАРҲИЛАИ НАВИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Аламшозода Фозил – Сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ, адолати судӣ ва хизматчиёни ҳарбии Агентӣ

Рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 аввалин маротиба рузи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шуд. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, разму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фархангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати вокеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, баҳои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари сохибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту шаш сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст. Дар паҳнои замонҳо миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгиришро нигоҳ доштааст. Ба ҳамагон маълум, ки ниёгони мо бо талқини афкори пуразиши **«Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»** беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардааст.

Бешак, маҳз чунин тамаддуни пешрафта, суннату оинҳои дорои манбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ Синову Носири Хисрав, Умари Хайёму Имом Газзолӣ, Шайх Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Хоҷа Камолу Мавлоно Ҷомӣ, Сайидою Бедил барин садҳо нобиғаҳои илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

Ҳодисаву воқеаҳои пурошӯби ибтидои солҳои навадум водор намуд, ки оид ба масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳдоштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он андеша кунем, ки ин ҳама як қисми таркибии сиёсати давлатии мо маҳсуб мешуд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби ноҳияи Б. Ғафуров Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсиятеро бароварда, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем. Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: ***«Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад»***.

Акнун – пас аз гузаштани солҳо ва баст овардани баъзе комёбиҳои муҳим метавонем чунин хулоса кунем: ***«Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона моро водор сохт, роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушоем»***.

Дар ин маврид шахсиятҳои барҷастаи арсаи сиёсат доир ба фидокориҳои роҳбари давлати тоҷик ибрози ақида намудаанд. Аз ҷумла, Президенти Федератсия Руссия Владимир Путин чунин ибрози андеша намудааст: **«Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оиди ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар»**.

Душвортарин муаммои мо дар зарфи бист шаш сол ин масъалаи истиқлолияти энергетикӣ буд, ки баъди ба низом даровардани сохторҳои ҳокимият роҳбари давлат ҳамарӯза бо он машғул мешуд. Албатта, раванди бонизоми пешрафти иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити имрӯза асосан аз истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва вусъат пайдо кардани роҳсозӣ вобастагии амиқ дорад.

Бинобар ин нахустин иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ оғоз бахшидан ба сохтмони нақби Анзоб буд. Сарвари давлат дар ин кор ибтидои ҳама бунёдкориҳои роҳсозию коммуникатсияро дида, даричаи наҷотро низ дар он дарёфта буд. Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошанд, бо сохтмони нерӯгоҳҳои хурду калони барқи обӣ, хатҳои интиқоли қувваи барқ, туннелҳо, шоҳроҳҳову пулҳои байналмилалии мошингард ва даҳҳо иншооти азими инфраструктураи иҷтимоӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шуданд.

Доир ба раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ як силсила тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда, сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе–Хоруғ–Мурғоб, Душанбе–Рашт–Саритош, нақбҳои автомобилгарди Истиқлол, Шаҳристон, Шоҳроҳи Душанбе–Хуҷанд–Чанақ, нақби Шаршар ва ғайрабаистифода дода шуданд. Баъди истифодаи роҳҳои бузурги байниминтақавӣ имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир гардад ва дар ин замина вазъи равуо ва боркашонӣ ба манотиқи гуногуни кишвар сад дар сад беҳтар шавад.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳони муосир дорад, таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувват гирифта истодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардонидааст.

Зикр бояд кард, ки дар даврони Истиқлолият давлати ҷавони тоҷикон дар байни мамолики аҳолияш мусалмон ва умуман ҷомеаи ҷаҳони муосир мавқеъ ва манзалати хос пайдо намуд. Суханрониҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои бузурги байналхалқии давлатҳои аъзои Конфронси исломӣ, ҷонибдории шахсии сарвари давлати мо аз покизагии дини мубини ислом ва зарбаи сахт задани ӯ ба даъвогарони ҳамбастагии дини ислом бо терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мамолики гуногуни олами ислом аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи давлатҳои озоду ободест, ки дар он баробари расму оини миллию мардумӣ анъанаҳо ва маросимҳои динӣ риоя мегарданд.

Дар ҷараёни татбиқи ин ҳадаф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар фосилаи на чандон тӯлонӣ арзишҳои демократӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги давлатдории навин пазируфта шуданд ва онҳо ба таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои он, инчунин ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидати фаъол намуданд.

Мақсади асосии низоми демократӣ дар ҷомеаи мо, пеш аз ҳама таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, фароҳам овардани шароит барои меҳнат ва зиндагии осуда, волоияти қонун, пойдории адолат ва иштироки фаъоли мардум дар идоракунии давлат мебошад, ки ба анъанаву суннатҳои давлатдории миллӣ, арзишҳои ахлоқиву фарҳангии миллат ва дастовардҳои тамаддуни башарӣ такя мекунанд.

Таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсиия Ҷумҳурии Тоҷикистон низ идомаи мантиқии созандагиҳои иистиқлолияти давлатӣ мебошад.

Мубориза бо коррупсия иродаи қатъии роҳбарияти сиёсии мамлакат бо мақсади расидан ба тавофуқи байни ҳамаи қуввахои солимфикри ҷамъият, вусъати ботадриҷ ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати мубориза бо коррупсия мебошад, ки аз маҷмӯи чорахои ҳаматарафа ва пешгирикунанда дар таъмини ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати созандагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мақомоти ҳокимият ва махсусан Президенти мамлакат барои мубориза бо коррупсия чорахои зарурӣ андешиданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ)» ба давраи сифатан нави мубориза бо коррупсия ибтидо гузошт.

Дар ин давра қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи хусусигардонӣ», «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа», кодексҳои гумрук, андоз, меҳнат, граждани ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд. Инчунин чорахои таъмини шаффофият ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ қабул гардид ва ӯҳдадории ҳар як хизматчии давлатӣ барои пешниҳоди эъломия дар бораи даромад ва амвол муқаррар карда шуд. Кодекси одо-

би хизматчии давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Дар соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид ва меъёрҳои он ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд. 25 сентябри соли 2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳидро бар зидди коррупсия ба имзо расонид.

Дар охири соли 2006 ислоҳоти мақомоти идораи давлатӣ баргузор гардид. Дар доираи ин ислоҳот миқдори вазорату идораҳо кам карда шуданд. Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони тиҷорат ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бартараф намудани такрори вазифа ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ барои муқобилият бо коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки вазифаҳои асосии он аз пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин гузаронидани назорати давлатии молиявӣ иборат мебошад.

Тавассути ислоҳот ба давраи нав ва васеи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо гузошта шуд.

Дар ин замина «Стратегияи муқовимат ба коррупсяи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1504 аз 30 августи соли 2013 қабул карда шуд.

Таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир, ошкор ва бартараф кардани коррупсия, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ нигаронида шудаанд. Ҳамзамон ба татбиқи чораҳои пешгирикунанда диққати махсус дода мешавад, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии аҳолӣ дар мубориза бо коррупсия, фароҳам овардани фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба коррупсия ва бартараф сохтани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи он равона гардидааст.

Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо коррупсия пеш аз ҳама бо он асос меёбад, ки чораҳои зиддикоррупсионӣ дар шакли механизми махсус таҳиягардидаи маҳдудиятҳо ба фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти давлатӣ ҳамгирой карда шуда, аз тарафи онҳо мунтазам анҷом дода мешавад.

Бояд хотирнишон сохт, ки коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддӣ ва мунтазам, муносибати махсус, муқобилияти комплексӣ ва оперативиро талаб менамояд. Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлати демократӣ таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозии саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад.

Қобили таъкид аст, ки созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ, ба чунин хулоса омадаанд, ки коррупсия боиси боло рафтани сатҳи камбизоатӣ гашта, ҳамзамон дар роҳи тараққиёти давлатҳо монеаи ҷиддии олам шудааст.

Иқтисодшиносону сиёсатшиносон низ бар он ақидаанд, ки маҳз коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушду такомули демократия таъсири амику фалокатовар мезанад.

Ба ғайр аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба ноамнӣ, риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина мегузорад, ба пояи ахлоқ лакнат мезанад ва рӯҳияи фасодпаристиро дар байни мардум ба вуҷуд меоварад.

Коррупсия ба ҳар як бахш ва сатҳи ҳокимият, аз зинаҳои болой сар карда, то зинаҳои поёнии ҳокимияти иҷроия, қонунбарор, судӣ, аз марказ то сохторҳои минтақавӣ ва маҳал-

лӣ, бахусус ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад.

Коррупсия, пеш аз ҳама, эътибори давлат ва ҳокимиятро дар назди ҷомеа коҳиш дода, боиси зарари зиёди иқтисодӣ ва пастшавии нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад, ва бо ҳамин роҳ ба амнияти давлату суботи ҷамъиятӣ таҳдиди ҷиддиро ба миён меоварад. Гузашта аз ин, раванди демократикунонии ҷомеа дар рубаруи коррупсия дар ҳолати осебпазирӣ қарор мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир вобаста ба масоили коррупсия чун падидаи номатлуби ҷомеаи муосир, ки аъзоёни солим ва қувваҳои пешқадами ҷамъиятро ба ташвиш овардааст, ва дар асоси амалияи мақомоти идоракунии давлатӣ, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тадқиқотҳои илмӣ, дар ҳол ба як низоми мониторинг, яъне таҳлили донишҳо ва таҷрибаи муборизаи шадид бо коррупсия ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ табдил ёфтааст.

Ин равандро ҳамчун раванди илмӣ бо дарназардошти дар кишварҳои пешқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки тараққиёти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии худро бо ташаккули низоми устувори мукаммали муқовимат бо коррупсия вобаста менамоянд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул намудаанд.

Аз ин лиҳоз дар Тоҷикистон солҳои охир тадқиқотҳо дар ин самт баробари сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи давлат оид ба муқовимати зидди коррупсия гузаронида шудаанд.

Дар таҷрибаи мавҷудаи мубориза бо коррупсия айни ҳол маълум гаштааст, ки зарари коррупсия асосан тавассути содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, аз қабили сӯйистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тасарруфи амволи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, қаллобӣ бо истифодаи вазъи хизматӣ, порахурӣ ва сохтакории хизматӣ расонида мешавад.

Инчунин бо содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гуногуни хусусияти интизомӣ дошта, ки бо қонуни мубориза бо коррупсия пешбинӣ гардидаанд, монади хешутаборчигӣ, инчунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд ба раванди дуруст ва рушду инкишофи ҷомеаи зарарӣ ҷиддӣ, калон ва махсусан калон расонида мешавад.

Инчунин бе сабаб нест, ки дар сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ содда гардонидани проседураҳои маъмурӣ пешбинӣ гардидааст. Азбаски чӣ қадар монеъаҳо барои таъмини талаботҳои маишию дигари шахсии одамон зиёд ва девори онҳо баландтар шавад, ҳамин қадар онҳо кӯшиш менамоянд, ки онҳоро бо роҳи осон табдил диҳанд ва ба мақсади худ расанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои гуногун барои пешгирии коррупсия, ки худ масъалаи нав мебошад, аз ҷумла чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, граждани-ҳуқуқӣ ва дигар воситаҳои ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд.

Инчунин усулҳои васеъи пешгирсозанда, воситаҳои маънавию ахлоқии тарбия, ислоҳоти мактаб имрӯз мавриди омӯзиш ва амалисозии минбаъда қарор доранд.

Дар қатори ҳамаи он чорабиниҳое, ки барои мубориза бар зидди корупсия пешбинӣ шудаанд, пеш аз ҳама чораҳое, ки баҳри пешгирии коррупсия ва ошкору аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба коррупсия муосидаткунанда равона шудаанд, роли басо муҳим мебозанд. Зеро , то мо сарчашмаи пайдоиши ин ё он зиён, ё падидаи номатлубро ошкор накунем ва дар давраи аввали пайдоишаш сари роҳи онро нагирем ва чораҳои мушаххас бахри пешгирӣ ва паҳншавии он андешида амалӣ накунем, баъди паҳну парешон шудани он мушкилиҳои зиёде дар ин самт садди роҳи мо мешаванд.

Таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир, ошкор ва бартараф кардани коррупсия, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ нигаронида шудаанд, мавқеи ҳалкунанда доранд. Ҳамзамон ба татбиқи чораҳои пешгирикунанда диққати махсус дода мешавад, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии аҳолӣ дар мубориза бо коррупсия, фароҳам овардани фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба коррупсия ва

бартараф сохтани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи он равона гардидааст.

Вазифаҳои асосии пешгирии коррупсия аз таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз коррупсия; амалӣ сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ; муносибсозии шакл, усул ва воситаҳои муқобилият бо коррупсия; васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия; ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; тавсеъ ва фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат мебошад.

Проблемаи коррупсия аз он иборат аст, ки ҳангоми он ба сохтори идоракунии давлатӣ, хоҷагии халқ, соҳаи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба тамоми ҷамъият зарари ниҳоят калон расонида мешавад. Вазъи воқеии коррупсия – ин як навъи таваҷҷӯҳ ба нуқсон дар кори механизми идоракунии мавҷуда дар шакли истифодаи нуқсонҳои он, ба таври ғаразнок таҳриф ё иваз намудани механизмҳои идоракунии барои ҷамъият ва давлат зарурӣ бо шакли коррупсионии он мебошад.

Маҳдуд сохтани коррупсия бояд ба таври маҷмӯӣ ва ҳаматарафа сурат гирад ва азбаски сиёсати зиддикоррупсионӣ метавонад дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият ба зиддият рӯ ба рӯ шавад, тақозо мегардад, ки чораҳои мубориза бо коррупсия бояд ҳамеша таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирад, то ки чораҳои каммаҳсул ошкор ва аз онҳо даст кашида шуда, ба чораҳои таъсирбахш иваз карда шаванд.

Таҳлил нишон дод, ки таҷрибаи коррупсионӣ гуногуншакл мебошад. Коррупсия дар тамоми шаклҳояш бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор инъикос ёбад.

ИСЛОҲОТИ (РЕФОРМАИ) ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ САМАРАНОКИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

Абдулманонзода Абдулмумин Абдулманон – муовини сардори Раёсати таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани адлия

Коррупсия ҳамчун падидаи номатлуб обрӯю манзалати давлатҳоро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш дода, аз рӯи таҷрибаи давлатҳое, ки дар коҳиш додани сатҳи коррупсия муваффақ гардидаанд, коршиносон хулоса кардаанд, ки яке аз роҳҳои паст кардани шиддати коррупсия ин гузаронидани ислоҳоти зиддикоррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Реформа ё худ «Reformo» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои тағирёбии қоидаҳои бозиро дар соҳаи ҳаёти инсон, ки ба асосҳои функсионалӣ таъсир намерасонад ё тағйироте, ки қонун ҷорӣ кардааст, аз ҷумла раванди тағйироти давлатии аз ҷониби мақомот аз рӯи зарурат оғозшударо дорад.

Истилоҳи «Реформа» имрӯз дар забони тоҷикӣ бо мафҳуми «Ислоҳот» маъмул аст. Ҳамзамон «Ислоҳот» метавонад ҳамчун тағйирёбии шакл, тағйирёбии мундариҷа ё моҳияти чизе тафсир гардад.

Ҳадафи ниҳоии ҳама гуна ислоҳот бояд танҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии мардум дар ҳамаи соҳаҳо равона карда шавад. Воқеан ислоҳот метавонад, ки дар механизми фаъолият тағйироти назаррасро пешбинӣ намояд ва аз натиҷаи он мумкин аст, ки натиҷаҳои куллан нав ба даст оварда шаванд. Аз рӯи ин хусусиятҳо гузаронидани ислоҳоти зиддикоррупсиониро низ метавон ҳамчун яке аз роҳҳои пешгирии коррупсия маҳсуб донист.

Таҷрибаи давлатҳои Сингапур, Гурҷистон ва Зеландияи нав, ки дар самти муқовимат ба коррупсия ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, сабабҳои коҳиш ёфтани сатҳи коррупсиро дар кишварҳои худ дар баргузор намудани ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ медонанд.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои мазкур ва дигар кишварҳои дар ин ҷода қисман дастёфта нишон медиҳад, ки муқовимат ба ин падидаи номатлуб ду хусусияти муҳим дорад. Яъне сараввал бояд муқовимат дастаҷамъона бошад ва дуюм он бояд якборагӣ ва дар маҷмӯъ дар тамоми сатҳ шурӯъ гардад.

Ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ ҷиҳати дар сатҳи миллӣ пеш бурдани муқовимати воқеии дастаҷамъона, маҷмӯӣ ва якборагӣ хусусияти ҳатмигӣ дорад, зеро бидуни барномаи муайяни давлатӣ, ки он бояд фарогири тамоми сатҳҳо бошад, ноил гардидан ба натиҷаҳои чашмдошт манфиати комил дода наметавонад.

Ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ нақшаи мукаммал, ҷадвалҳо ва албатта маблағгузориро талаб мекунад, ки дар баъзе кишварҳои ИДМ барои комилии ислоҳот ҷал-

би сармоягузории хориҷӣ, дастгирии ташкилотҳои байналмилалии дар самти муқовимат ба коррупсия манфиатдор, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ, ОБСЕ, САҲА ва ғайраҳо зарур аст, зеро ислоҳот дар ин самт маблағгузориро талаб мекунад.

Ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ барои аз ду то се сол ба нақша гирифта шуда, гузаронидани чанд чорабиниҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла:

– ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар хизмати давлатӣ аз ҳисоби хизматчиёни олии истеъдоддор;

– дар байни аҳолӣ ва хизматчиёни давлатӣ мунтазам гузаронидани тарғиботу ташвиқоти зиддикоррупсионӣ ҷиҳати куллан тағйир додани мафкураи зиддикоррупсионии онҳо;

– дар давраи аз 3 то 5 сол чанд маротиба баланд бардоштани музди маоши хизматчиёни давлатӣ;

– бо мақсади тарбияи дурусти кардрҳо мунтазам гузаронидани тарғиботу ташвиқоти зиддикоррупсионӣ ва омӯзонидани роҳҳои муқовимат намудан ба коррупсия;

– бо мақсади рафъи бархӯрди манфиатҳо бартараф намудани хизмати якҷояи хешовандони наздик дар хизмати давлатӣ;

– ба хизматчиёни давлатӣ ройгон додани имтиёзҳои иловагӣ, аз ҷумла таъминоти иҷтимоии худ ва аъзои оилаи онҳо;

– дар сурати аз тарафи хизматчии давлатӣ даст задан ба ҳолатҳои коррупсионӣ аз тамоми имтиёзҳо маҳрум кардани хизматчии давлатӣ;

– аз ҷониби сохторҳои болоии ҳукуматӣ ва худи мақомоти ба коррупсия бевосита муборизабаранда ба роҳ мондани муқовимати воқеии софдилона ва оқилона ба коррупсия;

– ташкили низоми электронии хизматрасониҳо ва мутамарказонии онҳо;

– ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони порадиҳанда ва пешниҳоди маводҳои таблиғотӣ, аз ҷумла видеороликҳо нисбати порагирон ва порадиҳандагон;

– аз байн бурдани хизматрасонии пулакӣ дар системаи тандурустӣ ва ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ дар асоси суғуртаи ҳатмии давлатии тиббӣ;

– муборизаи алайҳи бекорӣ, ҷалби фаъолонаи мутахассисон ва пешгирӣ намудани ба хориҷа рафтани мутахассисони соҳавӣ;

– аз байн бурдани худмаблағгузории соҳаҳое, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, миёнаравии байни давлату ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷети давлат;

– баланд бардоштани обрӯю манзалати кормандони соҳаи хизмати давлатӣ;

– мунтазам гузаронидани санҷишҳо ва таҳлилҳо барои муайян намудани вазъи татбиқи ислоҳот бо мақсади бартараф кардани камбудиҳои дар раванди он бавуҷудомада.

Тавре дар боло ишора рафт, ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти зиддикорупсионӣ ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати омӯхтани таҷриба ва ҷалби сармоя аҳамияти калон доранд. Таҷрибаи ташкилотҳои хориҷӣ аз қабилӣ Бонки ҷаҳонӣ, ОБСЕ, САҲА ва ғайраҳо нишон медиҳанд, ки онҳо ҷиҳати коҳиш додани шиддати коррупсия низ маблағгузорӣ кардаанд.

Амалигардонии ислоҳоти зиддикоррупсионӣ ва минбаъд назорати қатъии мунтазами татбиқи он на танҳо мушкилоти вазъи коррупсия, балки пешрафти ҷомеаро дар тамоми самтҳо, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ таъмин намуда, нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад.

Ҷиҳати коҳиш додани сатҳи коррупсия амалисозии ҳамаи чорабиниҳои дар боло зикршуда, ки хароҷоти маблағи буҷети давлатиро талаб намекунанд, имкон дорад, вале ҷиҳати роҳандозии чорабаниҳое, ки барои татбиқи онҳо маблағ зарурат дорад, бояд роҳҳои ҷалби сармоя дарёфт карда шавад.

СИЁСАТИ КАДРИИ МАҚОМОТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Камолзода Фируз Анваралӣ – Сардори раёсати кадрҳои Агентии назорати давлатии молияӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобили қайд аст, ки маҷмӯи қоидаю меъёрҳо, ҳадафҳо ва мафҳумҳое, ки самт ва мундариҷаи кор бо кадрҳоро муайян мекунанд, сиёсати кадрӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он мақсад ва вазифаҳои идоракунии кадрҳо татбиқ карда мешаванд.

Чӣ тавре ки аввалин Канслери Империяи Олмон Отто фон Бисмарк қайд намудааст, ки «Бо қонунҳои номукаммал ва кадрҳои хуб метавон давлатро идора намуд, вале бо кадрҳои белаёқату ноқобил ҳатто беҳтарин қонунҳо кумак нахоҳанд кард».

Мақсади асосии сиёсати кадрҳо ташкили системаи идоракунии кадрҳо мебошад, ки асосан на ба усулҳои маъмурӣ, балки ба ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ асос ёфта, ба ҳамбастагии манфиатҳои корманд ва корхона, ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас, баланд бардоштани самаранокии фаъолият равона гардидааст.

Дар ин радиф, метавон аз ибораи маъруфи **Иосиф Виссарионович Сталин** «Инсон – пуразиштарин сармоя аст. Кадрҳо ҳама чизро ҳал мекунанд.» ёдоварӣ кард.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба тарбия ва интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо аҳамияти махсус дода, омода намудани онҳоро дар рӯҳияи поквиҷдонӣ, садоқат ба Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

Дар ин асно, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ҷиҳати тавассути озмун ба роҳ мондани интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, ҳамчунин тоза кардани сафи мақомот аз шахсони тасодуфӣ, риояи қатъии Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва татбиқи усулҳои муассири назорати дохилӣ ба вазорату идораҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, мақомот муддати қариб 15 сол муташаккилона фаъолият намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст. Саҳми Агентӣ дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлату Ҳукумати мамлакат хеле муҳим буда, нақши он дар таъмини амнияти иқтисодии давлат басо назаррас маънидод мегардад.

Хадамоти кадрии мақомот маркази асосӣ ва пешбарандаи интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти мутахассисон дар воҳидҳои сохтории Агентӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқи сиёсати давлатии тайёр кардани кадрҳо, иҷроиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба интихоби номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ бо роҳи муайян намудани дараҷаи мутобиқат ба талаботи тахассусӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ ҳамчун сохтори таркибии Агентӣ фаъолият намуда, таъмини устувор ва босифати кадрҳоро дар мақомот амалӣ месозад.

Бо татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар самти кор бо кадрҳо, аз ҷумла озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ садҳо кадрҳои соҳибтаҷриба, инчунин ҷавонони лаёқатманд дар мақомоти Агентӣ ба кор қабул карда шудаанд.

Зимни баргузории озмун, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии ҷавонон ва қабули занону духтарон ба хизмати давлатӣ диққати махсус дода мешавад. Натиҷаи ин аст, ки айни замон қариб 30 фоизи ҳайати шахсии Агентиро кормандони ҷавони то 30-сола ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандон 22 нафар занону духтарон мебошанд.

Аз замони таъсисёбии Агентӣ то ба имрӯз дар самти омода намудани мутахассисони болаёқати самти назорати давлатии молиявӣ ва соҳаи ҳифзи ҳуқуқ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки бевосита барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ, одоби касбӣ ва сифатҳои шахсии мутахассисон равона гардидаанд. Аз ҷумла, Дастур дар бораи самтҳои асосии кор бо кадрҳо, Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби хизматию ғайрихизматӣ ва муқовимат ба коррупсия дар мақомоти Агентӣ, Низомнома дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон ва Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба аттестатсияи кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи «Лавҳаи фахрӣ»-и Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дастурамал оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи ин санадҳо мебошанд.

Ҳамчунин, ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», банди 48 Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва Низомнома оид ба аттестатсияи кормандони Агентӣ, бо мақсади муайян намудани мутобиқати корманд ба мансаби ишғолкарда дар 5 сол як маротиба аттестатсия гузаронида мешавад, ки ин бевосита ба мукаммал намудани савияи донишу малакаи касбии кормандон, беҳтар намудани самаранокии фаъолияти корӣ ва болоравии касбии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Бо тариқи гузаронидани аттестатсия, бо тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ як қатор кормандон ба захираи кадрҳо дохил карда шуда, ба мансабҳои балантар таъин гардидаанд, қисми дигари кормандон барои пеш аз муҳлат додани рутбаи махсуси (тахассусии) навбатӣ ва аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи махсус (тахассусӣ) тавсия дода шуданд.

Такмили ихтисоси кормандон яке аз самтҳои афзалиятноки хадамоти кадрии Агентӣ ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва маҳорати касбии ҳайати шахсӣ мунтазам чорабиниҳо анҷом дода мешаванд.

Дар ин раванд Агентӣ ҳамкориҳоро бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсионии Ҷумҳурии Қазоқистон ба роҳ монда, дар асоси шартнома ва созишномаҳои тарафайн чандин нафар кормандони мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубори-

за бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба курсҳои яксолаи магистратура сафарбар гардида, баъди анҷоми таҳсил дар мақомоти Агентӣ фаъолияти худро идома дода истодаанд.

Дар баробари ин, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои ҷавону лаёқатманд ва мутахассисиони касбӣ дар асоси Созишномаи байни Агентии мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсионии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ятимону бепарасторон ва хатмкардагони мактаб-интернатҳои ҷумҳурӣ солҳои 2011, 2012, 2013 ва 2014 ҳамасола панҷ нафарӣ (ҷамъ 20 нафар) ба Академияи полиси молиявии Ҷумҳурии Қазоқистон фиристонида шуда, баъд аз хатми он дар Агентӣ ба кор қабул карда шуданд.

Ҳамчунин, бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат, ки аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ таҳсил намудаанд, як нафар дар мақомоти Агентӣ ба кор қабул карда шудааст ва қабули дигар нафар хатмкардагон ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки меҳнати софдилонаю бенуқсони кормандон, фаъолияти пурсамару иҷрои намунавори вазифаҳои хизматии онҳо ҳамеша дар мадди назари Роҳбарияти Агентӣ қарор дошта, барои хизматҳои шоён дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, расидан ба натиҷаҳои баланди хизматӣ дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва нишон додани далерию шуҷоат зимни иҷрои вазифаҳои давлатӣ 52 нафар кормандони мақомоти Агентӣ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд. Аз ҷумла, 30 нафар бо медали «Хизмати шоиста», 15 нафар бо «Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 3 нафар бо медали «Ҷасорат», 1 нафарӣ бо орденҳои «Смитамен», «Шараф», «Шараф дараҷаи 2» ва 1 нафар бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» мукофотонида шудаанд.

Дар давраи фаъолият бо афзун гардидани шумораи довталабон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пайдо шудани рақобати солим дар интихоби кадрҳо мақому манзалати мақомоти Агентӣ баланд гардид.

Ба дастоварду пешравӣ ва имкониятҳои мавҷудаи мақомот аз давраи таъсисёбии он то ба имрӯз назар андохта, бо ифтихору сарфарозӣ метавон гуфт, ки дурнамои интихоб ва тарбияи кадрҳои мақомот умедбахш буда, кормандони содиқи он дар атрофи сиёсати дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, бо дастовардҳои боз ҳам бештар барои татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Итминон дорем, ки хадамоти кадрии Агентии назорати давлатии молиявва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ дар ҷодаи омодасозии кадрҳои баландихтисоси самти назорати давлатии молиявӣ, соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини воҳидҳои сохтории Агентӣ бо кадрҳои соҳибмаълумоту иродаи қавидошта, лаёқатманду бомасъулият, уҳдабарою ташаббускор сидқан талош карда, барои пешрафти Ватани азизамон хизмати шоиста ба анҷом мерасонанд.

«ИСТИҚЛОЛИЯТ – МУҚАДДАСТАРИН НЕЪМАТИ ДУНЁ, РУКНИ АСОСИИ ДАВЛАТИ ОЗОД, РАМЗИ ШАРАФУ НОМУСИ ВАТАНДОРӢ»

Ашурзода Ҷомӣ Алишер – Муовини сардори Раёсати тафтишотии Агентӣ, майори адлия

Сӣ сол муқаддам дар диёри бостонии мо руйдоди таърихие ба вуқӯъ пайваст, ки он дар тақдири мардуми сарзамини кӯҳанбунёди тоҷик навгонии куллӣ ба вуҷуд овард.

Аз таърихи пурифтихори халқамон хуб медонем, ки андешаи истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, талоши расидан ба ҳадафи давлатдории мустақили миллӣ ва орзуву ормони озодандешӣ дар зеҳни фарзандони некному хирадманди миллати истиқлолхоҳи мо тӯли садсолаҳо зинда буд.

Волотарин дастоварди миллати тоҷик – соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст, ки бо қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 амалӣ гардид.

Санаи 9 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон боз як давлати ҷавон – Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибихтиёр арзи вуҷуд намуд ва ин рӯйдоди таърихӣ оғози марҳилаи нави тоза дар ҳаёти миллати тоҷик гардид.

Бо ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон роҳи рушди худро бо эҳтироми бузург ба арзишҳои тамаддуни пешрафтаи инсоният ба сӯйи оянда, ба хотири бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва эҷоди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ интихоб кард.

Мутаассифона, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии хеш давлати ҷавону тозабунёди тоҷикон ба маркази талошу кашмакашиҳои сиёсӣ ва даргириҳои хунин табдил ёфт.

Қувваҳои бадхоҳи сиёсиву ашхоси алоҳидаи манфиатҷӯ пайдо шуданд, ки ҳадафҳои ғаразноки хешро аз манфиатҳои давлату ҷомеа болотар гузошта, Ватани маҳбуб ва ҳамдиёрони хешро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд.

Ҳисси носолими маҳалгароӣ тухми кинаву адоватро байни мардум пошида, ба парокандагии миллат сабаб гардид. Ҷумҳурӣ ба вартаи касоди иқтисодӣ ва сиёсӣ гирифтор шуд. Рушду инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бозистода шуданд. Сатҳи зиндаги поин рафта, боиси коста гардидани ахлоқи ҷомеа гардид.

Бар асари ҷангу ҷидол ва задухӯрдҳои бемаънӣ ба ҳамаи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат хисороти зиёде расонида шуд.

Ҳазорон манзилҳои зисти сокинони мамлакат, ташкилот, корхонаву муассиса ва иншоотҳои фарҳангӣ, маданиву маишӣ ва маорифу тандурустӣ харобу валангор ва талаву тороҷ гардида, муддате дар мамлакат бенизомию беҳокимиятӣ ҳукмфармо гашт.

16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостони Иҷлосияи 16-уми тақдирсоз баргузор ва марди шарифу ватандӯст – Эмомалӣ

Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Ин рӯйдоди фараҳбахши сиёсӣ, шӯълаи умедро ба оянда дар дили ҳар як фарди тоҷику тоҷикистонӣ бедор кард.

Пас аз ба даст даровардани истиқлолият аз сабаби ба кишвари харобазор табдил ёфтани Тоҷикистон таҳти роҳбарии ин марди шариф фавран ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ ва базаи ҳуқуқии ислоҳоти мазкур коркард гардид.

Қабули қонунҳо оид ба моликият, кооперативҳо, соҳибкорӣ, дар бораи андози даромад, буҷети давлатӣ, пардохти истифодаи замин яке аз иқдомҳои аввалини роҳбари оқилу дурбин буданд.

Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомали Раҳмон тӯли қариб 30 соли соҳибистиқлолӣ дар мамлакат корҳои бунёдкориву созандагӣ ривоҷу равнақ ёфтанд.

Сохтмон ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани даҳҳо шоҳроҳу нақбҳо ва роҳҳои оҳан, нерӯгоҳҳои обӣ-барқӣ ва хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи барқ, ҳазорҳо иншоотҳои ҳаётан муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, маориф, тандурустӣ – дастовардҳои бузургу тақдирсози даврони Истиқлол ба шумор мераванд.

Бо баробари тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт ва ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба Тоҷикистони соҳибистиқлол мушарраф гардид, ки қонунҳои амалкунандаро ба пуррагӣ аз нав қабул ва ба сохти Конститутсионӣ-демократӣ мутобиқ сохта, барои мустаҳкам намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба Конститутсияи хеш тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид намояд.

Натиҷаи сиёсати хирадмандона, фаъолияти пурсамар ва талошу заҳматҳои Ҳукумати Тоҷикистон таҳти сарварии роҳбари оқилу доно, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон буд, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазъи ниҳоят душвору ташвишовари ҷанги шаҳрвандӣ ва бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ раҳоӣ ёфта, сулҳу субот, некуаҳволӣ ва рӯзгори ободу осоиштаро барои аҳолии мамлакат таъмин намояд.

Хидматҳои фарзандони фарзонаи миллат, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлати навини тоҷикон басо арзанда аст. Худованд ба ӯ нерӯю тавоне бахшид, ки барои миллат хидматҳою корнамоиҳои Исмоили Сомониро ба сомон расонад.

Аз баракоти Истиқлолияти давлатӣ кишвари соҳибихтиёри мо пайгирона то ба зинаи давлатдории муосир расид ва имрӯзҳо бо қадамҳои устувор сӯи марҳилаи тозаи инкишофи хеш ва таҳкиму тақвияти аркони давлатдории мустақил, беҳтар намудани сатҳи зиндагии сокинонаш пеш меравад.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистони ҷавону соҳибистиқлоли моро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф ва ба мақоми он арҷ мегузорад, ташаббусҳои созандаашро ба хотири ҳаллу фасли масоилу мушкилоти гуногуни сайёра дастгирӣ менамояд. Ин таҷрибаест, ки онро ҷаҳони муосир эътироф ва мавриди аҳсани аҳли башар қарор додааст.

Қобили қайд аст, ки баробари кулли мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ташкил карда шуда, марҳила ба марҳила аз санҷишҳои басо вазнин гузашта, ба камолот расида истодааст.

Маҳз дар солҳои аввал бо мақсади иҷрои 4-ҳадафи стратегӣ, ки дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд, кормандони мақомоти Агентӣ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, садоқат ба савганд ва қарзи хизматӣ, баҳри таъмини сулҳу субот, волоияти қонун, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пешгирӣ ва рафъи ҷиноятқорӣ пайваста кӯшиш ба харҷ доданд. Ногуфта намонад, ки коррупсия яке аз масъалаҳои мушкили замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкишофи давлатҳо мегардад.

Замони истиқлолият шароит фароҳам овард, ки 17 декабри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар вазъияти тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони мақомоти Агентӣ фаъолияти мақомотро ҳамчун намунаи ибрат барои сохторҳои дигар арзёбӣ ва таъкид намуда буданд.

Ин қадрдонӣ ва баҳои баланди роҳбари давлат боиси боз ҳам афзудани ҳисси ифтихори касбии ҳайати шахсии мақомоти Агентӣ ва руҳбаландии он барои иҷрои боэътимоди вазифаҳои хизматӣ дар назди халқ ва Ватани маҳбубамон гардидааст.

Аз файзу шарофати созандаи даврони Истиқлолият мақомоти Агентӣ дар маҳалҳо низ бархурдор аст.

То ба имрӯз бунёд, таъмиру азнавсозӣ ва мавриди истифода қарор ёфтани маҷмӯи бино ва иншоотҳои маъмурӣ, бо техникаву таҷҳизотҳои муосир ва шароити беҳтарини хизматӣ таъмин гардидани онҳо – далели ин гуфтаҳост.

Вақте, ки сухан дар бораи нақши сарнавиштсози Истиқлолият дар ҳаёти ҷомеа ва давлат меравад, мо бояд саъю кӯшиш ва талошу заҳматҳои 30-солаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакатро бобати паси сар намудани мушкилиҳои пешомада, сарҷамъу муттаҳид сохтани миллат, таҳкими сулҳу субот ва ноил гардидан ба Ваҳдати миллӣ, ободии имрӯзу фардои дурахшони кишвари маҳбубамон ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур насозем.

Истиқлолияти давлатӣ моро водор месозад, ки барои таъмини устувории пойдевори аркони давлатдорӣ тамоми сайъу кӯшиши худро равона сохта, арзишҳои умумимиллии даврони истиқлолро ҳифз ва баҳри пешгирии таҳдиду хатарҳои нави глобалӣ аз қабили терроризм, экстремизм, ифротгароиву тундравӣ, бегонапарастӣ, таассубу таҳрибкорӣ ва ҷиноятҳои трансмиллӣ омода бошем.

Мо хушбахт ҳастем, ки давлати соҳибистиқлол дорем ва халқи эъҷодгару бунёдкорамон таърихи навини худро бо дастони худ бунёд мекунад, Ватани маҳбубамон пайваста обод мегардад.

Мо ҳамеша сайъу талош меварзем, ки сарзамини таърихиамон ва муқаддасоти халқу давлатамонро аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳои ин ҷаҳони пурмоҷаро ва пурталотум солиму эмин нигоҳ дорем.

Шукрона аз он мекунем, ки ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакатамон сулҳӯ амният пойдор аст. Ваҳдати миллӣ ва фазои боварию эътимоди кулли сокинони Тоҷикистон торафт таҳким меёбад.

Дар ин рӯзҳои пурнишот ҳар яки моро лозим аст, ки ба гузашти таърихи 30-солаи навини давлатамон назар афканда, сабақҳои ин даврараро омӯзем ва бурду бохтамонро бо чашми хирад нигарем, шоҳроҳи рушди давлати соҳибистиқлоли хешро муайян ва дар мустаҳкам намудани пойдевори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дуниявӣ ва ягонаи Тоҷикистони соҳибистиқлоламон саҳми арзанда гузорем.

Итминони комил дорам, ки ҳар яки мо бо ҳисси баланди масъулият дар назди наслҳои ояндаи миллат аз уҳдаи ин вазифаҳои басо пурмасъул ва пуршарафи ба зиммаамон вогузоргардида сарбаландона мебароем ва ба нишон додани ҷасорату далерӣ ва шуҷоату мардонагӣ, риояи қатъии интизоми хизматӣ ва қонуният ҳар лаҳза садоқати хешро ба Ватани маҳбуб ва мардуми шарафманди он зоҳир, амнияти Истиқлолият – дастоварди бузург ва неъмати беҳамтои миллиро таъмин менамоем.

МАФҲУМИ САМАРАНОКИИ ҶАЗО

Бобохонзода Комрон Субҳон – нозири калони Раёсати молиявию хоҷагии Агентӣ, лейтенанти калони адлия

АННОТАТСИЯ

Мақолаи мазкур ба яке аз падидаҳои муҳими ҳуқуқӣ – «ҷазо ва самаранокии он» бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмии соҳа ва қонугузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили «самаранокии ҷазо» зери таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, таърифи мафҳуми мазкур пешбинӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: самаранокӣ, натиҷабахшӣ, самаранокии ҷазо, мақсадҳои ҷазо, дараҷаи самаранокӣ.

АННОТАЦИЯ

Данная статья посвящена одному из важнейших юридических явлений – «наказание и его эффективность». На основе изучения научной литературы в данной сфере и действующего законодательства Республики Таджикистан анализируются вопросы «эффективности наказания» и предусматривается определение этого понятия.

Ключевые слова: эффективность, результативность, эффективность наказания, цели наказания, степень эффективности.

ANNOTATION

This article is devoted to one of the most important legal phenomenon – «punishment and its effectiveness». Based on the study of scientific literature in this area and the current legislation of the Republic of Tajikistan, the issues of «the effectiveness of punishment» are analyzed and a definition of this concept is given.

Keywords: effectiveness, efficiency, effectiveness of punishment, goals of punishment, degree of effectiveness.

Функсияи таъсиррасонии ҳуқуқ масъалаи самаранокии онро ба қатори масъалаҳои афзалиятнок пешбарӣ мекунад. Дар миёни воситаҳои таъсиррасонии муносибатҳои иҷтимоӣ ҷазо мавқеи муҳим дорад. Вобаста ба ин академик В.Н. Кудратсев дуруст қайд менамояд, ки «агар ҳуқуқ дар шаклҳои мушаххаси зоҳирёбии худ, яъне ҳангоми барқарорсозии манфиатҳои вайроншуда, ҳангоми ҷазодиҳии ҳуқуқвайронкунанда, ҳангоми пешгирӣ кардани падидаҳои номатлуб самаранок намебуд, нақши хизматии он ба сифр баробар карда мешуд»[1].

Бояд зикр намуд, ки новобаста аз истифода шудани инстилоҳи «самаранокӣ», дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ягонаи он муайяну мушаххас нагардидааст. Истилоҳи «самаранокӣ» аз калимаи лотинии «effectus» маншаъ гирифта, маънои «натиҷае, ки бинобар ягон сабаб ё амал ба вуҷуд меояд»-ро медиҳад. Ин истилоҳ маънои «таъсир расонидан»-ро низ дорад, яъне хамон таъсироте, ки самара медиҳанд, «ба натиҷаҳои лозимӣ мерасонанд: аз ин ҷо самаранокӣ – ин натиҷабахшии амалҳои мақсаднок мебошад»[2]. Ҳамчунин,

[1] Кудрявцев В.Н. Социологический анализ правовых явлений // О структуре марксистско- социологической теории.– М., 1970.– С.59.

[2] Советский энциклопедический словарь / Под ред. А.М. Прохорова.– М.: Советская энциклопедия, 4-е изд., 1990.– С.1583.

«самара» дар фарҳанги забони тоҷикӣ низ ба маънои «натиҷа» оварда шудааст.[3]

Мутобиқи мафҳуми умумии фалсафӣ «самаранокӣ» ин хосияти мутобиқати восита бо мақсади (ҳадаф) пешбинишуда мебошад, ки дар шароити муайян бо истифода аз нишондиҳандаҳои рақамӣ дараҷаи мутобиқати ҳамон воситаро бо ҳадафҳои расидашуда ифода менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ бошад, истилоҳи «самаранокӣ» ҳамчун синоними «рақобатпазирӣ», «муваффақият» ё «фаъолияти натиҷабахш» истифода бурда мешавад. Самаранокии фаъолияти ташкилоти тиҷоратӣ бо дараҷаи ҳадафҳои расидашуда, ки бо нишондиҳандаҳои рақамӣ ифода меёбад, муайян карда мешавад.[4] Яъне мафҳуми иқтисодии «самаранокӣ» тавассути таносуби «натиҷа» бо «хароҷот» асоснок карда мешавад[5]. Дар илмҳои сотсиологӣ «самаранокӣ» ҳамчун таносуби натиҷа бо мақсад ва дар илмҳои техникӣ таносуби натиҷа бо хароҷот баррасӣ карда мешавад. Сабаби чунин ихтилофҳо дар он аст, ки ҳадафҳои иҷтимоӣ маҳдудиятҳои дохилӣ доранд. Масалан, барои расидан ба «сулҳ дар тамоми дунё» бояд – ҷанг ва барои решакан кардани ҷиноятқорӣ – худи ҷиноятқорӣ мавҷуд набошад. Чуноне медонем, расидан ба ин ҳадафҳо ба нишондоди 100% ғайриимкон буда, дар муқоиса бо ин, ҳадафҳои техникӣ чунин маҳдудиятҳоро надоранд. Масалан, такмили таҷҳизоти моддӣ, баланд бардоштани фоида (даромад) ва ғ.[6]

Дар адабиёти ҳуқуқӣ бошад, то ин замон вобаста ба масъалаи мазкур муносибати ягона ҷой надошта, одатан бештари муҳаққиқон самаранокиро бо натиҷанокии амали падидаҳои ҳуқуқӣ алоқаманд менамоянд. Масалан, тибқи ақидаи профессор Спиридонов Л.И. «самаранокӣ ҳамеша ба гирифтани натиҷа, ки оқибати фаъолияти бошууронаи инсон аст, алоқаманд мебошад». Ҳамзамон, натиҷа «ҳамеша хароҷотҳои сарфашударо ифода мекунад».[7] Ҳамин тавр, аксарияти муаллифон чунин мешуморанд, ки самаранокии меъёри ҳуқуқ бо он муайян карда мешавад, ки то кадом андоза амалисозии он барои расидан ба мақсадҳои дар назди танзими ҳуқуқӣ гузошташуда мусоидат менамояд. Мафҳуми овардашудаи самаранокӣ дар маҷмӯъ барои муайян кардани мафҳуми самаранокии комплексҳои мухталифи ҳуқуқӣ, аз ҷумла барои самаранокии ҷазо мақбул мебошад[8].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки самаранокии ҳуқуқ аз ду қисм иборат аст: оморӣ ва динамикӣ. Оморӣ ин натиҷаро дар назар дошта, зери қисмати динамикӣ хароҷот мебошад[9]. Дар ин сурат, самарнокӣ бо чен кардани натиҷа ҳам бо ҳадафҳои амалишуда ва ҳам бо хароҷоти сарфашуда ҷиҳати расидан ба он ҳадафҳо муайян карда мешавад.

Қобил ба зикр аст, ки мафҳуми ягонаи самаранокии ҷазо низ вуҷуд надорад. Масалан, И.В. Шмаров таҳти самаранокии ҷазо бо муваффақият расидан ба мақсадҳои онро мефаҳмид[10]. Б.С. Никофоров бошад, самаранокии ҷазои ҷиноятиро ҳамчун мувофиқ бу-

---

[3] Фарҳанги забони тоҷикӣ / Зери таҳ. М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ.– М.: Советская энциклопедия, 1969.– С.837.

[4] Погодин Е.М. О понятиях «эффективность» и «результативность» в управлении учреждениями и органами, исполняющими наказания, и об оценке их деятельности // Уголовно-исполнительное право.– 2012.– №1.– С.71.

[5]Ниг.: Кузнецов В.М. Эффективность обобществления социалистического труда.– М., 1981.– С.30; Народнохозяйственная эффективность: показатели, методы оценки.– М., 1984.– С.20.

[6] Нартымов Д.М. Проблемы повышения эффективности наказания: Дисс. канд. юрид. наук.– Ниж. Новгород, 2010.– С.46.

[7]Ниг.: Спиридонов Л.И. Об изучении эффективности социальной нормы как средства социализации // Спиридонов Л.И. Избранные произведения: Философия и теория права. Социология уголовного права. Криминология.– СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского института права им. Принца П.Г. Ольденбургского, 2002.– С.147.

[8]Ниг.: Эффективность правовых норм / Кудрявцев В.Н., Никитинский В.И., Самощенко И.С., Глазирын В.В.– М., 1980.– С.20.

[9]Ниг.: Хорошильцев А.И. Эффективность права: понятие и особенности // Общество и право.– 2011.– №2(34).– С.48.

[10] Шмаров И.В. Исправительно-трудовое право.– М., 1966.– С.62.

дани муқаррароти қонун ба талаботҳои ҳаёт, дурустии таъин ва иҷрои ҷазо ва билохира, самаранокии шароитҳои ҳаёти минбаъдаи шахсоне, ки адои ҷазо намудаанд, муайян кардааст[11]. А.М. Яковлев чунин меҳисобид, ки самаранокии ҷазо ин дараҷаи таъмини воқеии амнияти ҷомеа мебошад[12].

Дар навбати худ А.Е. Наташев самаранокии ҷазоро тавассути «амалисозии воқеии мақсадҳои ҷазо дар натиҷаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва маҳкумшуда» муайян намудааст[13]. М.Д. Шаргородский таҳти самаранокии ҷазо имконияти эҳтимолии (пешбинишавандаи) расидан ба мақсадҳои онро мефаҳмид[14].

Оилмони ватанӣ низ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зикр менамоянд, ки «Самаранокии ҷазоро ҳамчун амалигардонии воқеии мақсади ҷазо муайян кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи таъсир расонидан ба шуури ҷамъиятӣ ва маҳкумон ба даст меояд. Ҷазоро танҳо он вақт самаранок ҳисоб кардан мумкин аст, ки қонунгузориҳои ҷиноятӣ, мурофиавӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ба қонуниятҳои объективии тараққиёти ҷамъият мусоидат намояд.»[15]

Бо дарназардошти он ки самаранокии падидаҳои ҳуқуқӣ бо он муайян мегардад, ки то кадом андоза амалисозии онҳо барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат менамояд, пас самаранокии ҷазо бояд ҳамчун дараҷаи ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазо баррасӣ карда шавад.

Аз мафҳуми зикршуда аломатҳои зерини «самаранокии ҷазо»-ро ҷудо намудан мумкин аст: мақсади ҷазо ва дараҷаи амалишавии онҳо, ки минбаъд муфассалтар баррасӣ мешавад.

Бояд зикр намуд, ки бидуни таҳлили мақсадҳои дар назди меъёрҳои ҳуқуқӣ гузошташуда, баҳодиҳии натиҷаи амали он номумкин мебошад. Ба ақидаи профессорон Т.Ш. Шарипов ва А.И. Сафарзода «Мақсади ҷазо натиҷаҳое мебошад, ки барои ноил шудан ба онҳо давлат бо роҳи муқаррар ва татбиқ намудани системаи ҷазо нисбати шахсони ҷиноят содиркамуда кӯшиш менамояд»[16]. Ногуфта намонад, ки ҳатто ифодаи мушаххастарини мақсадҳои ҷазо имконияти андозагирии (ченкунӣ) самаранокии онро намедиҳад. Мақсадҳои ҷазо бояд тавре ифода гарданд, ки барои баҳисобгирии шуморавӣ дастрас бошанд. Ҳамаи мақсадҳои ҷазо барои андозагирии самаранокӣ мувофиқ буда наметавонанд.

Муҳаққиқони илми ҳуқуқшиносӣ мақсадҳои гуногуни ҷазоро ҷудо намудаанд, ба мисли:

– ҳифзи (нигаҳдории) тартиботи ҳуқуқӣ;

– ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда (тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтироми қонун);

– барқарор сохтани адолати иҷтимоӣ:

а) нисбати ҳуқуқвайронкунанда таъин (ҳамчунин адо) намудани ҷазое, ки ба дараҷаи вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқ мебошад;

б) ҷуброни (барқарорсозӣ ё талафот) манфиатҳои ҷабрдида;

– пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ.

Мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад[17]. Ҷазои маъмурӣ бошад, бо мақсади дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия

[11] Никифоров Б.С. Эффективность уголовно-правовых мер борьбы с преступностью.– М., 1968.– С.4.

[12]Ниг.: Яковлев А.М. Об эффективности исполнения наказания // Советское государство и право.– 1964.– №1.– С.101.

[13] Наташев А.Е., Стручков Н.А. Основы теории исправительно-трудового права.– М.,1967.– С.71.

[14]Ниг.: Шаргородский М.Д. Наказание, его цели и эффективность.– Л., 1973.– С.56–61.

[15]Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ // Зери таҳ. Салимов Ҳ.С. ва Ғаффорова Н.А.– Душанбе: Ирфон, 2011.– С.206.

[16] Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усулҳои интерактивӣ.– Душанбе, 2016.– С.293.

[17]Ниг.: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.46.

кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад.[18] Вале на ҳамаи мақсадҳои ҷазо барои андоза кардани самаранокии он муносиб мебошанд. Чихеле ки мушоҳида менамоем дар андозагирии дараҷаи ноил гардидан ба баъзе мақсадҳои ҷазо зарурат ҷой надорад.

Чунончӣ, дар муносибат ба барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ҳангоми таъини ҷазо мақсади мазкур нисбатан ноил гардида мешавад. Дар ин хусус Е.В. Курочка қайд менамояд, ки «Дар асоси он ки барқарор сохтани адолати иҷтимоӣ дар марҳилаи таъини ҷазои одилона, ки дар ҳукми ба қувваи қонун даромадаи суд инъикос ёфтааст, амалӣ мегардад, пас нишондиҳандаи самаранокии ноил гардидан ба ин мақсад дар таносуби шумораи ҷиноятҳои содиршуда ва шумораи ҷиноятҳое, ки барои онҳо ашхоси гунаҳгор воқеан адои ҷазо намудаанд, ифода меёбад»[19].

Аз тарафи дигар, ҳолати кор бо чунин мақсадҳо, ба монанди ҳифзи (нигаҳдории) тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тамоман дигар хел аст. Татбиқи ҷазо боиси 100% ноил шудан ба ин мақсадҳо намегардад. Дар ин робита, мақсадҳои мазкур ҳангоми таҳқиқоти самаранокии ҷазо истифода бурда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки мақсадҳои ҷазо дар илми ҳуқуқшиносӣ ба иҷтимоӣ (моддӣ) ва ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд. Мақсадҳои иҷтимоӣ ҳамон натиҷаи иҷтимоиеро инъикос менамоянд, ки қонунгузор ҳангоми ташаккули меъёрҳо кӯшиши ба он ноил гардиданро дошт. Натиҷаи иҷтимоӣ одатан хусусияти умумӣ дошта, ҳамчун қоида берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ қарор дорад. Ба ин мақсадҳо ҳифзи (нигаҳдории) тартиботи ҳуқуқӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо дохил мешаванд. Мақсадҳои дуюм, аз тарафи қонунгузор мустаҳкам намудани қоидаҳои мушаххаси рафторро инъикос менамоянд, яъне ба кадом тарз қонунгузор кӯшиши ба даст овардани натиҷаи иҷтимоиро дар назар дорад. Ба мақсадҳои ҳуқуқӣ пешгирии содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ (пешгирикунии хусусӣ ва умумӣ) мансуб мебошад.[20]

Дар ин раванд, аксарияти муҳаққиқон самаранокии ҷазоро бо ноил гардидан ба мақсади ҳуқуқӣ – пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ алоқаманд менамоянд[21]. Вале барои шаффофияти таҳқиқот мақсадҳои иҷтимоии ҷазоро канор намегузорем ва онҳоро дар шакли мафҳумҳои амалиётӣ пешбинӣ менамоем.

Барои муайян намудани дараҷаи самаранокии амалишавии мақсадҳои иҷтимоӣ якчанд мафҳумҳои амалиётӣ, ки қисман мафҳуми мақсадҳои иҷтимоиро инъикос менамоянд, ба андозагирӣ фаро гирифта мешаванд. Масалан, тибқи таҳқиқоти ҳайати муаллифон, В.И. Никитинский, В.Н. Кудрявсев, В.В. Глазирин ва И.С. Самошенко мақсади иҷтимоии «нигоҳдории интизоми меҳнатӣ» аз чунин мафҳумҳои амалиётӣ иборат мебошад,

[18] Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.35.

[19] Курочка Е.В. Проблемы наказания в уголовном праве России: Дисс. канд. юрид. наук.– Саратов, 200.– С.86.

[20] Черданцев А.Ф. Толкование советского права.– М., 1979.– С.86–87; Поленина С.В. Законотворчество в Российской Федерации.– М., 1996.– С.99.

[21] Ниг.: Jakubovski J. Pojeciaobowiazywania, realizaeji Iscuteezn oscine or my prawne joraz pod staw yich rozrozniania.– Warszawa: Studiazteoriiprawa, 1965.– S.318; Шаргородский М.Д. Указ. соч.– С.57; Лебедев М.П. Государственное решение в системе управления социалистическим обществом.– М., 1974.– С.205; Рабинович П.М. Проблемы теории законности развитого социализма.– Львов, 1979.– С.85; Никонов В.А. Эффективность общепредупредительного воздействия уголовного наказания (теоретико-методологическое исследование): Дисс. докт. юрид. наук.– М., 1994.– С.104; Бикситова Б.С. Эффективность исполнения уголовного наказания в виде лишения свободы: по материалам Оренбургской области: Диссю канд. юрид. наук.– М., 2007.– С.36; Мищенко В.Л. Указ. соч.– С.80–82.

ки қисман мафҳуми «вайронкунии интизоми меҳнат»-ро шарҳ медиҳанд: «бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан», «сари вақт ба кор ҳозир нашудан», «нуқсони истеҳсолӣ» ва ғ. Маҳакҳои (критерияҳои) мафҳумҳои амалиётии мазкур арзишҳои рақамии (шуморавӣ) ин падидаҳо мебошад, ки бо баҳисоб гирифтани шумораи муайяни шахсон, дар қаламрав ё объекти муайян ва дар доираи вақти муайян ба анҷом расонида мешавад.[22]

Мутобиқи усули мазкур, барои мақсади ҷазо дар намуди «ҳифзи (нигоҳдории) тартиботи ҳуқуқӣ» бояд мафҳуми амалиётие истифода шавад, ки қисман мафҳуми ҳуқуқвайронкуниро (вайрон кардани тартиботи ҳуқуқиро) шарҳ медиҳад, ба монанди дуздӣ, ғасби гаравгон, одамкушӣ ва ғ. Мутаносибан, ба сифати критерияҳои мафҳумҳои амалиётии мазкур нишондоди шуморавии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо бо баҳисобгирии шумораи муайяни шахсон, дар қаламрав ё объекти муайян дар давраи муайяни вақт гирифта мешавад. Динамикаи тағйироти критерияҳои мазкур ҳангоми кам шудан ё тамоман ҷой надоштани ҳуқуқвайронкунӣ мусбӣ эътироф мегардад, яъне дараҷаи самаранокии амалишавии мақсади зикршуда бароварда мешавад.

Дар робита ба ноил гардидан ба чунин мақсадҳо ба монанди «ислоҳи маҳкумшуда» ва «тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо» муҳаққиқон ҷой надоштани ҳуқуқвайронкуниро дар рафтори шахси қаблан ҷазогирифта алоқаманд менамоянд. Ба андешаи мо барои мақсади мазкур ҳамчунин истифодаи мафҳуми амалиётӣ зарур мебошад, ки қисман мафҳуми ҳуқуқвайронкуниро шарҳ медиҳад.[23]

Бешубҳа барои муайян намудани самаранокии чунин мақсадҳои иҷтимоӣ, ба монанди «ҳифзи (нигоҳдории) тартиботи ҳуқуқӣ», «ислоҳи маҳкумшуда» ва «тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо» бояд сараввал мақсади «пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ» ноил гардида шавад. Дар ин замина, мо чунин мешуморем, ки барои омӯзиши самаранокии ҷазо таҳқиқ намудани натиҷабахшии расидан ба мақсади ҳуқуқии ҷазо – «пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ» зарур мебошад.

Бо назардошти қайдҳои боло чунин мафҳуми «самаранокии ҷазо»-ро ба даст овардан мумкин аст: **самаранокии ҷазо – ин дараҷаи таъмини иҷрои меъёрҳо (пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ) мебошад, ки аз ҷазо ва дигар омилҳои ба он алоқаманд вобастагӣ дорад**.

[22] Эффективность правовых норм…– С. 158 – 159; Ҳамчунин: Мищенко В.Л. Указ. соч.– С. 80–82.

[23] Ниг.: Нартымов Д.М. Проблемы повышения эффективности наказания: Дисс. канд. юрид. наук.– Ниж. Новгород., 2010.– С. 55–56.

ЗУҲУРОТИ КОРРУПСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ НАРХГУЗОРИИ ТРАНСФЕРТӢ

... – Сардори раёсати Агентии назорати давлати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Дар ибтидои таҳқиқи бархе аз ҷабҳаҳои зуҳуроти коррупсионӣ моро зарур аст, ки заминаҳои институтсионалии мубориза бар зидди коррупсияро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор диҳем. Агар ба сарчашмаҳои илмӣ назар намоем масъалаи коррупсия ва мубориза ба ин зуҳурот таърихи беш аз сеҳазорсола дошта, ҳанӯз дар қонунҳои Ҳамураппӣ, ки соли 1780 пеш аз милод муқаррар мегардад, ҷазо ба ин падидаи номатлудмуайян карда шуда буд. Дар замони муосир низ яке аз зуҳуроти ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири манфӣ дошта, коррупсия баҳисоб меравад. Зеро ин падидаи таъсиррасон ба ҷомеа пасомадҳои манфӣ дошта, боварии шаҳрвандон ва субъектони хоҷагидорро ба ояндаи рушди мамлакат коста менамояд. Аз ин лиҳоз,дар замони муосир мубориза бар зидди коррупсия яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлату ҳукумат муайян гардидааст. Дар Паём ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мубориза бо ин зуҳурот масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад. Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуда буданд, ки ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ ба амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомотҳои давлатӣ мебошад.[1]

Албатта, бо мақсади ташаккули замина баҳри мубориза бар зидди коррупсия ҳанӯз 21 июли солии 1999 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» ва худи ҳамон сол, 10 декабр Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул шуда буданд. Дар самти ташаккули ниҳодҳои давлатӣ алайҳи мубориза бар зидди коррупсия метавон баён намуд, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 10 январи соли 2007, №143 Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис дода шуда буд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи макомоти давлатӣ бар зидди коррупсия, Шӯрои мил-

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018.

лии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ки барои пиёда сохтани ҳадафҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2013–2020 мусоидат намуда истодаанд. Аммо, ҳанӯз зуҳуроти коррупсионӣ рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоиро дар кишвар монеъа мегардад, ки дар доираи мақолаи мазкур таъсири ин падида баяке аз самтҳои системаи андоз – ташаккули танзими нархгузории трансфертӣ таҳқиқ мегардад.

Агар ба масъалаи мубориза ба коррупсия дар ҷомеъаи муосир назар намоем, ин зуҳурот хусусияти глобалӣ гирифтааст. Зеро сохтору мақомотҳои давлатии кулли кишварҳои ҷаҳонро муаммои коррупсия фаро мегирад. Агар ба давлатҳои Ғарб назар намоем таҷрибаи пешқадами мубориза алайҳи коррупсия дар кулли кишварҳои ин минтақа ташаккул ёфтааст. Аммо, барҳе аз сохтору мақомотҳои давлатии мамолики Аврупо аз ҷой доштани коррупсия дар ин сохторҳо аз ҷониби таҳлилгарон (олимону, ташкилотҳои байналхалқӣ) мавриди танқид қарор дода мешаванд. Барои собит намудани ин гуфтаҳо мо метавонем масоили ҷойдоштаро аз вазъи кунунии Олмон ва Британиёи Кабир доир ба ин зуҳурот мавриди омӯзиш қарор диҳем. Олмон, тибқи баҳодиҳии ташкилоти байналхалқии TransparencyInternational доир ба рейтинги давлатҳо вобаста ба коррупсия дар ҷаҳон мақоми 12-умро касб менамояд, ки сатҳи ин падида аз соли 2007 дар мамлакат босурат афзоиш ёфтааст.[2] Чунин вазъият дар Британиёи Кабир низ баназар мерасад ва солҳои охир дар байни кормандони мақомоти андоз, гумрук ва молия афзоиш ёфтааст. Паёмадҳои ин падидаро ба назар гирифта СММ Конвенсияи зидди коррупсияро дар сатҳи ҷаҳон, ибтидо аз соли 2003 ҳамчун санади ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар намудааст.

Бояд иброз намуд, ки аз ҷониби таҳқиқотчиён ва ташкилоти байналхалқии TransparencyInternational давлатҳои Сингапур, Ҳонконг, Ҷумҳурии халқии Чин, Амрати Муттаҳидаи Араб ва Ҳолландия дар самти мубориза бар зидди коррупсия пешсаф муайян карда шудаанд.

Тавре ҳадафи меҳварии мақолаи илмии мазкурро таҳқиқи зуҳуроти коррупсионӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба ташаккули танзими андозии нархгузории трансфертӣ дарбар мегирад, ҳоло зарур мепиндорем, ки дар ҷаҳорҷӯбаи ин гуфтаҳо тадқиқот анҷом диҳем.Ҷой доштаникоррупсия дар соҳаи андоз ба пасомадҳои зерини иқтисодиву иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки бар зидди рағбати давлату ҷамъият мебошанд:

- ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ афзоиш ёфта, воридотҳо аз ҳисоби андозҳо ба буҷети давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ кам мегарданд;
- механизми танзими давлатии равандҳои бӯҳронӣ вобаста ба коста гардидани вазъи молияии давлат ноустувор мегардад;
- Гаронии андоз ба андозсупорандагони бовиҷдон афзоиш ёфта, теша ба решаи рағбати сармоягузории онҳо мезанад,ки дар натиҷа ба берун аз мамлакат бурдани сармояи соҳибкорон асос мегузорад;
- Вазъи иҷтимоӣ ноустувор гардида, афзоишёбии сатҳи камбизоатӣ ба миён меояд;
- нобоварии аҳолӣ ба мақомоти андоз, молия ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ба миён меояд, ки ин дар як вақт ба заиф шудани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа оварда мерасонад.

Инчунин, дигар пасомадҳои ҷой доштани коррупсия дар соҳаи буҷету андоз шуда метавонанд, ки ба сиёсати дохиливу хориҷии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд.

Тавре баён намудем бо мақсади расидан ба ҳадафи дар мақолаи мазкур гузошташуда моро зарур аст, ки дар заминаи дигар тадқиқотҳои анҷомдодаи худ моҳияти нархгузории трансфертиро ифшо созем. Ба ақидаи мо *нархгузории трансфертӣ* ин гузоштани нарх ба молҳо, хизматрасониҳо ва дигар дороиҳо дар асоси шартномаҳои шахсони муттақобилан вобаста, зерсохтори ширкатҳои бисёрмиллат, инчунин филиалҳои фирмаи алоҳида бо мақсади афзоиши фоидаи умумии субъектони мазкур мебошад. Афзоиши фои-

[2] Электронный ресурс: https://www.dw.com/ru//a-3789077 [дата обращения: 09.07.2019].

да бо тағйир додани манбаи андоз (аз фоида ва дигар андозҳои ғайримустақим) вобаста мебошад, аз ин лиҳоз дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон яке аз самтҳои танзими андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ин нархгузории трансфертӣ муайян карда мешавад.

Ба назари мо зери мавфҳуми васеи танзими андозии нархгузории трансфертӣ таъсири ғайримустақими давлат дар асоси қонунгузории андоз нисбати рафтори шахсони муттақобилан вобаста ҳангоми истифодаи нархгузории трансфертӣ бо мақсади ҷамъоварии пурраи даромадҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва андешидани чораҳои махсус баҳри пешгирии баромадани сармоя аз ҳудуди кишвар фаҳмида мешавад.Бояд қайд намуд, ки чунин таъсир дар чаҳорчӯбаи васоити сиёсати андоз дар давраи муайяни рушди иқтисодиёти миллӣ ва раванди фаъол гардидани иштироки давлат дар системаи байналҳалқии тақсимоти меҳнат амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз дар асоси таҳлили назариявии сарчашмаҳои меъёрии системаи андоз мо бо боварӣ қайд карда метавонем, ки дар самти танзими андозии нархгузории трансфертӣ дар кишвар таҷрибаи пешқадами давлатҳои ҷаҳон ба мадди назар гирифта намешавад ва гуфтан мумкин аст, ки ҳатто доир ба ташаккули он заминаҳои қонунгузорӣ баназар намерасанд. Яке аз омили асосие, ки ба ин вазъият мусоидат менамояд ин ҷой доштани зуҳуроти коррупсиони дар соҳаи андоз мебошад.

Агар мо ба хусусиятҳои ба вучуд омадани амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи андоз назар намоем ин зуҳурот дар доираи муносибатҳои андозӣ бавуҷуд меояд. Ба назари мо яке аз муҳимтарин замина барои бавуҷудоии коррупсия санҷишҳои зиёди андоз ва дигар шаклҳои назорати андоз, ки андозсупорандагон ва кормандони мақомоти давлатиро ба ин зуҳурот мепайвандад, маҳсуб меёбад. Агар хуллосаи таҳқиқнамудаи муттахассисони Гурӯҳи бонки Умумиҷаҳониро мавриди омӯзиш қарор диҳем маълум мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи баланди назорати андоз дида мешавад, яъне шумораи зиёди андозсупорандагон дар давоми сол ба назорат фаро гирифта мешаванд. Механизми назорати андоз дар солҳои охир бо назардошти рафтори субъектони назорат то як андоза мушкил гардидааст. Дар чунин шароит субъектони назорати андоз бевосита барои бавуҷудоии амалҳои коррупсионӣ дар иқтисодиёт ҳиссагузор шуданд, ки мо қушиш намудем шаклҳои коррупсияро дар расми 1 тасвир намоем:



Расми 1. Шаклҳои бавуҷудоии коррупсия ҳангоми ҳамкории субъектони назорати андоз дар шароити ташаккули танзими андозии нархгузории трансфертӣ

Бояд қайд намуд, ки дар шароити ташаккули танзими андозии нархгузории трансфертӣ дар кишвар субъектони назорати андоз байни ҳам ҳамкорӣ намуда ду шакли коррупсияро бавуҷуд меоранд, ки мо шартан онҳоро бааён ва ноаён тасниф намудем. Шакли аёни коррупсия сатҳи муайяни зуҳуроти коррупсионӣ дар соҳаи андоз мебошад, ки дар заминаи тафтишу санҷишҳо муайян гардида, нисбати ин падида чораҳои хусусияти маъмурию ҷиноятидошта андешида маешаванд.

Ба назари мо чунин шакли коррупсия дар шароити истифодабарии нархгузории трансфертӣ дар асоси пинҳон намудани даромадҳо ва ё «гурехтан» аз ӯҳдадориҳои андоз арзи вуҷуд менамояд. Муаммои асосӣ дар ин самт сатҳи ноаёни коррупсия ҳисоб меёбад. Зеро чунин шакли коррупсия дар асоси забон як кардани субъектони назорати андоз ба вуҷуд меояд, ки дар бисёр мавридҳо иттилоъ дарёфтан ғайриимкон мебошад. Ҷунин шакли коррупсия назар ба коррупсияи аён бо ҳаҷми нисбатан калон бавуҷуд меояд, ки хатари калони иҷтимоию иқтисодӣ норад. Бинобар ин мубориза ба чунин сатҳи коррупсия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммо буда, ҳалли он бисёр мушкил мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ баён намудан зарур аст, ки таҷрибаи кунунии назорати андоз такомули қонунгузории системаи андоз, маданият ва дониши кормандони мақомоти андозу андозсупорандагонро дар самти танзими андозии нархгузории трансфертӣ тақозо менамояд. Дар ин самт мо ақидаи олими рус Грундел Л.П.-ро оид ба такомули механизми назорати андозии нархгузории трансфертӣ ҷонибдорӣ менамоем. Бо мақсади оқилона бароҳ мондани назорати андозии нархгузории трансфертӣ аз ҷониби ӯ чунин чораҳо пешниҳод карда мешавад:

– консентратсияи фоида дар ташкилоти пардохткунандаи андоз аз фоида, инчунин ташкилоти имтиёзи андоз пешниҳодшуда дар шакли мизони пасткардашудаи андоз ё пешниҳоди субсидияҳо аз буҷет;

– консентратсияи арзиши иловашуда дар ташкилоте, ки иҷроиши ӯҳдадории андозро таъмин накарда фаъолияти худро қатъ менамояд ва манфиати иқтисодиро ба нафъи шахси сеюм мегузаронад;

– консентратсияи фоидаи ташкилотҳо дар хориҷи кишвар вобаста ба вазъи андозбандии имтиёзнок[3].

Гарчанде, ки механизми нархгузории трансфертӣ байни давлатҳои ҷаҳон фарқияти куллӣ надорад, аммо вобаста ба шароити давлати алоҳида, он хусусияти худро доро мегардад, ки дар раванди назорати андоз бояд ба назар гирифта шавад. Бинобар ин механизми назорати андозии нархгузории трансфертӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда зимни баназар гирифтани хусусиятҳои муносибатҳои андозӣ ва таҷрибаи давлатҳои рушдёфта ташаккул ёбад.

Бо мақсади муқовимат ба коррупсия ва паст намудани шиддати он дар системаи андоз зарурияти тақвият додани қонунгузорӣ дар самти танзими андозии нархгузории трансфертӣ тақозо мегардад. Инҷо мо пурра таҷдиди қонунгузории андозии кишварро дар назар надорем, зеро ин метавонад пасомади манфӣ ба вазъи иҷтимову иқтисодии оварда бошад. Дар асоси таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои дигар ба назари мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими андозии нархгузории трансфертӣ» дар ояндаи наздик, қабул карда шавад, ки асос барои аз байн бурдани падидаи коррупсионӣ дар раванди муносибатҳои андозӣ мегардад.

Вақте, ки қонунгузории мутобиқ ба самти танзими андозии нархгузории трансфертӣ мавриди амал қарор мегирад, пешниҳод мегардад, ки иштироки ғайримустақими Прократураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд ба мадди назар гирифта шавад. Прократураи Генералӣ дар ин самт аз субъектони назорати андоз иҷрои талаботҳои қонунгузориро тақозо менамояд, ки албатта пурра пешгирии амалҳои коррупсионӣ ғайриимкон бошад ҳам,ба коҳиш ёфтани шид-

[3] Грундел Л.П. Направления совершенствования налогового контроля за трансфертными ценами. // Финансы и кредит. 2015. № 13 (637).– С. 60.

дати ин зуҳурот дар доираи муносибати мутақобилаи субъектҳои андозӣ боис мегардад.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018.

2. Виссема Х. Менеджмент в подразделениях фирмы. Предпринимательство и координация в децентрализованной компании / Х. Виссема.– М., 1996.– С.16.

3. Волошенко А.В. Трансфертное ценообразование как сфера теневой экономики в Украине //Актуальні проблеми економіки.– 2014.– №2(152).– С.53–58.

4. Грундел Л.П. Направления совершенствования налогового контроля за трансфертными ценами // Финансы и кредит.– 2015.– №13(637).– С.60–65.

5. Практическое руководство ООН по трансфертному ценообразованию для развивающихся стран (United Nations Practical Manual on Transfer Pricing for Developing Countries / United Nations New York, 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/esa/ffd/wp-content/uploads/2017/04/Manual-TP-2017.pdf.

6. Тарасейвич В.М. Ценовая политика предприятия. / Учебник для вузов.– 3-е изд.– СПб.: Питер, 2010, 320 с. (Серия: учебник для вузов).– С.71–72.

7. OECD Transfer Pricing Guidelines for Multinational Enterprises and Tax Administrations. [Электронный ресурс]. Режим доступа.

ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ПОЙДОРИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ СОҲАҲОИ МУХТАЛИФ

Авазода Шараф Тавар – сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, полковники адлия

Дар ҳаёти сиёсии Ватани азизамон ва мардуми шарафманди он санаи 9 сентябри соли 1991 рӯйдоди хеле муҳиму фараҳбахш ба вуқӯъ пайваст, ки он барои муайян намудани низоми нави сиёсӣ, шакли сохти давлатию идоракунӣ, фароҳам овардани шароити арзанда барои зисту зиндагонии аҳолии кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа заминаи басо мусоид гузошт.

Истиқлолияти давлатӣ аз кишвари тозабунёд тақозо менамуд, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои назаррас танҳо соҳибистиқлолӣ кофӣ набуда, баҳри пешрафту ободонии кишвар, беҳсозии некӯаҳволии мардум, ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷойдошта ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда бояд корҳои зиёде ба анҷом расонида шавад [1, с.6].

Дар замони муосир мутаассифона зуҳурот ва падидаҳое ҷой доранд, ки ба пешрафти ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ расонида, рушди соҳаҳои мухталифро халалдор месозанд. Ҷаҳони имрӯза дар ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Дар кишварҳои ҷаҳон дар баробари таҳдиду хатари ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта, инчунин зуҳуроти дигаре ҷой дорад, ки хавфу хатари он аз ҷиноятҳои зикргардида кам намебошад, ин коррупсия ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири ин зуҳуроти номатлуб дар канор набуда, ҳанӯз аз давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бар зидди падидаҳои номатлуб чораҳои пурсамар меандешад.

Таърих худ гувоҳ аст, ки ҳанӯз аз даврони хеле қадим дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ коррупсия ҳамсафари инсоният шуда, дар тақдири давлату халқиятҳо нақши манфии басе муассиреро иҷро менамояд [1, с.6].

Коррупсия имрӯзҳо низ хатари ҷиддии худро нигоҳ дошта, дар ин ё он шакл дар ҳама кишварҳои муосир, новобаста аз сатҳи инкишофи онҳо арзи вуҷуд дорад. Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таърихи қадима дорад ва яке аз мушкилоти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, ки ба рушди устувори давлатдорӣ ва соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа – иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва ахлоқ зарари манфӣ мерасонад [2, с.21].

Борҳо таъкид гардидааст, ки хатари коррупсия аз хатари дигар намуди ҷиноятҳо ба монанди экстремизму терроризм, мубодилаи ғайриқонунии яроқу маводи нашъаовар кам набуда, зиёда аз ин, коррупсия метавонад ҳамчун омили пайдоиш ва доман паҳн кардани ҷиноятҳои вазнин баромад намояд [2, с.179].

Қобили тазаккур аст, ки чун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ коррупсия дар мустаҳкам гардидани давлатдории миллӣ ва пойдории Истиқлолияти давлатӣ мушкилиҳо эҷод мекунад, аз ин ҷо зарур аст, ки дар кишвар сиёсати самарабахши зиддикоррупсионӣ ба роҳ монда шуда, дар амалӣ намудани он кулли институтҳои давлативу ғайридавлатӣ ҷалб карда шаванд.

Рӯзмарра ва мубрам будани масъалаи баррасишавандаро ба инобат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина дар натиҷаи амалӣ сохтани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия гардида, дар сатҳи миллию байналмилалӣ чорабиниҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро андешида истодааст.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба вусъати ботадриҷ, рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, инчунин, пойдории Истиқлолияти давлатӣ мубориза бар зидди коррупсия дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда шуда, ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати пешгирифтаи созандаи роҳбарияти олии сиёсии мамлакат маҳсуб меёбад ва мо бо қаноатмандӣ метавонем изҳор дошт, ки корҳои анҷомдодашуда самараи муфид дода истодаанд.

Дар ҳақиқат, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо дарки хавфи зиёд доштани коррупсия, бинобар хусусияти фарогир доштани он муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои муҳими сиёсии кишвар табдил ёфтааст.

Бесабаб нест, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон ба масоили коррупсия ва хавфи он дар рушду инкишофи ҷомеа ва давлат диққати махсус дода мешавад. Ҳамасола дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат оиди коррупсия, мубориза бар зидди ин зуҳуроти манфии ҷомеа суханронӣ намуда, ба масъулини соҳа ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастурҳои мушаххас медиҳанд.

Бо иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мастаҳками ташкилию ҳуқуқӣ баҳри муқовимат ба коррупсия фароҳам оварда шудааст. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо ва тасдиқ гардидани «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» ва «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили», инчунин қабул гардидани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 октябри соли 2016, «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, тасдиқ гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» аз 21 июли соли 1999, «Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» аз 14 июни соли 2004, «Дар бораи таъсис додани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 январи соли 2007, инчунин қабул гардидани ду барномаи миёнамуҳлат – Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2007–2012 ва солҳои 2013–2020 тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад [2, с.91].

Қадами устувор дар кори муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бо ташаббуси бевосита ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 таъсис додани мақомоти махсусгардонишуда

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [3, с.1].

Агентӣ ҳамчун мақоми ваколатдор, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодӣ, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳои бо қонун пешбинишударо иҷро менамояд [4, с.1].

Қайд намудан зарур аст, ки таи солҳои фаъолияташ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия дар таҳкими сиёсати зиддикоррупсионӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа равона гардидааст, нақши калидӣ дорад.

Агентӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда бо роҳи тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ, таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, мониторинги зиддикоррупсионӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чораҳои назорати давлатии молиявӣ, инчунин ошкору рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ иҷрои вазифаҳои муқаррарнамудаи қонун ва дастуру супоришҳои роҳбарияти олии сиёсии давлат дар кори муқовимат ба коррупсия дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррасро ба иҷро расонида истодааст. [5, с.14].

Ғайр аз ин, Агентӣ ҷиҳати пешбурди фаъолияти самарабахши хизматӣ дар доираи санадҳои меъёрии байналмилалӣ бо созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва мақомоти ваколатдори хориҷи кишвар ҳамкории судманд дорад. Вусъат бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва роҳандозӣ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ боиси каме бошад ҳам коҳиш ёфтани сатҳи коррупсия дар кишвамон гардидааст [2, с.15].

Ба ақидаи мо дар давлате, ки сатҳи коррупсия ва шиддати он дар сатҳи паст қарор дорад, дар он ҷо ба шаҳрвандон барои амалӣ намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон имконият бештар гашта, соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа рушд менамояд, зиндагонии халқ беҳтар мешавад. Дар ин ҳолат бо итминон гуфтан мумкин аст, ки боварии шаҳрвандон нисбат ба давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бештар гардида, сатҳи ҷинояткорӣ низ коҳиш меёбад ва ҳамаи ин корҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии давлат ва пойдории Истиқлолияти давлатӣ аҳамияти басо муҳим дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад [6].

Дар ҳақиқат, барои таъмини самараноки мубориза бо коррупсия истифодаи имконияту нерӯи бузурги ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Ба андешаи мо барои ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсии зиддикоррупсионии давлатӣ ҷалби бештари қишрҳои гуногуни ҷомеа ҷиҳати муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон зарур мебошад. Танҳо дар ҳолати ташаккули тафаккури зиддикоррупсионии ҳар як фарди хештаншинос метавонад сатҳи коррупсияро дар ҷомеа ва давлат паст гардонад. Дар ин сурат мо метавонем, ба ҳадафҳои созандаи давлату ҳукумат, ки асоси онро таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, гулгулшукуфоии Ватани азизамон ва рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ташкил медиҳад, ноил гардем.

Аннотатсия:

Дар мақола муаллиф атрофи муҳиммияти сиёсати зиддикоррупсионӣ дар пойдории Истиқлолияти давлатӣ, чораҳои самарабахши муқовимат ба коррупсия ва нақши онҳо дар рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, ҳамзамон аҳамияти татбиқи санадҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо коррупсия ибрози андеша намуда, ҷалби васеи тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар амалишавии судманди сиёсати зиддикоррупсионӣ мувофиқи мақсад шуморидааст.

Вожаҳои калидӣ: Истиқлолияти давлатӣ, коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионӣ, муқовимат ба коррупсия, чораҳои пешгирии коррупсия, ҳамкории байналмилалӣ, мақомоти далатӣ , ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ.

Руйхати адабиёти истифодашуда

1. Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Ҷилди I.– Душанбе, 2020.

2. Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар.– Хуҷанд: Нашриёти «Нури маърифат», 2021.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 январи соли 2007, №143, ш. Душанбе.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374, ш. Душанбе.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714, ш. Душанбе.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021, ш. Душанбе.

ИСТИҚЛОЛИЯТ НЕЪМАТИ БЕБАҲОСТ

Иброҳимзода Карим Иброҳим – сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, генерал-майори адлия

«Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки дурнамои сиёсати давлати Тоҷикистон бевосита ба афкори Ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории тоҷикон асос меёбад».

Эмомалӣ Раҳмон

Қайд кардан ба маврид аст, ки 19 декабри соли 2017 таҳти рақами 968 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид, ки тибқи он соли 2021 дар саросари кишвар ин иди умумимиллӣ дар сатҳи баланд ва бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад.

9-уми сентябри соли 1991-ум муҳимтарин воқеаи таърихии сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Ин ҳодисаи фараҳбахш аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқӯъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин сана и муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу оянда и миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки си сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Аз рӯзи сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳа-

диро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем.

Чунон чӣ, Президенти мамлакат, Пешвои миллат – Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад».

27 июни соли 1997 дар Москва – пойтахти Федератсияи Русия Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин имзо гардид ва он рӯзи муборак Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон шуд. Аз ҳамон вақт инҷониб ҷомеаи ҷаҳони муосир таҷрибаи пешқадами «Сулҳи тоҷикон»-ро меомӯзад ва барои насли имрӯз чун намунаи беҳтарини гуфтушуниди созанда пешниҳод мекунад.

Ба шарофати истиқлолият ба дастовардҳои назаррасе сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ноил шуда бошем ҳам, дар марҳилаи мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза ба иттиҳоду ҳамраъйӣ, ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худошиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстиву ватандорӣ бештар ниёз дорем. Ин нуқтаро сарвари давлат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пай бурда, борҳо таъкид кардаанд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем.

Президенти кишвар аз ҷумла мегӯянд: «Солҳои охир дар ҷаҳон як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили таҳдиди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятқкори трансмиллӣ қувват мегиранд, ки инҳо метавонанд ба оромиву суботи минтақа ва амнияти давлатии кишварҳои алоҳида таъсири ногувор расонанд. Аз ин рӯ, мову шумо бояд якҷоя хатари вусъатёбии ин амалҳои номатлубро пешгирӣ намоем, барои бақои тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ ва амнияти давлат, пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа тадбирҳои мушаххас андешем. Мо сиёсати пойдории сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллиро, ки давлати тоҷикро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ наҷот бахшид, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мешуморем».

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Бе донистани таърих худшиносии миллӣ нест, ватандӯстӣ нест, ворисияти наслҳо имкон надорад. Бе гузаштаи таърихӣ ифтихори миллӣ ба худпарастии миллӣ ва ватанпарастии дурӯғин табдил меёбад».

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Зеро дар дунёи пуртазоди муосир фақат миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад.

Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Дар ин кишвар ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс, забон, эътиқоди диннӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ баробар тарбия мегиранд. Ҳамаи шаҳрвандон метавонанд фарзандонро дар рӯҳи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намоянд, ба шарте ки он хилофи арзишҳои умумидавлатии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад.

Анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ки дар давоми қарнҳо ба тарзи ҳаёти мо ворид шудаанд, менталитет ё маҷмӯи сифатҳои онро ташкил медиҳанд.

Ҷавҳар, хосият ё маҷмӯи сифатҳои тоҷикон аз илму донишомӯзӣ, заҳматписандию, таҳаммул, сару кор бо замин, оштию сулҳпазирӣ, тадбирҷӯӣ, худшиносӣ, талоши фарҳангӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, устувории оила, ифтихори ватандорӣ, шикастанафсӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, хушбинӣ, дӯстию рафоқат,иззату эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол, некӣ ва накӯкорӣ, адлу адолатҷӯӣ, дастгирии ятимону мӯҳтоҷон, канорачӯӣ аз хирсу ҳасад, кибру ғурур, кинаю

адоват, хиёнат ва аҳдшикани ва ғайра иборатанд.

Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гироми доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои милли, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад.

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқуозодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чи иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷадду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад.

Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиятҳои миллат мебошад.

Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба Ватани хеш дар назар дорад. «Фаромӯш набояд кард, ки таъкид мекунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳасти ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».

Ваҳдат – беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумуи даврон, ҳастии инсон дар ҳар замину замон аст. Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзабони берунмарзӣ мавқе ва мақоми онро дар миқёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши Созмони Миллали Муттаҳид ва бисер ташкилотҳои олам гардидааст. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гуё пандест аз гузаштаи дуру пешрафти маънавиёти кишвар. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем.

Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо ва монеаҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум ру ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шохроҳи пешрафту тараққиёт ру меорад. Ба ақидаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад. дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ, намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад».

Он дарахте, ки Президентамон ба сулҳу ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо, тоҷикон фахр месозем.

Хақиқатан, Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате. ки сулҳу амонӣ ва дустӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад, иқтисодиёташ тадричан меафзояд, ҳам аз ҷихати сиёсӣ ва ҳам аз ҷихати фарҳангӣ пеш меравад.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарчамъ омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имруз дар ҷеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандист, ваҳдату сулҳ падидор аст.

Дар давраи Истиқлолият бинои маъмурии Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон бо тарҳи замонавӣ сохта шуда, он дорои утоқҳои кории алоҳида ва толори баргузории ҷаласаҳо буда, дар саҳни бинои маъмурии Раёсат бо дастгирии Раиси вилояти Хатлон майдончаи варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар Паёми вай ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 ҷиҳати ташкил намудани китобхона аз тарафи роҳбарияти Раёсат чораандешӣ карда шуда, китобхона бо 342 номгӯи китобҳои илмӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтҳои фаъолият ва ашъори адибони классику муосири тоҷику ҷаҳон ташкил карда шудааст.

Барои таъмири пурраи бинои маъмурии шуъбаи минтақавӣ дар шаҳри Кӯлоби Раёсат низ аз ҳисоби маҳкомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 50 000 сомонӣ ҷудо гардида, таъмир ба охир расидааст.

Дар давраи фаъолият Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кор дар самти назорати давлатии молиявӣ ва пешгирию ошкоркунии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Тули фаъолияти 14-солаи худ Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 3 881 тафтишу санҷишҳои фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаю ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳоро гузаронида, ба маблағи умумии 224 499 690 сомонӣ зарари молиявӣ ошкор намуда, дар рафти тафтишу санҷишҳо аз маблағи умумии зарари ошкоршуда 160 778 086 сомонӣ рӯёнида шудааст.

Ҳайати шахсии Раёсат пурзур намудани мубориза бар зидди ришвахӯрӣ, дуздии моликияти давлатӣ бо роҳи азонихудкуни ва исрофкорӣ, саркаши намудан аз супоридани андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ, иқтисодиёти пинҳониро самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ ҳисобида дар ин давра баҳри ҳимояи манфиатҳои хизмати давлатӣ, моликият ва амнияти иқтисодии мамлакат 3 138 адад ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва вобаста ба андозро ошкор намуданд, ки аз ин ҳисоб 949 ададашро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳад.

Тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ин давра аз тарафи кормандони Раёсат нисбати 3 612 нафар шахсони мансабдор парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки аз ҳисоби онҳо 3 223 782 сомонӣ ситонида шуда, ба буҷаи давлат ворид карда шудааст.

Аз тарафи муфаттишони шуъбаи тафтишотии Раёсат тафтиши пешакии 821 адад парвандаҳои ҷиноятӣ ба итмом расонида шуда, ба судҳо фиристонида шудааст.

Ҳамзамон, баҳри боз ҳам васеътар ба роҳ мондани таблиғоти ҳуқуқӣ, ҷалби иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия ва дар ин раванд баланд бардоштани дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва бо мақсади баланд бардоштани фаъолнокии мардум дар мубориза бар зидди коррупсия ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳии тарзу усулҳои муроҷиати шаҳрвандон ба мақомотҳои давлати оиди омилҳои коррупсионӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аз тарафи роҳбарияти Раёсат чораҳои мушаххас андешида шуда, баҳри пурзӯр намудани ташвиқу тарғиби зиддикоррупсионӣ ҷиҳати ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ аз тарафи кормандони шуъбаи пешгирии коррупсияи Раёсат дар ин давра дар ин давра 1037 ташкилоту муассисаҳои давлатӣ вохӯриҳо гузаронида шуда, тавассути телевизионҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ 195 барномаю гузоришҳои кормандони Раёсат вобаста ба хатари коррупсия ба амнияти давлат ва ҷамъият ва оиди ҷиноятҳои коррупсионии ошкоргардида манзури аҳолӣ гардиданд.

Дар ин давра аз тарафи кормандони Раёсат ба мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилоту муассисаҳо 3 397

пешниҳодҳо баҳри бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидаткунанда ирсол карда шудааст.

Дар натиҷаи баррасии пешниҳодҳои ирсолшуда 2 488 нафар шахсони мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудааст, ки аз ин нисбати 492 нафар аз вазифа озод, нисбати 433 нафар ҷазои интизомӣ дар намуди «танбеҳ» ва нисбати 1 563 нафар ҷазои сарзаниш ва огоҳӣ татбиқ карда шудааст.

Дастгирӣ ва ғамхориҳои Пешвои миллат нисбат ба мақомоти Агентӣ ҳар яки моро водор месозад, ки фаъолияти пурсамар намуда, саҳми босазои худро дар мубориза бо коррупсия гузошта, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста меҳнати софдилона намоем.

Ба андешаи Президенти кишвар Истиқлолияти давлатӣ яке аз бузургтарин ҷашнҳои миллии мардуми тоҷик мебошад, аз ин рӯ баҳри гиромидошти мукаддасоти сарзамини аҷдодӣ ва таҷлили бошукуҳи он бояд тадбирҳои мушаххас амалӣ гардад. Ҳар яки мову шумо ҳамчун шахсони ватандӯст баҳри ободонии диёр ва маҳалли хеш иқдомҳои шоистаро амалӣ намуда, баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои созандаю бунёдкориро роҳандозӣ намоем.

Хулоса, тавассути истиқлолият Тоҷикистон тоҷикони ҷаҳонро бо ҳам оварда ва дари худро ба ҳаммиллатони бурунмарзӣ боз намуд. Имрӯз Тоҷикистон соҳибихтиёр аст. Мо бояд аз ин миллати барӯманд будани худ биболему, барои боз ҳам ободу зебо ва машҳур гардидани он кӯшишу ғайрат намоем.

ОЗОДАНДЕШӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Салимзода Сафар Ҳокимҷон – сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбедор, полковники адлия

Озодӣ ва шарҳи ин мафҳум дар адабиётҳои илмию таълимӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври мухталиф тавзеҳу баён гардиданд. Тадбиқи ин мафҳум танҳо дар ҷомеаҳое ба назар мерасад, ки ба таври комил равиши демократиро интихоб намуда, шароити арзандаро барои мардумаш муҳайё карда бошад. Дар қатори ин давлатҳое, ки озодӣ ва истиқлолии соҳаҳоро ба роҳ мондаанд, бегумон Тоҷикистони азизро метавон ном бурд.

Бо суръати тез тараққӣ кардани ҷаҳон, инҷилоб дар илму техника, табаддулоти бозори ҷаҳонӣ аз ҳар як шахс ва дар маҷмӯъ, аз ҳар як миллат муносибат ва диди навро ба ҳаёт талаб дорад. Аз ин рӯ, барои ҳар як фарди ҷомеа, халқу миллат лозим аст, ки ин муносибат ва дидро дар асоси талаботи замон, вале дар заминаи фарҳанги миллию таърихии хеш дарк, пазирофӣ ва амалӣ гардонад.

Дар замони рушди раванди ҷаҳоншавӣ танҳо ба тавассути нигоҳ доштани беҳтарин арзишҳои миллӣ, таърихӣ, эътиқодӣ ва корбасти онҳо дар заминаи навтарин дастовардҳои муносибати миллатҳо метавонад боиси ҳамқадами замон шудани ин ё он миллат гардад. Ва бо боварии комил метавон гуфт, ки давлату миллати мо низ яке аз давлатҳои соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, ҳаматарафа барои кӯшиш намудан ва ба сатҳи баланд бардоштани вазъияти иқтисодию сиёсӣ даст задааст. «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар мисоли он ҷомеаи Тоҷикистон дар чӣ ҳолати ҳассосе қарор доранд ва дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ ва рушду инкишофи худ бо чӣ гуна таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ рӯ ба рӯ шудаанд».

Давлати соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои абарқудрат ва демократии ҷаҳони муосир фаъолият ва роҳи беҳтаринро барои рушду нумӯи вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсиву ҳуқуқи миллату давлат ба даст кард. «Дар таърихи навини халқи тоҷик ба шарофати сиёсати хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ташаккулу таҳаввул ёфтани давлатдории миллӣ, эҳёи дубораи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёду тамаддунофарамон, ки яке аз пуразиштарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлол маҳсуб мегардад, ширкат дар ҳалли масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ баёнгари мавқеи устувори кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб

меравад ». Аз ҷумла, дар даврони соҳибистиқлолият масъалаи озодӣ тамоми гушаҳои Тоҷикистонро фаро гирифта, ҳуқуқи озодиро нахустин шиор миёни мардуми бумии тоҷику тоҷикистониён барпо намуд.

Бояд хотиррасон намуд, ки дар боби дуввум, ҷисми «а»-и моддаи 40-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, яъне «Ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад».Тибқи моддаи мазкур дар Тоҷикистон имрӯз шароитҳо мукаммал аз ҳар ҷиҳат барои халқу миллат фароҳам буда, инчунин ба сатҳи баланд бардоштани ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми ин кишвар саҳми худро гузошт. Хотиррасон кард, ки нақши асос ва муҳимро махсусан ҷавонони миллат бозӣ карда, дар оянда барои шукуфоии давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро гузоранд.

Новобаста аз чунин таҳаввулот, баъзе масъалаҳои дигар, ҳанӯз дар ҷустуҷӯи ҳалли дурусти худ ниёз ба тадқиқоту ковишҳо доранд. Роҳи ҳалли масъалаи марбут тавассути иродаи қавӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, ҷаҳонбинӣ ва билохир малакаи баланди ҷомеа, махсусан шахсони тавонову нуқтасанҷ дар Тоҷикистони имрӯза ба даст хоҳанд омад. Ҳамчунин, тазаккур дод, ки дар Тоҷикистони имрӯза, то чи андоза тағйирот ба амал омаданд ва ҷомеа қадамҳои эътимоднок дар роҳи зиндагӣ ба даст кардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи мазкур чунин овардааст: «Сарфи назар аз тағйирот дар ҷаҳон дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, дар соҳаи амният, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди пешрафтаи иқтисодӣ қадамҳои эътимоднок мегузорад ва дар роҳи таъмини зиндагии шоистаи мардум ба ҳадафҳои стратегӣ ноил мегардад».

Бояд тазаккур дод, ки озодӣ ва озод будан маънои аз Конститутсияи давлату миллат даст кашиданро надорад, балки дар доираи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ва шояд будану зистан аст. Бо чунин шароитҳои муфид ҳар як фарди кишвар набояд ниёз ба озодӣ, балки кушиши аз даст надодани онро андеша кунад, зеро мафҳуми «демократия» мавқеъ ва манзалати худро дар байни мардуми ин кишвар аллакай ба даст кардааст. Тибқи андешаи Р. Доварӣ «Дар ин ҷо наметавон дар баҳси нисбати миёни ниёз ва озодӣ ворид шуд, аммо ишора мекунем, ки одамӣ ҳамвора ва ҳамеша айни ниёзу ниёзмандӣ аст ва ниёзу ниёзмандиро набояд мизони озодӣ ва зарурат донист» [9; 26]. Ва ин маънои онро надорад, ки ниёзманд ҳуқуқи худро дар озодӣ аз даст дод ва ба маънои васеътар ин муносибати байни афродро дар назар дорад. Муҳимаш ин аст, ки ҷомеаи муосири кишвари Тоҷикистон, махсусан ҷавонписарону ҷавондухтарон бояд барои рушду нумӯи вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа бештар талошҳо варзида тавонанд.

Қобили қабул аст, ки мубрамиятро дар даврони муосир геополитика ва нақши он дар ҷомеа бозӣ мекунад ва бархе аз масоил то имрӯз бар зиммаи мардуми оддӣ бор шудааст. Чунин масъалаҳо аз лиҳози маҳдудияти ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ, камсаводиву шуури пасти қисмати аз ҷавононе, ки дар ватан ва берун аз он ба назар мерасанд, ки ҳанӯз бар зидди давлату миллат баромада, бар хилофи давлату сиёсат, озодиву осудагӣ баромад доранд. «Абарқудратон таҷовузоти нангини худро таҳти шиори «азнавсозӣ» дар даврони «нуфузи фарҳангӣ» дар Ховари Наздик ба тадриҷи амалӣ сохта, дар ин самт ба дастовардҳои «назаррас» низ ноил гаштаанд». Пас, чунин масъалаҳои хатарнок то чӣ андоза зисту зиндагии рӯзмараи халқу миллатро ба дараҷаи паст такон дода, ҳатто нооромӣ ва хусуматро барпо мекунанд.

Маълум аст, ки чунин масъалаҳо асосан аз нафаҳмидани усули зиндагии моддӣ ва маънавӣ ба амал омада, то нуқтаи охирини он, ки натиҷааш ҷангу нооромӣ аст, мерасонанд. Ин бо дарки пасти шууру идрок, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ ва инчунин диққати ҷиддӣ додан ба баъзе равияҳои тундрав ва хатарзо мебошанд. Аз ин рӯ, вазифаи ҷавонон дар он аст, ки бояд аз баъзе андешаҳои мухталиф огоҳии

комил дошта бошанд. Чи тавре, ки Пешвои миллат таъкид мекунад: «Дар натиҷаи равандҳои ҷаҳоншавӣ робитаи байниҳамдигарии халқҳои ҷаҳон мазмуни нав пайдо кард ва имрӯз, агар дар ягон мамлакати хурду калон таркиш ба гӯш расад, дарҳол акси садои он кишварҳои дигарро фаро мегирад». Зеро, Тоҷикистони азизи мо ниёз ба виҷдони тозаи ҳар як шаҳрвандро дорад, то ки барои миллату давлат ҳамчун фарзанди азиз ва меҳрубон хизмати арзанда ба ҷо оранд. Ва баръакс хиёнат ба давлат кардан ин ватанфурӯшӣ, ё ин ки тоҷик набуданро аз рӯи виҷдон нишон дода, шаъну шарафи худро паст зада, ҳатто нангу номуси миллати тоҷикро аз байн мебарад.

Хотиррасон кард, ки бархе аз инсонҳои камирода озодӣ ва озодона зиндагиро дар давлатҳои демоктарӣ ба нафъи корҳои ғайриқонунӣ истифода намуда, инчунин хавфу хатар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ низ мебошанд. Ва ин маънои онро надорад, ки озод будани шахс хиёнати давлат ё вайронкунандаи қонуни он гардад, махсусан дар давлатдории демократӣ. Мардуми бумӣ фикри онро набояд кард, ки демократия ва озодии умумибашарӣ моли ғайриисломӣ ё ин ки давлатон Ғарб аст. «Давлати дунявӣ бо ҷаҳони муосир бештар ҳамкорӣ ба вуҷуд меоварад. Мардумсолорӣ, ки ҷавҳари демоктария мебошад, ҳеҷ вақт танҳо хоси як миллат ва ё ягон кишвари муайян набуд ва барои ҳамин ҳам касе ҳақ надорад, ки демократияро маҳсули сирф Ғарб ва ё Шарқ эълон намояд». Пас, вазифаи фардии ҳар як шахс ҳимоя кардани ҷомеа, миллату давлат буда, озод будан тафаккури инфиродӣ бо ҳисси рафторҳои дағал ва ғайри давлату қонун равона набошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои демократӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода, ҳадафи куллаи баланд расиданро ба назар доранд. Дар масъалаи зикргардида Пешвои миллат таъкид доранд, ки «Ин орзуи ҳазорсолаи миллат ва дастоварди бебаҳои таърихӣ мебошад». Ин аст, ки бархе аз афродҳои нуқтасанҷ ва бориқбин бо чунин масъалаҳо рӯ ба рӯ буда, танҳо вақти хешро бидуни аз хизмат дар давлат ва миллат ба кор намебаранд.

Ҳамчунин, дар даврони имрӯза баъзе аз масъалаҳои инфиродӣ низ ҳастанд, ки барои вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ халали ҷиддӣ доранд ва аз озодӣ дар давлат истифода карда, даст бар корҳои ғайриахлоқӣ дароз мекунанд. Хотиррасон бояд кард, ки бар зидди сиёсати чунин масъалаҳо на танҳо Тоҷикистони имрӯза, балки тамоми кишварҳои демократӣ рӯ ба рӯ ҳастанд ва муборизаҳои сиёсӣ низ доранд. Қобили қайд аст, ки чунин равия ва ё ин ки ҳаракатҳо хатари аз байн бурдани сулҳу суботи миллату давлатро ба назар доранд. Бештар чунин андешаҳо зери нуфузи таъсироти динӣ барпо мешаванд. «Дар ҳаёти имрӯзи Тоҷикистон озод будан аз таъсири мафкураи динӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар, фаъолияти озоду мустақилонаи давлат, сохтори он ба мушоҳида мерасад». Пас, ба хулоса расидан мумкин аст, ки ягона роҳи дур будан аз чунин ҳаракатҳо ин бо ҳисси тамоман банд будани ҳар як фардро ба хондану илм омӯхтан мебошад. Новобаста аз андешаи бархе аз шахсони камирода, инчунин бархе дигаре аз афрод комилан ба таҳсилот, бархурд аз илму дониш, таъмин шудан аз ҷои кор ва билохир барои хизмат дар давлат банд буда, ҳамчун озодона дар давлати ҳуқуқбунёду соҳибистиқлол кор ва фаъолият доранд. Ва ин ифтихори давлату миллат аст, агар дар дунёи муосир номи кишвари Тоҷикистон ва миллати тоҷик хуб шинохта шудааст.

Хотиррасон намуд, ки имрӯз баъзе аз кишварҳои олам дар ҳоли ногувор буда, рӯ ба таназзул доранд ва ин амалиётро аломати нуқсони динӣ низ ҳисоб мекунанд. Олими амрикоӣ Ҷорҷ Корм чунин овардааст: «Дар дунёи имрӯза баъзе халқиятҳо дар ҳолати бухрон гирифтор шуданд ва ин амалиёт танҳо аз ҳисоби баъзе масъалаҳои динӣ ба вуҷуд омад». Агар ба нуқтаи назари муҳаққиқи амрикоӣ диққати ҷиддӣ орем дуруст аст, ки дар баъзе кишварҳо дин дар ҳолати догматизм қарор ёфта, пешравӣ надорад ва ҷомеаи вобастшударо аз сатҳи зиндагии дунявӣ боз медорад. Аниқтараш ин аст, ки дину мазҳаб набояд шахшуда бошанд, балки фаҳмиши он

бояд мутаҳаррик буда, ҳамеша дар таҳаввул ва мувофиқи талаботи замон бошад.

Муҳимтарин нуқтаи назар дар озодӣ ин муносибати озодӣ ва илм қайд кардан мумкин аст. Озодиҳое, ки мо имрӯз дар назар дорем қабл аз қарни XVIII тақрибан вуҷуд надошт ва илми ҷадид пеш аз ин на дар муҳити озодӣ, балки дар миёни оташу хун оғушта буд. Ба чунин посухҳо комилан таърихи фалсафа гувоҳ аст, вале ин як мавзӯи доманадор буда ба тадқиқоти алоҳида ниёзи бештар дорад. «Вале асли озодии илм, ё лоақал озодии илми ҷадид, гарчи бо озодии сиёсӣ озодии расмӣ ва қонунӣ аст, ки бо тарҳи эъломияи ҳуқуқи башар эътибори ому ҷаҳонӣ пайдо кард». Пас, агар пайдоиши илм таваққуфёфта ба озодӣ бошад, дину фалсафа бештар ба озодӣ ниёз доранд, аммо ҳеҷ кадоме аз инҳо дар давраи озодӣ ба камол нарасидаанд. Новобаста аз ин вазифаи башарият дар олами ҳастӣ роҳи дурусти интихоб кардан аст ва ин чизро нахуст дар озодӣ дарк кардан мумкин аст. Нодуруст ин аст, ки риштаҳои илмӣ фақат дар дохили илм, балки берун аз он низ дар дигар масъалаҳо бояд арҷи худро гузорад. Зеро ин аст маънои аслии озодӣ ва демократия. Тибқи андешаи Гегел «озодӣ ҳадафи рушди таърихӣ ба ҳисоб меравад». Аз ин рӯ, дар табадуллотҳои таърихӣ, ҳар давру замон инсони камолёфта бо илму дониш рӯ ба рӯ шуда, барои тадқиқу таҳрир кардани ин ё он масъала диққати ҷидӣ медиҳад.

Хуллас, Ҷумҳурии Тоҷикистонро имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари рӯ ба рушд мешиносанду арзишҳои давлатдориашро эътироф мекунанд. Низоми давлатдориаш сирф гуманистӣ буда, барои ташкили ҳаёти арзанда имкониятҳои фаровону густардаеро муҳайё намудааст.

Адабиёт:

1. Антиксон У. Наука самосовершенствования и влияния на других.– М., 2012.– 288 с.
2. Зиёев И. Ахлоқ.– Душанбе, 2020.– 420 с.
3. Карл Поппер. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ.2 / Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ.– Душанбе, 2020, 436 с.– С.95.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: Ганҷ, 2016.– 135 с.
5. Корм Жорж. Религиозный вопрос в XXI веке. Геополитика и кризис постмодерна / Жорж Корм.– М., 2012.– 288 с.
6. Лимэн Олвер. Введение в классическую исламскую философию.– М., 2009.– 280 с.
7. Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ДДҲБСТ.– Хуҷанд: «Ношир», 2019, 604 с. –С.13.
8. Рахмон Эмомали. О современном мире и соновных аспектах внешней политики Республики Таджикистан.– Душанбе, 2019, 222 с.– С.26, 109, 206.
9. Ризои Доварӣ. Дар бораи илм // Таҳти назари академик М. Илолов.– Душанбе, 2010, 347 с.– С.26, 195.
10. Саид Нуриддин Саид, Аҳмадов С., Нурулҳақов Ҷ. Диншиносӣ.– Душанбе, 2019, 484 с.– С.462, 464–465.
11. Таърихи фалсафаи тоҷик.– Ҷ.2.– Душанбе, 2016.– 892 с.
12. Шамолов А.А. Бозиҳои геополитикӣ.– Душанбе: Дониш, 2015, 133 с.– С.4, 11.
13. Энциклопедический словарь по эпистемологии.– М., 2011.– 480 с.

«Озодандешӣ дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол»

Масъалаи озодӣ ва озодандешӣ дар ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ яке аз умдатарин ва баҳсбарангезтарин мавзуи доғи рӯз маҳсуб меёбад. Кафолати озодӣ дар соҳаҳои амалкунандаи сохтори давлатдорӣ тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дигар асноди марбут ба танзимкунандаи ҳуқуқи башар таъмин карда мешавад. Маводи таҳлилӣ бо такя ба манобеи фалсафӣ, сиёсӣ ва таърихӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқ ва омӯзиши арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ, динӣ, давлатдорӣ ва таблиғу тарвиҷи он дар заминаи мавҷудияти озодӣ ба вуҷуд омада, нуфуз ва эътибори миллатро дар миёни дигар ақвоми башар таҳким мебахшад. Инъикоси нуктаҳои болозикр дар маводи пешниҳодшуда ҳарчанд маҳдуд

таҳлил шуда бошанд ҳам, аммо таъкидҳо ва ишораҳои мазмунӣ дида мешавад.

Яке аз афзалияти маводи пешниҳодшуда ин судмандона ва бомавқеъ истифода бурдан аз китобҳои арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки масъалаи мазкур дар ин китобҳо амиқ шарҳ ёфтаанд.

«Свободомыслие в обществе независимого Таджикистана»

Вопрос свободы и свободомыслие в современном мировом обществе – является одым из самых актуальных и противоречивых проблем. Гарантия свободы в существующих сферах государственного устройства обеспечиваются нормативными правовыми актами и иными документами, регулирующими права человека. Аналитические материалы рассматриваются на основе философских, политических и исторических источников. Исследование и изучение культурных, национальных, религиозных, государственных ценностей и их продвижение основано на существовании свободы и укрепляет авторитет и престиж нации среди других народов. Отражение вышеперечисленных моментов в представленном материале, хотя и проанализировано ограниченно, сопровождается акцентами и контекстными ссылками.

Одним из преимуществ представленных материалов является эффективное и своевременное использование ценных книг Основателя мира и национального единства – Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, в которых подробно раскрывается этот вопрос.

«Free thinking in the society of independent Tajikistan»

The issue of freedom and free thinking in modern world society is one of the most actual and controversial problems. The guarantee of freedom in the existing spheres of the state structure is provided by normative legal acts and other documents regulating human rights. Analytical materials are considered based on philosophical, political and historical sources. Research and study of cultural, national, religious, state values and their promotion is based on the existence of freedom and strengthens the authority and prestige of the nation among other peoples. The reflection of the above points in the presented material, although analyzed in a limited way, is accompanied by accents and contextual links.

One of the advantages of the presented materials is the effective and timely use of the valuable books of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, His excellency Emomali Rahmon, in which this issue is disclosed in detail.

Калидвожаҳо: озодандешӣ, соҳибистиқлолӣ, озодӣ, ватан, ҷомеа, арзишҳои миллӣ, халқ ва миллат.

Ключевые слова: свободомыслие, независимость, свобода, отечество, общество, национальные ценности, народ и нация.

Keywords: free thinking, independence, freedom, homeland, society, national values, people and nation.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Салимзода Сафар Ҳокимҷон* – сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе. Тел.: (+992) 880-00-62-66, e-mail: dushanbe@anicorruption.tj.

Сведение об авторе: *Салимзода Сафар Хокимджон* – начальник Управления Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан по городу Душанбе. Тел.: (+992) 880-00-62-66, e-mail: dushanbe@anicorruption.tj.

Address for correspondence: *Salimzoda Safar Hokimjon* – Head of Department of the Agency for state financial control and combating corruption of the Republic of Tajikisatan in Dushanbe city. Tel.: (+992) 880-00-62-66, e-mail: dushanbe@anicorruption.tj.

КОРРУПСИЯ ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБЕСТ, КИ ЭЪТИМОДИ МАРДУМРО БА ДАВЛАТ КОСТА ГАРДОНИДА, ОБУРӮВУ ЭЪТИБОРИ ОНРО КОҲИШ МЕДИҲАД, БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ПИНҲОНӢ ВА ИСТИФОДАИ ҒАЙРИМАҚСАДНОКИ МАБЛАҒҲОИ ДАВЛТИВУ ҶАМЪИЯТӢ ШАРОИТ ФАРОҲАМ МЕОРАД ВА ДАР МАҶМӮЪ, БОИСИ ПОЙМОЛШАВИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ЗАИФ ШУДАНИ ПОЯҲОИ АХЛОҚИИ ҶОМЕА МЕГАРДАД.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Расми хотиравии ҳайати шахсии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Акси хотиравии роҳбарияти Агентӣ

Ҳамкориҳои байналмилалии Агентӣ рушд меёбанд

Агентӣ мутобиқи қонунгузории кишвар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст.

Аз ҷумла, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе ҷиҳати ҳамоҳанг намудани ҳамкориҳо дар соли 2022 санаи 19 апрели соли 2021 мулоқоти кории директори Агентӣ муҳтарам Султонзода Сулаймон Саид бо роҳбари Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе ҷаноби Валериу Кивер баргузор гардид.

Маврид ба зикр аст, ки аз нимсолаи дуюми соли 2019 Агентӣ раисикунандаи Шӯрои ҳамоҳангсози мақомоти тафтиши молиявии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (КСОНР) буда, кормандони Агентӣ ҳамчун аъзои Котиботи Шӯрои мазкур ҳамоҳангсозиро дар ин самт ба таври зарурӣ ба роҳ мондаанд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони Агентӣ лоиҳаҳои «Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти мубориза бар зидди коррупсия», «Ёддошти тафоҳум байни Агентии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари миллии ҳисоби Ҷумҳурии Исломии Покистон» омода карда шуда, дар моҳи июни соли 2021 ба имзо расонида шуданд.

Илова бар ин, лоиҳаҳои «Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комисияи зиддикоррупсионии Фаластин оид ба ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия», «Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти мубориза бар зидди коррупсия», «Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Беларус дар самти мубориза бар зидди коррупсия» ва «Ёддошти тафоҳум байни Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими ҳамкориҳо» пас аз гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, бо роҳҳои дипломатӣ барои мувофиқа ва пешниҳоди таклифҳо ба мақомотҳои масъули кишварҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Дар асоси розигии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон директори Агентӣ рӯзҳои 16–17 июни соли 2021 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҷаласаи чоруми роҳбарони ташкилоти зидди коррупсия ва омбудсменҳои кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ОЭС) иштирок ва дар атрофи сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт суханронӣ намуданд.

Аз 2 то 4 июни соли 2021 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка иҷлоси махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид тариқи маҷозӣ (онлайн) баргузор гардид, ки дар он бори аввал дар таърихи Агентӣ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Султонзода Сулаймон Саид дар атрофи сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва дастовардҳо дар ин самт суханронӣ намуданд.

Агентӣ минбаъд низ фаъолиятро дар самти муносибатҳои байналмилалӣ тақвият бахшида ҷиҳати таҳким ва рушди муносибатҳои дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ аз тамоми имкониятҳо истифода менамояд.

Вохурии расмии директори Агентӣ Султонзода Сулаймон Саид бо Сафири Ҷумҳурии Федеративии Германия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Андреас Протманн



Вохӯрии расмии директори Агентӣ Султонзода Сулаймон Саид бо сафири Давлати Фаластин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Луай Исо

Воҳӯрии расмии директори Агентӣ Султонзода Сулаймон Саид бо Роҳбари Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Валериу Кивер

Суханронии директори Агентӣ Султонзода Сулаймон Саид дар иҷлоси махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳиди Америка

Баимзорасонии Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари миллии ҳисоби Ҷумҳурии Исломии Покистон

Иштирок ва суханронии директори Агентӣ дар ҷаласаи IV роҳбарони ташкилоти зидди коррупсия ва омбудсменҳои кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ОЭС) дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Воҳӯрии директори Агентӣ бо ҳайати расмии Аморати Муттаҳидаи Араб

ВАРЗИШ ҚИСМИ МУҲИМИ ФАРҲАНГИ УМУМИБАШАРӢ ВА ҚОСИДИ СУЛҲУ АМОНӢ БУДА, БА ТАҲКИМИ САЛОМАТӢ ВА ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ ҶИСМОНИВУ МАЪНАВИИ ИНСОН, ХУСУСАН ҶАВОНОН МУСОИДАТ МЕКУНАД.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Мусобиқаи варзишӣ дар намуди «Футбол» миёни кормандони Агентӣ

Мусобиқаи варзишӣ дар намуди «Баскетбол» миёни кормандони Агентӣ

МУНДАРИҶА

Султонзода С.С. Бахшида ба ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4

Раҳмон Ю.А. Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ 7

Шермуҳаммад Ш. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ 12

Саймумин Ятимов. Илм ва амният 15

Ҳусейнзода С.Ҳ., Ғафуров М.С. Татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Сингапур 25

Воҳидзода Ҳ.С. Рисолати бузурги давлатдорӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ 31

Идрисзода И.М. Истиқлолияти давлатӣ, коррупсия ва тадбирҳои ҳукумати мамлакат дар мубориза ба он 38

Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Ифротгароии динӣ ва сабабу омилҳои густариши он дар фазои Осиёи Марказӣ 42

Қодирзода Д.С. Коррупсия ва таъсири он ба амнияти миллӣ 47

Салимзода Ш. Рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ 51

Шарипов А.Н., Мирзоев Ҳ.Т. Дастовардҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон 57

Маҳмадзода М.Ф. Рушди қонунгузории миллӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар замони соҳибистиқлолӣ 64

Аламшозода Ф. Истиқлолият – марҳилаи нави давлатдории тоҷикон 69

Абдулманонзода А.А. Ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ яке аз роҳҳои самараноки пешгирии коррупсия 75

Камолзода Ф.А. Сиёсати кадрии мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 77

Ашурзода Ҷ.А. «Истиқлолият – муқаддастарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ» 80

Ашурзода Ҷ.А. – Муовини сардори Раёсати тафтишотии Агентӣ, майори адлия 80

Бобохонзода К.С. Мафҳуми самаранокии ҷазо 83

...Зуҳуроти коррупсионӣ дар раванди ташаккули танзими андозии нархгузории трансфертӣ 88

Аваззода Ш.Т. Таҳкими сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ дар пойдории Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои мухталиф 93

Иброҳимзода К.И. Истиқлолият неъмати бебаҳост 97

Салимзода С.Ҳ. Озодандешӣ дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол 102

Аксҳо 107